**Рамзи 6 -** «бевамард, бевазан» **- ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки пештар дар акди никоҳ қарор дошта буданд (новобаста аз он, ки акди никоҳ ба қайд гирифташуда буд ё не), вале ин никоҳ бо сабаби фавтидани зан (шавҳар) қатъ гардид ва шахс дар акди никоҳи нав қарор надорад. Пас аз пур кардани ин рамз пурсиш барои шахси мазкур ба саволи 10 идома меёбад.**

**Рамзи 7-** «муҷаррад» **- ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки ҳеҷ вакт дар акди никоҳ, на дар қайдшуда ва на дар қайднашуда, қарор надоштаанд. Пас аз пур кардани ин рамз пурсиш барои шахси мазкур ба саволи 10 идома меёбад.**

**Рамзи 96** – «дигар» **- ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки вазъи оилавии онҳо ба ҳолатҳои дар боло номбаргардида таалуқ надорад.**

Саволи 8. Оё ҳамсари [НОМ] айни замон дар хоҷагӣ зиндагӣ мекунад?

**Ҷавоб ба ин савол ду вариантро пешбинӣ намудааст: рамзи 1- «ҳа» ва рамзи 2 – «не».**

**Рамзи 1 – «ҳа» -қайд карда мешавад, агар зану шавҳар дар як хонавода истиқомат кунанд.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар ҳамсари пурсидашаванда дар ҳамин хонавода истиқомат намекунад. Ҳамзамон, агар дар <u>саволи 7 рамзи 5</u> – «ҷудо зиндагӣ мекунанд» интихоб шуда бошад, пас дар саволи 8 бояд рамзи 2 - «не» интихоб карда шавад.**

**Дар мавриди қайд гардидани рамзи 2 – «не» гузариш ба саволи 10 амлӣ мегардад.**

Саволи 9. Ҳамсари [НОМ] кӣ аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол рақами тартибии ID-и ҳамсари [НОМ] нишон дода мешавад, яъне ба шавҳар рақами тартибии ҳамсар, ки дар сутуни ID-и Ростер (рӯйхат) навишта шудааст, гузошта мешавад ва ба зан рақами тартибии ҳамсар, ки дар сутуни ID-и Ростер (рӯйхат) навишта шудааст, гузошта мешавад.**

**Мисол, дар Рӯйхати хонавода шавҳар дар сутуни ID бо рақами «3» ва зани ӯ бо рақами «4» навишта шудаанд. Дар ҷавоб ба саволи 9 барои шавҳар дар сутуни ҷудогардида рақами «4» ва барои зани ӯ рақами «3» навишта мешавад.**

**Агар дар хонавода ҳолате вохӯрад, ки мард ду зан дорад ва ҳардуи он ҳамроҳаш дар як хонавода истиқомат мекунанд, дар ин ҳолат фақат барои яке аз занҳо рақами тартибии шавҳар қайд карда мешавад; барои шавҳар низ мутаносибан рақами тартибии ҳамон зан қайд карда мешавад.**

**Дар мисоли мо, барои зани дуюми рақами тартибии ҳамсар (шавҳар) умуман нишон дода намешавад, ҳарчанд агар <u>дар саволи 7 рамзи 2</u> – «издивоҷи анъанавӣ/никоҳ» қайд гардида бошад ҳам.**

Саволи 10. Дар давоми 3 моҳи охир [НОМ] чанд ҳафта дар хоҷагӣ ҳузур надошт?

**Дар ҷавоб ба ин савол, агар ҳолати дар давоми 3 моҳи охир дар хоҷагӣ [НОМ] ҳузур надошт мавҷуд бошад, пас мутаносибан вобаста ба миқдори ҷамъи ҳафтаи ҳузур надоштан дар хонавода, яке аз рақамҳои аз 1 то 12 гузошта мешавад.**

**Дар акси ҳол, яъне агар [НОМ] дар давоми 3 моҳи охир доимо дар хонавода ҳузур дошт, рақами «0» гузошта, ба пурсиши шахси навбатӣ гузаред. Агар [НОМ] се моҳ ба пуррагӣ ҳузур надошт, рақами «12» -ро нависед ва пурсишро ба ҳамин шахс идома диҳед.**

Саволи 11. Сабаби охирини набудани ӯ дар чӣ буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол барои шахсоне, ки дар саволи 10 рақамҳои аз 1 то 12 гузошта шуда буданд, яке аз рамзҳои мувофиқ қайд карда мешавад:**

| | |
|---|---|
| **Кор дар дигар қисмати кишвар** | **1** |
| **Кор дар дигар кишвар дар ҳудуди ИДМ** | **2** |
| **Кор дар дигар кишвари берун аз ИДМ** | **3** |
| **Таҳсил** | **4** |
| **Рухсатӣ/ таътил** | **5** |
| **Дидори хешу табор** | **6** |
| **Дар беморхона / дар табобат** | **7** |
| **Дар маҳбас** | **8** |
| **Дар артиш** | **9** |
| **Сафари хизматӣ** | **10** |
| **Дигар** | **96** |

Саволи 12. Оё [НОМ] дар муддати моҳи охир пурра (ҳамарӯза) дар хона буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» ва рамзи 2- «не» пешбинӣ шудааст.**

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати моҳи охир пурра (ҳамарӯза) <u>дар хона буд</u>.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати моҳи охир пурра (ҳамарӯза) <u>дар хона набуд</u>.**

Саволи 13. Оё [НОМ] дар муддати 3 моҳи охир пурра (ҳамарӯза) дар хона буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» ва рамзи 2- «не» пешбинӣ шудааст.**

### 4.3.1 Модули 2. Муҳоҷират- қисми А

Модули 2. Муҳоҷират-қисми А танҳо барои аъзоёни 14-сола ва калонтари хонавода пур карда мешавад.

Даврияти пур кардани модули 2. Муҳоҷират – қисми А як маротиба дар семоҳаи якум мебошад.

Саволи 1. То ҷои истиқомати ҳозира оё [НОМ] дар ягон ноҳияи дигари Тоҷикистон зиндагӣ мекард ва ё аз дигар кишвар ба Тоҷикистон омадааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» ва рамзи 2- «не» пешбинӣ шудааст.**

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] то ҷои истиқомати ҳозира дар ягон ноҳияи дигари Тоҷикистон ё дар дигар кишвар <u>истиқомат карда бошад</u>. Ҳангоми қайд кардани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои ин аъзои хонавода идома дорад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] то ҷои истиқомати ҳозира дар ягон ноҳияи дигари Тоҷикистон ё дар дигар кишвар <u>истиқомат накарда бошад</u>. Ҳангоми**

**қайд кардани рамзи 2 - «не» бояд барои ин аъзои хонавода гузариш ба модули оянда (навбатӣ) амалӣ шавад.**

Саволи 2. Аз кадом ноҳия ва ё кишвар [НОМ] кӯчидааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол кишвар ё вилоят, ноҳия ва шаҳри Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад. Дар мавриди нишон додани ягон давлат/кишвари дигар, дар барномаи электронии планшет номгӯи 170 давлати дунё, яъне таснифоти давлатҳои хориҷӣ, ки тариқи номгузории алфавитӣ сабт карда шудааст, пайдо мешавад.**

**Дар мавриди нишон додани ягон ноҳия ва ё шаҳри Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври автоматикӣ рамзи вилоят, ноҳия/шаҳри Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад. Мисол, пурсиши хонавода дар шаҳри Душанбе гузаронида шуда истодааст. Шахси дорои ID-и рақами 2-и ҳудуди хонавода дар саволи мазкур ҷойи истиқомати пешинаи худ шаҳри Бохтари вилояти Хатлонро нишон додааст. Дар ин ҳолат ба таври автоматикӣ дар планшет рамзи вилояти Хатлон ва шаҳри Бохтар пайдо мешавад.**

**Агар дар мавриди дар хонавода ягон аъзои хонавода ба саволи мазкур ҷои истиқомати пешинаи худ ягон давлати дигарро нишон диҳад, ба мисол, Қазоқистон, пас дар ин ҳолат дар планшет ба таври автоматикӣ рамзи давлати Қазоқистон нишон дода мешавад.**

Саволи 3. Барои чӣ [НОМ] аз [ноҳия ё мамлакати саволи 2] ба ин ҷо кӯчид?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои дахлдор гузошта мешавад:**

| | |
|---|---|
| **Барои кор кардан/ҷустуҷӯи кор** | **1** |
| **Барои ҳамроҳшавӣ бо оила/барои хонадоршавӣ** | **2** |
| **Бо оилааш кӯчид** | **3** |
| **Бо сабаби саломатӣ** | **4** |
| **Барои таҳсил** | **5** |
| **Бо сабабҳои бехатарӣ** | **6** |
| **Офатҳои табиӣ** | **7** |
| **Кӯчидан бо қарори давлат** | **8** |
| **Дигар** | **96** |

Саволи 4. Кадом сол [НОМ] ба ҷои истиқомати ҳозира кӯчид?

**Дар ҷавоб ба ин савол соли кӯчида омадани шахс ба ҷои истиқомати ҳозира пурра (чоррақама) нишон дода мешавад.**

**Агар шахс соли кӯчидан ба ҷои истиқомати ҳозираро дар хотир надошта бошад ё намедонад, пас рамзи 9999 – «намедонам» қайд карда мешавад.**

Саволи 5. То ҷои истиқомати ҳозира оё [НОМ] дар ягон ноҳияи дигари Тоҷикистон зиндагӣ мекард ва ё аз дигар кишвар ба Тоҷикистон омадааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд рамзи 1- «ҳа» ва рамзи 2- «не» интихоб карда мешавад. Дар мавриди интихоби рамзи 2- «не» барои шахси мазкур пурсиш ба модули оянда (навбатӣ) мегузарад.**

Саволи 6. Пеш аз [ноҳия ё мамлакати саволи 2] [НОМ] дар кадом ноҳия/шаҳр зиндагӣ мекард?

**Дар ҷавоб ба ин савол нишон дода мешавад, ки шахси пурсидашаванда то иваз кардани ҷойи истиқомати дар саволи 2 нишон дода шуда, дар кадом ноҳия/шаҳри Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат кардааст. Мисол, шахси дорои ID-и рақами 2-и ҳудуди хонавода дар саволи 2 ҷойи истиқомати пешинаи худ шаҳри Бохтари вилояти Хатлонро нишон дода буд. Дар ҷавоб ба саволи 6 ҳамчун ҷойи истиқомат то шаҳри Бохтари вилояти Хатлон шаҳри Ваҳдатро нишон додааст.**

**Дар ҳолати дигар, агар ягон аъзои хонавода дар саволи 2 ҷойи истиқомати пешинаи худ дигар давлат, мисол, Қазоқистонро нишон дода бошад, ва дар мавриди дар дигар минтақаи ҷумҳурӣ то зистан дар Қазоқистон ҷойи истиқомат доштани ӯ, ҳамон минтақа (ноҳия, шаҳр) нишон дода мешавад. Ба мисол, то зистан дар Қазоқистон шахс дар шаҳри Хоруғи ВМКБ истиқомат карда буд.**

Саволи 7. Барои чӣ [НОМ] аз [ноҳия/шаҳри саволи 6] ба [ноҳия/шаҳри саволи 2] кӯчид?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои дахлдор гузошта мешавад:**

| | |
|---|---|
| **Барои кор кардан/ҷустуҷӯи кор** | **1** |
| **Барои ҳамроҳшавӣ бо оила/барои хонадоршавӣ** | **2** |
| **Бо оилааш кӯчид** | **3** |
| **Бо сабаби саломатӣ** | **4** |
| **Барои таҳсил** | **5** |
| **Бо сабабҳои бехатарӣ** | **6** |
| **Офатҳои табиӣ** | **7** |
| **Кӯчидан бо қарори давлат** | **8** |
| **Дигар** | **96** |

**Мисол, шахси дорои ID-и рақами 2-и ҳудуди хонавода дар саволи 2 ҷойи истиқомати пешинаи худ шаҳри Бохтари вилояти Хатлонро нишон дода буд. Дар ҷавоб ба саволи 6 ҳамчун ҷойи истиқомат то шаҳри Бохтари вилояти Хатлон шаҳри Ваҳдатро нишон додааст. Дар ҷавоб ба саволи 7 ӯ метавонад рамзи 2- «Барои ҳамроҳшавӣ бо оила/барои хонадоршавӣ» - ро нишон диҳад, яъне бо сабаби оиладоршавӣ аз шаҳри Ваҳдат ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон барои истиқомат кӯчидааст.**

**Дар ҳолати дигар, агар ягон аъзои хонавода дар саволи 2 ҷойи истиқомати пешинаи худ дигар давлат, мисол, Қазоқистонро нишон дода бошад, ва дар мавриди дар дигар минтақаи ҷумҳурӣ то зистан дар Қазоқистон ҷойи истиқомат доштани ӯ, ҳамон минтақа (ноҳия, шаҳр) нишон дода мешавад. Ба мисол, то зистан дар Қазоқистон шахс дар шаҳри Хоруғи ВМКБ истиқомат карда буд. Ҳамчун ҷавоб ба саволи 7 ӯ метавонад рамзи 5 – «таҳсил»-ро нишон дода бошад, яъне то истиқомат дар Қазоқистон дар шаҳри Хоруғи ВМКБ истиқомат кардааст ва бо сабаби таҳсил ба Қазоқистон рафтааст.**

4.3.2 Модули 2. Муҳоҷират- қисми Б

Модули 2. Муҳоҷират-қисми Б танҳо барои аъзоёни 14-сола ва калонтари хонавода пур карда мешавад.

Даврияти пур кардани модули 2. Муҳоҷират – қисми Б ҳар семоҳа мебошад.

Саволи 1. Оё [НОМ] айни замон берун аз кишвар кор/зиндагӣ мекунад?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» ва рамзи 2- «не» пешбинӣ шудааст.**

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] айни замон берун аз кишвар кор ё зиндагӣ кунад. Мисол, [НОМ] айни замон аз тарафи ҷойи кор ба мӯҳлати дусола барои такмили ихтисос ва баланд бардоштани савияи дониш ба давлати хориҷӣ бо сафари хизматӣ равон карда шудааст; агар [НОМ] айни замон ба ягон давлати дигар барои кор рафта бошад (муҳоҷири меҳнатӣ). Ҳангоми қайд кардани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои ин аъзои хонавода дар модули мазкур идома дорад.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] айни замон берун аз кишвар кор ё зиндагӣ намекунад, яъне ӯ айни замон дар ҷойи истиқомати доимии худ қарор дорад. Ҳангоми қайд кардани рамзи 2 - «не» пурсиш барои ин аъзои хонавода дар ин модул ба итмом расида, гузариш ба аъзои навбатии хонавода амалӣ мешавад.**

Саволи 2. Оё [НОМ] нияти бозгашт барои зиндагӣ дар хоҷагӣ дорад?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои дахлдор қайд карда мешавад:**

**Рамзи 1- «ҳа», рамзи 2- «не» ва ё рамзи 99- «номаълум» интихоб карда мешавад.**

Саволи 3. Кадом моҳ ва сол [НОМ] хонаводаро тарк намуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол алоҳида сол ва моҳи тарк кардани хонавода аз тарафи [НОМ] нишон дода мешавад. Ҳамчунин, дар мавриди дар ёд надоштани сол ва ё моҳи тарк кардани хонавода аз тарафи [НОМ] дар алоҳидагӣ барои сол рамзи 9999 ва барои моҳ рамзи 99 гузошта мешавад.**

Саволи 4. Кадом моҳ ва сол [НОМ] нияти бозгашт ба хонаводаро дорад?

**Дар ҷавоб ба ин савол моҳ ва соли бозгашти [НОМ] ба хонавода нишон дода мешавад: моҳ – ду рақам ва сол – чор рақам қайд карда мешавад. Мисол, аъзоёни хонавода нишон медиҳанд, ки [НОМ] моҳи ноябри соли 2020 нияти ба хонавода баргаштанро дорад. Дар ин маврид дар сатри таалуқ ба [НОМ] рақами «11» барои моҳ ва рақами «2020» барои сол навишта мешавад.**

Саволи 5. Айни замон ӯ дар кадом кишвар ва шаҳр зиндагӣ мекунад?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд рамзи кишвар/давлати хориҷӣ алоҳида қайд ва рамзгузорӣ карда шавад.**

Саволи 6. Дар давоми 3 МОҲИ ОХИР оё [НОМ] ба хонавода маблағи пулӣ интиқол кардааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» қайд карда мешавад. Дар мавриди ин тихоби рамзи 2- «не» гузариш ба саволи 8 амалӣ карда мешавад.**

Саволи 7. Арзиши умумии маблағи пулӣ аз ҷониби [НОМ] дар давоми 3 МОҲИ ОХИР интиқолдодашуда чӣ қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол маблағи умумии пулӣ бо сомонӣ нишон дода мешавад. Мисол, 500 сомонӣ, 2000 сомонӣ ва ғайра. Дар мавриди интиқоли маблағи пулӣ бо асъори хориҷӣ, бояд маблағи пулӣ бо асъори хориҷӣ бозҳисоб карда шуда, дар барнома қайд карда шавад.**

Саволи 8. Оё [НОМ] ба хонавода дар давоми 3 МОҲИ ОХИР ягон намуд мол ё маҳсулот фиристодааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» қайд карда мешавад. Дар мавриди интихоби рамзи 2- «не» барои ҳамин [НОМ] гузариш ба модули навбатӣ амалӣ карда мешавад.**

Саволи 9. Арзиши умумии мол ё маҳсулоти аз ҷониби [НОМ] дар 3 МОҲИ ОХИР фиристодашуда чи қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол арзиши умумии мол ва махсулот <u>бо сомонӣ</u> нишон дода мешавад. Мисол, [НОМ] дар давоми 3 МОҲИ ОХИР ба хонавода телевизори ранга ба маблағи умумии 3300 сомонӣ фиристодааст. Дар ин маврид дар сатри [НОМ] рақами «3300» навишта мешавад.**

Саволи 10. Дар давоми 3 МОҲИ ОХИР [НОМ] барои интиқоли маблағ дар шакли пулӣ ё молӣ аз кадом воситаи асосӣ истифода бурдааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои пешниҳодшуда қайд карда мешавад:**

| | |
|---|---|
| **Бонки хориҷӣ** | **1** |
| **Бонки Тоҷикистонӣ** | **2** |
| **Бо худ овард** | **3** |
| **Ба воситаи шахсони дигар фиристонд** | **4** |
| **Низоми ғайрирасии (ҲАВАЛА)** | **5** |
| **Хадамоти расмии интиқоли маблағ (MONEYLINK, WESTERN UNION ВА Ғ.)** | **6** |

## 4.4 Модули 3. Маълумот

Модули 3. Маълумот танҳо барои аъзоёни 6-сола ва калонтари хонавода пур карда мешавад.

Даврияти пур кардани модули 3. Маълумот ҳар семоҳа мебошад.

Саволи 1. Оё [НОМ] <u>хонда</u> метавонад?

**Дар ҷавоб ба ин савол се вариант пешниҳод карда мешавад:**

**рамзи 1- «ҳа, бо осонӣ» - ба онҳое, ки ба осонӣ хонда метавонанд,**

**рамзи 2 – «ҳа, бо мушкилӣ» - ба онҳое, ки хонда метавонанд, вале бо мушкилӣ,**
**рамзи 3- «не» – ба онҳое, ки умуман хонда наметавонанд.**

Саволи 2. Оё [НОМ] навишта метавонад?

**Дар ҷавоб ба ин савол се вариант пешниҳод карда мешавад:**

**рамзи 1- «ҳа, бо осонӣ» - ба онҳое, ки ба осонӣ навишта метавонанд**

**рамзи 2 – «ҳа, бо мушкилӣ» - ба онҳое, ки навишта метавонанд, вале бо мушкилӣ**

**рамзи 3- «не» – ба онҳое, ки умуман навишта наметавонанд.**

Саволи 3. Оё [НОМ] дар ягон муассисаи таълимӣ таҳсил намудааст (мактаб, мадраса, ОКТ (ПТУ), коллеҷ ва ғ.)?

**Дар ҷавоб ба ин савол ду вариант пешниҳод карда мешавад:**

**рамзи 1 – «ҳа», агар [НОМ] дар ягон мактаб, мадраса, ОКТ (ПТУ), коллеҷ ва ягон дигар намуд муассисаи таҳсилотӣ хонда бошад.**

**рамзи 2- «не», агар [НОМ] дар ягон мактаб, мадраса, ОКТ (ПТУ), коллеҷ ва ягон дигар намуд муассисаи таҳсилотӣ нахонда бошад; барои чунин шахсон пурсиш аз рӯи модул ба анҷом расида, гузариш ба шахси навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 4. Маълумоти баландтарини ба даст овардаи [НОМ] кадом аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол аломати мувофиқи яке аз гуфтаҳои овардашуда гузошта мешавад.**

**Дараҷаи баландтарини таҳсилоти пурраи аз тарафи пурсидашудагон ба даст оварда шуда, ба маълумот гирифта мешавад. Маълумоти нопурра ба инобат гирифта намешавад.**

**Рамзи 0 - «нест» - ба шахсоне, ки тамоман дар системаи таълимотӣ таҳсил накардаанд, мактаби ибтидоиро хатм накардаанд, қайд карда мешавад.**

**Рамзи 1- «ибтидоӣ» - ба шахсоне қайд карда мешавад, ки таҳсилоти ибтидоиро хатм намуданд. Барои муйаян намудани маълумоти ибтидоӣ аз ҷадвали зерин истифода бурдан лозим аст:**

**Синфҳои 4-6-ро хатм кард;**
**Дар соли 1962 ва дертар синфи 7-ро хатм кард;**
**Дар соли 1990 ва дертар синфи 8-ро хатм кард;**
**Дар синфҳои 5-9 таҳсил мекунад;**
**Дар солҳои таҳсили 1972/73 – 1988/89 аз синфи 4 баромад;**
**Аз синфҳои 5-7 баромад;**
**Дар солҳои таҳсили 1962/63 ва дертар аз синфи 8 баромад;**
**Дар солҳои таҳсили 1989/90 ва дертар аз синфи 9 баромад.**

**Рамзи 2- «умумӣ (синфи 5-8(9))» - ба шахсоне қайд карда мешавад, ки таҳсилоти умумиро хатм намуданд, барои муайян намудани маълумоти умумӣ аз ҷадвали зерин истифода бурдан лозим аст:**

**Мактаби миёнаи нопурраро (дар соли 1961 ҳафтсола ва барвақттар, дар солҳои 1963-1989 ҳаштсоларо, дар солҳои 1990-1992 нӯҳсоларо), дар соли 1993 ва дертар мактаби асосии таҳсилоти умумиро хатм кард;**
**Дар соли 1961 ва барвақттар синфи 7-ро хатм кард;**
**Дар соли 1989 ва барвақттар синфи 8-ро хатм кард;**
**Синфи 9-ро хатм кард;**
**Синфи 10 мактаби миёнаи ёздаҳсола ё дувоздаҳсоларо хатм кард;**

**Синфи 11 мактаби миёнаи дувоздаҳсоларо хатм кард;**
**Дар синфҳои 10-11 (12) таҳсил мекунад;**
**Дар соли таҳсили 1961/62 ва барвақттар аз синфи 8 баромад;**
**Дар соли таҳсили 1988/89 ва барвақттар аз синфи 9 баромад;**

**Рамзи 3- «умумии миёна» - ба хатмкунандагони мактабҳои таълимоти миёна (аз он ҷумла, бо таълими чуқури фанҳои алоҳида), литсейҳо, гимназияҳо ва ғайраҳо ва шахсони дорои номаи камол дар бораи маълумоти миёнаи пурра, қайд карда мешавад.**

**Рамзи 4- «миёнаи махсус/коллеҷ» - ба хатмкунандагони синфҳои 8 ва 9-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хатмкунандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ё лицейҳои касбӣ, марказҳои таҳсилоти касбӣ, мактабҳои техникӣ, ОКТ, ОКТМ ва монанди инҳо аломатгузорӣ карда мешавад.**

**Рамзи 5- «миёнаи техникӣ/ОКТ» - ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии миёнаи техникӣ, техникумҳо, омӯзишгоҳҳо (масалан: тиббӣ, педагогӣ), коллеҷҳо, техникуми муассиса ва ғайра, қайд карда мешавад.**

**Рамзи 6- «маълумоти олӣ (диплом, бакалавр) - ба шахсоне, ки муассисаҳои олии таълимиро хатм кардаанд: донишкада, академия, донишгоҳ ва ғайра, қайд карда мешавад ва пас аз гузаштан аз зинаи бакалавр оид ба хатми маълумоти олӣ диплом доранд.**

**Рамзи 7- «магистратура/аспирантура» - ба шахсоне, ки дар баъд аз муассисаи олии касбӣ таҳсил намуда, аспирантура ё докторантураро хатм кардаанд.**

Саволи 5. Шумораи умумии солҳои таҳсилкардаи [НОМ] чӣ қадар буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол шумораи умумии солҳои таҳсили [НОМ] муайян ва ҷамъ карда мешавад: ба ин миқдор дохил карда мешавад солҳои таҳсил аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ сар карда то зинаи охирини таҳсил, ки [НОМ] дар ҷавоб ба саволи 4-и ҳамин модул нишон дода буд. Ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимие, ки таҳсилоти умумӣ намедиҳанд (мисол комбинати (пункти) таълимӣ - курсӣ, маркази таълимӣ-истеҳсолӣ, курсҳои тайёрӣ ва баландбардории дараҷаи маълумотнокӣ, курсҳои тайёрӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, курсҳо оиди тайёрии мусоҳибон, операторон, ронандагон дар назди комбинатҳои таълимӣ ва ғайраҳо) давраи таҳсил дар чунин муассисаҳои таълимӣ ҳамчун шумораи умумии солҳои таҳсил ҳисоб карда намешавад.**

Саволи 6. Оё [НОМ] дар наздиктарин соли хониш ба муассисаи таълимӣ дохил шуда буд?

**Рамзи 1- «ҳа» гузошта мешавад агар [НОМ] дар наздиктарин соли хониш ба муассисаи таълимӣ дохил <u>шуда буд</u>.**

**Рамзи 2- «не» гузошта мешавад агар [НОМ] дар наздиктарин соли хониш ба муассисаи таълимӣ дохил <u>нашуда буд</u>. Барои чунин шахсон пурсиш дар модули 3. «Маълумот» ба итмом расида, гузариш барои шахси навбатӣ амалӣ карда мешавад.**

Саволи 7а. Дар наздиктарин соли хониш [НОМ] дар кадом синф/курс мехонд?

**Ба таълимгирандагони муассисаҳои таълимии рӯзона, шабона, ғоибона ва экстернӣ аломати дахлдори яке аз гуфтаҳои овардашуда, гузошта мешавад.**

**Барои ҷавоб ба ин савол бояд дар баробари муайян намудани сатҳи муассисаи таҳсилотӣ инчунин синф/курси ҳозираи таҳсил дар ин муассисаи таҳсилотӣ нишон дода шавад:**

**сатҳи 1- кӯдакистон, синф/курси 0 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 2- ибтидоӣ, синф/курси аз 1 то 4 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 3 – умумӣ, синф/курси аз 5 то 9 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 4 – умумии миёна, синф/курси аз 10 то 11 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 5 – миёнаи махсус, синф/курси 1 ё 2 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 6 – миёнаи техникӣ, синф/курси аз 1 то 4 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 7 – олӣ, синф/курси аз 1 то5 нишон дода мешавад;**
**сатҳи 8 – магистратура/аспирантура, син/курси аз 1 то 3 нишон дода мешавад.**

**Ба таълимгирандагоне, ки якбора дар ду муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд, аз рӯи навъи болотари муассисаи таълимӣ аломатгузорӣ карда мешавад.**

**Ба шахсоне, ки дар муассисаҳои таълимии динӣ таҳсил мекунанд, новобаста аз мансубият ва тобеият, сатҳи мувофиқ ба намуди муассисаи таҳсилотӣ ва синф/ курс гузошта мешавад.**

Саволи 7б. Дар кадом сатҳ?

Дар саволҳои 8 то 17 **маълумот оид ба хароҷоти хонавода дар давоми 3 МОҲИ ОХИР барои таҳсили [НОМ] бо маблағи пулии сомонӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Агар хонавода хароҷотро ҷудо карда наметавонад, пас** маблағи умумӣ дар сутуни саволи 13 **қайд карда мешавад.**

**Саволи умумӣ чунин гузошта мешавад-**

Дар давоми 3 МОҲИ ОХИР хоҷагии шумо барои таҳсили [НОМ] чӣ қадар маблағ харҷ намудааст ба:

Саволи 8. Пардохти таълим дар мактаб ё муассисаи олии таълимӣ?

Саволи 10. Китоб ва дигар маводи таълимӣ?

Саволи 11. Анҷомҳои таълимӣ (ручка, дафтар ва ғайра)?

Саволи 12. Хӯрока ва/ё ҷои истиқомат?

Саволи 13. Таъмири бино, хариди таҷҳизоти таълимӣ ва дигар хароҷоти ба хамин монанд?

Саволи 14. Туҳфа ба муаллимон ва роҳбарият?

Саволи 15. Хароҷот барои нақлиёт?

Саволи 16. Хароҷоти дигар (хароҷот барои репетиторон (муаллимони хонагӣ) - ро дохил накунед)

Саволи 17. Ҷамъи умумии хароҷотҳои саволҳои сутунҳои 8 -16

**Дар ҷавоб ба саволҳои 8 то 16 барои ҳар яке дар алоҳидагӣ дар сутуни махсус маблағи хароҷоти хонавода бо сомонӣ барои [НОМ] дар давоми се моҳи охир нишон дода мешавад. Дар сутуни 17 ҷамъи умумии хароҷотҳои сутунҳои 8 то 16 нишон дода мешавад.**

Саволи 18. Илова бар пардохтҳои расмии аллакай дарҷшуда, оё хоҷагии шумо дар давоми 3 МОҲИ ОХИР барои хароҷоти таҳсили [НОМ] маблағи нақд ё ба шакли натуралӣ пардохт намудааст:

18 а Дар шакли пули ё натуралӣ ба шумо ба монанди ( гул, шоколад, сӯзишворӣ, маҳсулоти сохтмонӣ пардохт намуданд)

**Дар ҷавоб ба ин савол маблағи хароҷоти иловагии хонавода барои таҳсили [НОМ] дар давоми се моҳи охир ба ғайр хароҷотҳои расмии дар саволи 17 дарҷгардида, нишон дода мешавад. Дар саволи 18 дар мавриди будани хароҷоти иловагӣ, маблағи хароҷот бо шакли пулӣ ё натуралӣ нишон дода мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани хароҷот дар шакли натуралӣ (молӣ) арзиши он ба маблағи пулӣ (бо сомонӣ) бозҳисоб карда мешавад.**

Саволи 18 **аз ду зерсавол иборат мебошад:**

**- зерсаволи «Дар шакли пулӣ ё натуралӣ» ва**

**- зерсаволи «Хизматрасонӣ. Миқдори соатҳо».**

**Барои** зерсаволи «Дар шакли пулӣ ё натуралӣ» **қайд карда мешавад:**

**Рамзи 1- «ҳа» - ба шахсоне, ки хонавода дар давоми се моҳи охир барои таҳсили ӯ иловатан маблағи пулӣ ё натуралӣ (молӣ) харҷ карда аст. Маблағи умумии хароҷоти иловагӣ бо сомонӣ нишон дода мешавад.**

**Рамзи 2 – «не» - ба шахсоне қайд карда мешавад, ки хонавода дар давоми се моҳи охир барои таҳсили ӯ иловатан маблағи пулӣ ё натуралӣ (молӣ) харҷ накардааст.**

Барои зерсаволи «Хизматрасонӣ. Миқдори соатҳо» қайд карда мешавад:

Рамзи 1 – «ҳа» - ба шахсоне, ки дар давоми се моҳи охир иловатан хизмат расонида шудааст.

Ҳамчунин дар саволи 18 миқдори соатҳои хизматрасонида шуда ба [НОМ] нишон дода мешавад.

Саволи 19. Оё [НОМ] барои таҳсил дар соли хониш стипендия ё кӯмакпулӣ ба даст овард?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» қайд карда мешавад ба шахсоне, ки дар соли хониши наздиктарин барои таҳсил стипендия ё кӯмакпулии <u>гирифтаанд</u>.**

**Рамзи «не» - ба шахсоне қайд карда мешавад, ки дар соли хониши наздиктарин барои таҳсил стипендия ё кӯмакпулӣ <u>нагирифтаанд</u>. Барои чунин шахсон гузариш ба саволи 21 амалӣ карда мешавад.**

Саволи 20. Арзиши стипендия ё кӯмакпулии дар 3 МОҲИ ОХИР ба даст оварда чанд аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол маблағи стипендия ё кӯмакпулӣ, ки [НОМ] дар 3 моҳи охир гирифтааст, бо сомонӣ нишон дода мешавад. мисол, 160 сомонӣ, 220 сомонӣ ва ғ.**

Саволи 21. Оё [НОМ] дар 3 МОҲИ ОХИР дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ) гирифта буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол метавонад ҳам ҳолатҳои бепул (ройгон) гирифтани дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ) низ дохил карда шаванд.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад ба шахсоне, ки дар давоми се моҳи охир дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ) бо назардошти дарсҳои бепул (ройгон) гирифтаанд.**

**Рамзи 2- «не» - ба шахсоне қайд карда мешавад, ки ҳолатҳои дар давоми се моҳи охир гирифтани дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ) бо назардошти дарсҳои бепул (ройгон) надоштанд. Барои чунин шахсон пурсиш дар модули 3. Маълумот ба охир расид ва гузариш ба модули навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 22. Оё хоҷагӣ дарсҳои инфиродиро барои [НОМ] пардохт намуд?

**Рамзи 1 – «ҳа» қайд карда мешавад ба шахсоне, ки дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ)-и онҳоро хонавода пардохт кардааст.**

**Рамзи 2 – «не» қайд карда мешавад ба шахсоне, ки дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ)-и онҳоро хонавода пардохт накардааст. Барои чунин шахсон пурсиш дар модули 3. Маълумот ба охир расид ва гузариш ба модули навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 23. Барои як соати дарсии [НОМ] чӣ қадар маблағ пардохт мешуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол хонавода қайд мекунад, ки барои як соати дарси хусусӣ (иловагӣ)-и [НОМ] чӣ қадар маблағ бо сомонӣ пардохт намуд. Дар мавриди будани якчанд нарх, нархи миёна (бо сомонӣ) нишон дода мешавад.**

Саволи 24. Дар давоми 30 РӮЗИ ГУЗАШТА хонавода барои ин дарсҳои инфиродии [НОМ] чанд пул сарф намуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол қайд карда мешавад, ки хонавода танҳо дар 30 рӯзи гузашта барои дарсҳои хусусӣ (инфиродӣ)-и [НОМ] чанд пул (бо сомонӣ) дар маҷмӯъ сарф намуд.**

### 4.5.1 Модули 4. Тандурустӣ -– қисми А: Истифодаи хизматрасонии аввалиндараҷаи тиббӣ-санитарӣ (амбулаторӣ)/ёрии таъҷилӣ

**Дар модули 4 - «Тандурустӣ» маълумот оид ба хизматрасонии тиббии гирифташуда аз** ҷониби ҳар яки аъзои хонавода **дар давоми 30 рӯзи охир ҷамъоварӣ карда мешавад. Намуд ва хароҷоти хизматрасонӣ ба он шахсе навишта мешавад, ки ӯ бевосита онро гирифтааст. Мисол, агар кӯдак бемор шуда бошад, вале ӯро ба муассисаи тиббӣ шахси калонсол бурда бошад, маълумот оид ба хизматрасонӣ ва хароҷот ба кӯдак навишта мешавад.**

Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми А ва Б ҳар семоҳа мебошад.

Саволи 1. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР оё [НОМ] бо ягон сабаб ба кӯмаки амбулаторӣ /ёрии таъҷилии тиббӣ муроҷиат карда буд?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 30 рӯзи охир боя гон сабаб ба кӯмаки амбулаторӣ ё ёрии таъҷилии тиббӣ муроҷиат карда бошад.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 30 рӯзи охир боя гон сабаб ба кӯмаки амбулаторӣ ё ёрии таъҷилии тиббӣ муроҷиат накарда бошад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 14 идома меёбад.**

Саволи 2. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР чанд маротиба [НОМ] ба кӯмаки тиббӣ муроҷиат карда буд?

**Шумораи ташрифи [НОМ] –ро барои кӯмаки тиббӣ бо рақам навиштан лозим аст. Саволи мазкур бояд ҳатман пур карда шавад ва холӣ намонад, вагарна он ҳамчун бе ҷавоб ҳисоб карда мешавад.**

Саволи 3. Барои гирифтани ин кӯмаки аввалияи тиббӣ [НОМ] ба куҷо муроҷиат кард? ***Агар якчанд бор рафта бошад, дар бораи охирин ташриф пурсед.***

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои пешниҳодгардида интихоб карда мешавад, ки ба [НОМ] дар он ҷо кӯмак расонида шудааст, новобаста ба он, ки ӯ ба кадом мутахассиси муроҷиат намудаст.**

**Рамзи 15- «муассисаи ғайритиббӣ/духтури номдор» дар мавриде қайд карда мешавад, ки агар духтур ё корманди тиб ба хонаи бемор ташриф оварда боша два ё бемор ба хонаи духтур ё корманди тиб муроҷиат намуда бошад.**

**Рамзи 16 – «дигар» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] кӯмаки аввалияи тиббиро дар дигар муассисаҳо, ки номбар нагардидаанд, гирифта бошад.**

| | |
|---|---|
| **Маркази хизматрасониҳои махсусгардонидашуда (сил, СПИД, вараҷа, саломатии репродуктивӣ, эмгузаронӣ, тарзи ҳаёти солим)** | **1** |
| **Бунгоҳи саломатӣ (YUVA)** | **2** |
| **Маркази саломатии деҳот (СВА)** | **3** |
| **Маркази саломатии ноҳиявӣ/шаҳрӣ** | **4** |
| **Маркази ташхисӣ** | **5** |
| **Беморхонаи минтақавии деҳот (SMS)** | **6** |
| **Беморхонаи маркази ноҳиявӣ** | **7** |
| **Беморхонаи ноҳиявӣ** | **8** |
| **Беморхонаи шаҳрӣ** | **9** |
| **Беморхонаи минтақавӣ** | **10** |
| **Беморхонаи ҷумҳуриявӣ** | **11** |
| **Клиникаи шахсӣ** | **12** |
| **Таваллудхона** | **13** |
| **Стансияи ёрии таъҷилӣ** | **14** |
| **Муассисаи ғайритиббӣ (духтури номдор)** | **15** |
| **Дигар** | **96** |

Саволи 4. Дар давоми 30 Рӯзи охир барои гирифтани кумаки тибби [НОМ] чӣ қадар маблағ барои роҳкиро (барои рафту омад) сарф намуд? ***Агар хароҷот накардааст рақами «0» гузошта мешавад.***

**Дар ҷавоб ба ин савол ҳатман маблағи роҳкиро барои рафту омад сарфшуда нишон дода мешавад, Мисол, [НОМ] барои кӯмаки аввалияи тиббӣ ба беморхонаи ноҳиявӣ муроҷиат кардааст ва роҳкиро барои рафту омад ҳамагӣ 80 сомониро ташкил кард. Дар ин маврид дар сатри [НОМ] рақами «80» навиштан лозим аст.**

**Дар мавриди барои роҳкиро хароҷот накардан, рақами «0» навиштан лозим аст.**

Саволи 5. Барои қабул ва машварати духтур [НОМ], чӣ қадар маблағ пардохт намуд? ***Агар хароҷот накардааст рақами «0» гузошта мешавад.***

**Дар ҷавоб ба ин савол [НОМ] маблағи барои қабул ва машварати духтур пардохтгардидаро нишон медиҳад. Мисол, НОМ] барои қабул ва машварати духтур ҳамагӣ 30 сомониро сарф кард. Дар ин мавриддар сатри [НОМ] рақами «30» навиштан лозим аст.**

**Дар мавриди барои қабул ва машварати духтур хароҷот накардан, рақами «0» навиштан лозим аст.**

Саволи 6. [НОМ] ягон гуна тӯҳфаҳо (пул, маводи озуқаворӣ, ороишот ва ғайра) ё ягон намуди хизматрасонӣ ба ин духтур ба ғайр аз маблағ пардохт намуд? Агар ҳа, арзиши он ҳадя/хизматрасонӣ чӣ қадар буд? ***Арзиши ҳадяро қайд кунед. Агар ҳадя накарда бошад, рақами «0» гузоред.***

**Ин савол илова ба саволи 5, яъне [НОМ] ба духтур барои қабул тӯҳфа (пул, маводи озуқаворӣ, ороишот ва ғайра) ё ягон хизматрасонӣ намудааст, ба ғайр аз оне ки дар саволи 5 нишон дода шудааст. Агар [НОМ] маводи озуқаворие, ки дар замини назди ҳавлигии худ рӯёнидаро ба духтур тӯҳфа карда бошад, пас арзиши онро дар он давра бо сомонӣ ҳисоб намуда, қайд кунед.**

**Агар [НОМ] тӯҳфа накарда бошад, онгоҳ дар ҷавоб ба саволи 6 рақами «0» навиштан лозим аст ва гузариш ба саволи навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 7. Оё [НОМ] ягон намуд пардохтҳои дигар, аз он ҷумла пардохтҳо барои санҷишҳои лабораторӣ ва ташхисии бо қабули духтур вобастабуда, карда буд? Агар ҳа, арзиши он пардохт чӣ қадар буд?

**Ба *<u>санҷишҳои лабораторӣ</u>* таҳлили хун, пешоб, наҷосат ва дигар таҳлилҳое ки дар шароити лабараторӣ гузаронида мешаванд, дохил мебошанд. Ба *<u>санҷишҳои ташхисӣ</u>* чунин ташхисҳо дохил мешаванд: УЗИ (ташхиси ултрасадоӣ), рентгенография, электрокардиография, томографияи компютерӣ, гастроскопия, брохоскапия ва ғайра, яъне ташхисҳое, ки бо воситаи дастгоҳ ва ё асбоб гузаронида мешаванд. Дар мавриди [НОМ] ягон намуд пардохтҳои дигар, аз он ҷумла пардохтҳо барои санҷишҳои лабораторӣ ва ташхисии бо қабули духтур вобастабуда, карда буд, дар сатри [НОМ] арзиши пардохт бо сомонӣ нишон дода мешавад.**

**Агар [НОМ] ягон намуд пардохтҳои дигар, аз он ҷумла пардохтҳо барои санҷишҳои лабораторӣ ва ташхисии бо қабули духтур вобастабуда карда буд, онгоҳ дар ҷавоб ба саволи 7 рақами «0» навиштан лозим аст ва гузариш ба саволи навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 8. [НОМ] боз ягон гуна тӯҳфаҳо (пул, маҳсулоти хӯрокворӣ, ороишот ва ғайра) ё ягон намуди хизматрасонӣ ба дигар кормандони ин муассисаи тиббӣ пардохт намуд? ***Арзиши ҳадяро қайд кунед. Агар ҳадя накарда бошад, рақами «0» гузоред.***

**Ин савол оид ба хароҷотҳо ва ё тӯҳфаи бемор <u>ба дигар кормандони ҳамин муассисаи тиббӣ</u>, аз ҷумла ба ҳамшираи тибӣ ва ла борант мебошад. Агар маводи озуқаворие, ки дар замини наздиҳавлигии худ рӯёндаро [НОМ] ба корманди тиб тӯҳфа**

**карда бошад, онгоҳ онро бо арзиши он давра (бо сомонӣ) ҳисоб намуда, қайд кардан лозим аст.**

**Агар [НОМ] тӯҳфа накарда бошад, онгоҳ дар ҷавоб ба саволи 8 рақами «0» навиштан лозим аст ва гузариш ба саволи навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 9. Оё дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР дар муассисаи тиббӣ ба [НОМ] ягон доруворӣ таъин карда/навишта шуд? ***Шумораи доруворихоро қайд кунед. Агар таъин нагардида бошад, рақами «0» гузоштан лозим аст.***

**Дар ин савол бояд шумораи номгӯи доруворииеро, ки <u>аз ҷониби духтур ба [НОМ] дар давоми 30 рӯзи охир таъин шудааст</u>, қайд карда мешавад. Мисол, агар як дору таъин шуда бошад (аналгин), [НОМ] боз якчанд доруи дигарро харидааст, ки онро духтур таъин накардааст, онгоҳ рақами «1» навишта мешавад. Ҳамаи доруҳои дигар, ки аз ҷониби духтур таъин нагардидаанд, дар саволи 14 бояд қайд карда шаванд.**

**Агар ба [НОМ] ягон дору таъин нагардида бошад, дар ҷавоб ба саволи 9 рақами «0» гузошта, ба саволи 14 гузариш намудан лозим аст.**

Саволи 10. Оё [НОМ] тавонист он доруҳоро харидорӣ кунад?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] тавонист ҳамаи он доруҳоеро, ки духтур таъин кардааст, харидорӣ кунад. Дар ин маврид пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 12 идома меёбад.**

**Рамзи 2 – « Не танҳо баъзеашро» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] тавонист танҳо баъзеи он доруҳоеро, ки духтур таъин кардааст, харидорӣ кунад.**

**Рамзи 3 – «не, ягонтаашро» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] натавонист ягонтаи он доруҳоеро, ки духтур таъин кардааст, харидорӣ кунад.**

Саволи 11. Барои чӣ [НОМ] ҳамаи доруҳои таъин кардаро/навиштаро ё як қисми онҳоро харидорӣ накард? ***Варианти муносибро қайд намоед.***

**Дар ҷавоб ба ин савол варианти мувофиқро қайд намудан лозим аст; мумкин аст, ки якчанд сабаб қайд карда шавад.**

| | |
|---|---|
| **Натавонист дарёфт намояд** | **1** |
| **Хеле қиммат** | **2** |
| **Хоҳиш надошт** | **3** |
| **Дорухона хеле дур чойгир буд** | **4** |
| **Дигар** | **96** |

Саволи 12. Аз куҷо [НОМ] ин дору(ҳоро) харидорӣ намуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол варианти мувофиқро қайд намудан лозим аст; мумкин аст, ки якчанд макон қайд карда шавад.**

| | |
|---|---|
| **Дорухонаи давлатӣ** | **1** |
| **Дорухонаи шахсӣ** | **2** |

| | |
|---|---|
| **Бозор** | **3** |
| **Дигар** | **96** |

Саволи 13. Барои ин доруворихо [НОМ] чӣ қадар маблағ пардохт намуд? ***Агар пардохт накарда бошад, рақами «0» гузоред.***

**Дар ҷавоб ба ин савол маблағи умумии <u>хариди доруворӣ аз ҷониби духтур таъингардида (бо сомонӣ)</u> дар сатри дахлдори [НОМ] навишта мешавад.**

**Агар [НОМ] барои ин доруҳо маблағ пардохт накарда бошад, онгоҳ дар ҷавоб ба саволи 13 рақами «0» навиштан лозим аст.**

Саволи 14. Дар давоми МОҲИ ГУЗАШТА, оё [НОМ] ягон доруе, ки аз ҷониби духтур таъин НАШУДА буд, харидорӣ намуд?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ягон доруе, ки аз ҷониби духтур <u>таъин нашудааст</u>, <u>харидорӣ кард</u>.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ягон доруе, ки аз ҷониби духтур <u>таъин нашудааст</u>, <u>харидорӣ накард.</u> Дар ин маврид пурсиш барои [НОМ] аз рӯи модули мазкур ба итмом расида, гузариш ба модули навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 15. Барои ин дору [НОМ] чӣ қадар маблағ пардохт намуд?

***Агар пардохт накарда бошад, рақами «0» гузоред.***

**Дар ҷавоб ба ин савол маблағи умумии <u>хариди доруворӣ аз ҷониби духтур таъиннагардида (бо сомонӣ)</u> дар сатри дахлдори [НОМ] навишта мешавад.**

**Агар [НОМ] барои ин доруҳо маблағ пардохт накарда бошад, онгоҳ дар ҷавоб ба саволи 15 рақами «0» навиштан лозим аст**

### 4.5.2 Модули 4. Тандурустӣ -– қисми Б: Бистарикунонӣ

**Дар ин қисм маълумот оид ба аъзоёни хонавода, ки се моҳи охир дар муассисаи тиббӣ бистарӣ шудаанд, ҷамъоварӣ карда мешавад. Шумораи моҳҳои гузашта аз рӯзи ташриф ба хонавода ҳисоб карда мешавад.**

Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми А ва Б ҳар семоҳа мебошад.

Саволи 1. Оё дар давоми 3 МОҲИ ОХИР [НОМ] бо ягон сабаб дар беморхона бистарӣ шуда буд?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 3 моҳи охир бо ягон сабаб дар беморхона бистарӣ <u>шуда буд</u>.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 3 моҳи охир бо ягон сабаб дар беморхона бистарӣ <u>нашуда буд</u>. Дар ин маврид пурсиш барои [НОМ] аз рӯи модули мазкур ба итмом расида, гузариш ба модули навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Дар давоми 3 МОҲИ ОХИР [НОМ] дар беморхона чанд бор бистарӣ шуда буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол микдори бистаришавии [НОМ] дар давоми 3 моҳи охир нишон дода мешавад. Мисол, 2 маротиба.**

Саволи 3. Дар кадом муассисаи тиббӣ бори охир [НОМ] табобат гирифта буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол маълумот оид <u>ба бистаришавии охирин</u> қайд карда мешавад, агар [НОМ] зиёда аз як маротиба дар давоми 3 моҳи охир бистарӣ шуда бошад. Намуди муассисаи тиббии мувофиқ қайд карда мешавад. Рамзи 96 - «дигар» - қайд карда**

**мешавад, агар [НОМ] дар муассисаи тиббие табобат гирифта буд, ки дар рӯйхат оварда нашудааст.**

| | |
|---|---|
| **Беморхонаи минтақавии деҳот (СУБ)** | **1** |
| **Беморхонаи маркази ноҳиявӣ** | **2** |
| **Беморхонаи ноҳиявӣ** | **3** |
| **Беморхонаи шаҳрӣ** | **4** |
| **Беморхонаи вилоятӣ** | **5** |
| **Беморхонаи ҷумҳуриявӣ** | **6** |
| **Клиникаи шахсӣ** | **7** |
| **Таваллудхона** | **8** |
| **Клиникаи кӯмаки фаврии тиббӣ** | **9** |
| **Муассисаи ғайритиббӣ (табиби мардумии шинос ва ғ.)** | **10** |
| **Дигар (нишон диҳед)** | 96 |

Саволи 4. Дар давоми бистарии охирин дар беморхона, шумо ё аъзои оилаи шумо барои хароҷоти дар поён зикршуда чӣ қадар маблағ сарф намудед?

**Ин савол ба хароҷоти бемор дар давоми бистарии ӯ дар беморхона вобастагӣ дорад.**

Дар зерсаволҳои 1 то 8 **маълумот оид ба хароҷоти хонавода дар давоми 3 МОҲИ ОХИР бистарии [НОМ] бо маблағи пулии сомонӣ нишон дода мешавад. Агар хонавода хароҷотро ҷудо карда наметавонад, пас** маблағи умумӣ дар сутуни саволи 9 **қайд карда мешавад.**

**Зерсаволҳо чунин гузошта мешаванд:**

1. Пардохти иловагии расмӣ ё нархи аз ҷониби давлат тасдиқшуда
2. Ғизо
3. Доруворӣ
4. Маводҳои дигар
5. Пардохти озмоишҳои лабораторӣ/ташхисӣ
6. Пардохт ба духтур, аз ҷумла арзиши тӯҳфа, агар ин ҳолат ҷой дошта бошад
7. Пардохт ба ҳайати ёрирасон (мисол, ҳамширагони тиббӣ, лаборантҳо), аз ҷумла арзиши тӯҳфа, агар ин ҳолат ҷой дошта бошад
8. Арзиши дигар туҳфа ва пардохтҳо, ки (НОМ) дар муддати бистарӣ будан дар беморхона пардохт кардааст
9. Ҳамагӣ

**Дар ҳар як сутун бояд маблағи пардохткардашударо барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ қайд намуд.**

**Дар сутуни 1. «Пардохти иловагии расмӣ ё нархи аз ҷониби давлат тасдиқшуда» маблағе, ки дар доираи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолии ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №600 «оиди тартиби расонидани хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои давлатии системаи тандурустӣ» ва ё дигар хизматрасониҳои аулакии расмӣсарф карда шудааст, қайд карда**

**мешавад. Дар доираи хизматрасонии пулакии расмӣ маьлағ ба хазина супорида мешавад, ба бемор чек ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунанда дода мешавад.**

**Дар сутуни 2. «Ғизо» маблағи сарфшуда барои ғизои бемор дар беморхона қайд карда мешавад (ғизои дар хона ва аз ҷониби хешу табор омодакардашуда ва ё аз ошхона харидашуда) нишон дода мешавад. Дар ин сутун ҳароҷот барои барои ғизо, ки аз ҷониби беморхона ройгон пешниҳод карда мешавад, нишон дода намешавад.**

**Дар сутуни 3. «Доруворӣ» маблағи барои хариди доруворӣ сарфшуда, қайд карда мешавад, вале маблағи доруворие, ки аз ҷониби беморхона ройгон дода мешавад, ҳисоб карда намешавад.**

**Дар сутуни 4. «Маводҳои дигар» маблағи хароҷотҳо барои хариди маводҳои дигар, мисол, маводҳои гигиенаи шахсӣ, термометр ва ғайраҳоҳангоми бистарии бемор дар беморхона, қайд карда мешавад.**

**Дар сутуни 5. «Пардохти озмоишҳои лабораторӣ/ташхисӣ» маблағи хароҷотҳои ғайрирасмӣ, яъне додани маблағ ба духтур ё корманди тиб барои хизматрасониҳои лабораторию ташхисӣ, қайд карда мешаванд.**

**Дар сутуни 6. «Пардохт ба духтур, аз ҷумла арзиши тӯҳфа, агар ин ҳолат ҷой дота бошад» маблағи хароҷотҳои гайрирасмӣ барои духтур ё арзиши нархи тӯҳфаҳои карда шуда барои духтур, қайд карда мешавад.**

**Дар сутуни 7. «Пардохт барои ҳайати ёрирасон (мисол, ҳамшираи тиббӣ, лаборантҳо), аз ҷумла арзиши тӯҳфа, агар ин ҳолат ҷой дошта бошад» маблағи хароҷотҳои ғайрирасмӣ барои ҳайати ёрирасон ё арзиши нархи тӯҳфаи барои ин кормандон карда шуда, қайд мегардад.**

**Дар сутуни 8. «Арзиши дигар тӯҳфа ва пардохтҳо, ки (НОМ) дар муддати бистарӣ будан дар беморхона пардохт кардааст» қайд карда мешавад.**

**Дар сутуни 9. «Ҳамагӣ» ҷамъи ҳамаи хароҷотҳои бемор ҳангоми бистарӣ будани ӯ дар беморхона қайд карда мешавад. Агар (НОМ) ягон хароҷот ва тӯҳфа накарда бошад, онгоҳ рақами «0» гузошта мешавад.**

### 4.5.3 Модули 4. Тандурустӣ -– қисми С:
### Кафолатҳои иҷтимоӣ ва талабот ба хизматрасониҳои тиббӣ

Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми С семоҳаи 2 мебошад.

**Дар ин модул маълумот оид ба кадом гурӯҳи имтиёзнок (мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондиҳандаҳои тиббӣ) дохил шудани хонаводаҳо ва инчунин маълумот дар бораи дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ, ҷамъоварӣ карда мешавад.**

Дар саволҳои 1 ва 2 **ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣномбар карда шудааст, ки барои гирифтани хизматрасониҳои тиббии ройгон ва ё доруворӣ, мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондиҳандаҳои тиббӣ имтиёз доранд. Ба номгӯи шахсони имтиёзнок аз рӯи нишондиҳандаҳои тиббӣ шахсоне дохил карда мешаванд, ки ҳангоми пурсиш бо бемориҳои қайдгардида бемор шудаанд (кӯдакони то 5 сола бо бемории илтиҳоби шадиди шуш ва роҳи нафас, бемории шадиди рӯдаҳо, шикамравӣ), бемороне, ки дар назорати диспансерӣ дар муассисаҳои тиббӣ бо бемориҳои зикргардида қарор доранд. Инчунин ҳамаи кӯдакони то яксола ба гирифтани хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ниёз доранд.**

**Мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин мансубияти пурсидашавандаро ба гурӯҳи имтиёзнок мутобиқи мақоми иҷтимоӣ тасдиқ менамояд.**

**Дар ҷадвали зер номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани хизматрасонии тиббии ройгон ва имтиёзнок ба шаҳрвандоне, ки дар саволи 2 дарҷ гардидаанд, оварда шудааст (нигар ҷадвали 1.)**

**Ҷадвали 1. Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани хизматрасониҳои тиббии имтиёзнок ба шаҳрвандон имконият медиҳанд**

| № | Гурӯҳи аҳолӣ | Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқ ва имтиёзҳо |
|---|---|---|
| **1.** | **Иштирокчиён ва маъюбони ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда** | **Шаҳодатномаи иштирокчӣ ё маъюби Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шаҳодатномаи нафақавӣ** |
| **2.** | **Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ, Меҳнати Сотсиалистӣ ва шахсоне, ки бо се дараҷаи Ордени Шараф мукофотонида шудаанд** | **Шаҳодатномаи каҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ, Меҳнати Сотсиалистӣ ва се дараҷаи Ордени Шараф** |
| **3.** | **Ҷанговарони интернатсионалист, собиқадорони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо** | **Шаҳодатномаи ҷанговари интернатсионалист, собиқа-дорони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо ва шаҳодатномаи нафакавӣ** |
| **4.** | **Шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Нерӯгоҳи атомии барқии Чернобил зарар диданд ва аъзои оилаи бесаробонмондаи онҳо** | **Шаҳодатномаи иштирокчӣ ё маъюбии барҳам додани садама дар Нерӯгоҳи атомии барқииЧернобилва шаҳодатномаи нафакавӣ** |
| **5.** | **Маъюбоне, ки ҳангоми адои хизмати ҳатмии ҳарбӣ захмӣ шуданд ё осеб бардоштанд** | **Шаҳодатномаи маъюбии хизмати ҳарбӣ ва шаҳодатномаи нафакавӣ** |
| **6.** | **Маъюбон аз даврони кӯдакӣ** | **Маълумотнома дар бораи муайян намудани гурӯҳи маъюбӣ ва шаҳодатномаи нафақавӣ** |
| **7.** | **Кӯдакони маъюби то синни 18 сола** | **Шаҳодатномаҳои нафақавии яке аз волидайн ва таваллуди кӯдак** |
| **8.** | **Кӯдакони ятим, ки дар хонаи давлатии кӯдакон, хонаи кӯдакони оилавӣ (оилаҳои қабулнамуда), интернатҳо барои кӯдакони ятим қарор доранд, кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум мондаанд** | **Роҳхати хонаҳои давлатии кӯдакон, кӯдакони оилавӣ (оилаҳои қабулнамуда), интернатҳо барои кӯдакони ятим** |
| **9.** | **Кӯдакони то 1 сола** | **Шаҳодатномаи таваллуд** |
| **10.** | **Маъюбони гурӯҳҳои I ва II, дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ё бемориҳои умумӣ** | **Маълумотнома дар бораи муайян намудани маъюбии гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ва ё бемориҳои умумӣ ва шаҳодатномаи нафакавӣ** |
| **11.** | **Аъзои оилаҳои камбизоат ва шаҳрвандони яккаву танҳои камбизоат** | **Маълумотномаи комиссияи ноҳиявӣ (шаҳри) ё мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ** |
| **12.** | **Шаҳрвандони синни 8 сола ва аз он боло** | **Шаҳодатномаи нафақавӣ ва шиноснома** |
| **13.** | **Шаҳрвандоне, ки дар хонаҳои пиронсолон ва интернатҳо зиндаги мекунанд** | **Роҳхати хонаҳои пиронсолон ва интернатҳо барои пиронсолон** |

Саволи 1. Оё [НОМ] ба ягон категорияи дар поён зикршуда дохил мешавад? (Тиббӣ)

**Дар ҷавоб ба ин савол агар чунин ҳолат бошад, дар сатри дахлдори (НОМ) рамзи мувофиқро қайд намудан лозим аст:**

| | |
|---|---|
| **Ба ягон категорияҳои тиббии дар поён зикр шуда дохил намешавад** | **0** |
| **Кӯдакони синни то 5 - сола, ки гирифтори дарунравӣ ва бемориҳои шадиди роҳи нафас мебошанд (дар доираи барномаи ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона)** | **1** |
| **Беморони мубталои гемофилия** | **2** |
| **Беморони мубталои махав** | **3** |
| **Беморони мубталои бемории ҳорӣ** | **4** |
| **Беморони мубталои гулӯзиндонак** | **5** |
| **Беморони гирифтори бемории сил (дар доираи Барномаи ДОТС)** | **6** |
| **Беморони гирифтори ВНМО/СПИД** | **7** |
| **Беморони гирифтори бемории дибети қанд (вобаста будан аз инсулин)** | **8** |

**Агар (НОМ) ба ягон категория таалluқ надошта бошад, рамзи «0» гузошта мешавад.**

Саволи 2. Оё [НОМ] ба ягон категорияи дар поён зикршуда дохил мешавад? (иҷтимоӣ)

**Дар ҷавоб ба ин савол бо истифода аз ҷадвали 1 агар чунин ҳолатҳо мавҷуд бошанд, дар сатри дахлдори (НОМ) рамзи мувофиқро қайд намудан лозим аст:**

| | |
|---|---|
| **Ба ягон категорияҳои иҷтимоии дар поён зикр шуда дохил намешавад.** | **0** |
| **Иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.** | **1** |
| **Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Шӯравӣ ва шахсоне, ки бо се дараҷаи Ордени Шараф мукофотонида шудаанд.** | **2** |
| **Ҷанговарони интернатсионалист, собиқадорони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо.** | **3** |
| **Шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Нерӯгоҳи атомии барқии Чернобил зарар дидаанд ва аъзои оилаи бесаробонмондаи онҳо.** | **4** |
| **Маъюбоне, ки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ захмӣ шудаанд ё осеб бардоштаанд.** | **5** |
| **Маъюбон аз даврони кӯдакӣ.** | **6** |
| **Кӯдакони маъюби то сини 18 сола.** | **7** |
| **Кӯдакони ятим, ки дар хонаҳои давлатии кӯдакон, хонаҳои кӯдакони оилавӣ (оилаҳои қабулнамуда), интернатҳо барои кӯдакони ятим қарор доранд ва кӯдаконе, ки аз парастории волидайн маҳрум мондаанд** | **8** |
| **Кӯдакони то 1 сола** | **9** |

| | |
|---|---|
| **Маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар натиҷаи осеббардории меҳнатӣ, бемориҳои касбӣ ё бемориҳои умумӣ.** | **10** |
| **Шаҳрвандони камбизоат ва аъзоёни оилаи онҳо** | **11** |
| **Шаҳрвандони синни 80 ва аз он боло** | **12** |
| **Шаҳрвандоне, ки дар хонаҳои пиронсолон ва интернатҳо зиндагӣ мекунанд** | **13** |

**Агар (НОМ) ба ягон категория таалluқ надошта бошад, рамзи «0» гузошта мешавад.**

.

| |
|---|
| Диққат! Ба саволҳои 3, 4, 7 ва 8 сардори хонавода ҷавоб мегардонад ва ҷавобҳо дар сатри дахлдор ба сардори хонавода қайд карда мешаванд. |

Саволи 3. Дар муддати 3 МОҲИ ОХИР барои пардохт намудани хизматрасониҳои тиббӣ дарёфти маблағ барои аъзоёни хонаводаи шумо чи гуна буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол (НОМ) дараҷаи дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасониҳои тиббӣ (дар сатҳи КАТС ва беморхона) дар муддати се моҳи охир нишон медиҳад.**

**Рамзи 1- «хеле душвор» - қайд карда мешавад, агар дар муддати 3 моҳи охир барои пардохт намудани хизматрасониҳои тиббӣ дарёфти маблағ барои аъзоёни хонавода хеле душвор буд.**

**Рамзи 2 – «душвор» - қайд карда мешавад, агар дар муддати 3 моҳи охир барои пардохт намудани хизматрасониҳои тиббӣ дарёфти маблағ барои аъзоёни хонавода душвор буд.**

**Рамзи 3- «душвор не» - қайд карда мешавад, агар дар муддати 3 моҳи охир барои пардохт намудани хизматрасониҳои тиббӣ дарёфти маблағ барои аъзоёни хонавода душвор набуд.**

**Рамзи 4 – «ҳеҷ кас дар оила ба хизматрсонии тиббӣ эҳтиёҷ надошт» - қайд карда мешавад, агар дар хонавода ягон кас ба хизматрасонии тиббӣ дар муддати 3 моҳи охир надошт. Дар ин маврид гузариш ба саволи 5 амалӣ мегардад.**

Саволи 4. Дар муддати 3 МОҲИ ОХИР оё бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасониҳои тиббии аъзоёни хонаводаи шумо, зарурати кардани ягон амал тибқи рӯйхати дар поён овардашуда, ба миён омада буд?

***Диққат! Ҳама намуди ҷавобҳоро хонед, мумкин аст якчанд ҷавоб мувофиқ бошанд.***

**Дар ҷавоб ба ин савол сардори хонавода нишон медиҳад, ки дар давоми 3 моҳи охир бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасониҳои тиббии аъзоёни хонавода кадоме аз амалҳои дар поён дарҷгардида амалӣ карда шуданд. Метавонад якчанд ҷавоб қайд карда шавад.**

**Рамзи 0 – «зарурат набуд» - қайд карда мешавад, агар ба хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода зарурати ягон амал тибқи рӯйхати пешниҳод кардашуда, набуд.**

**Рамзи 1 – «гирифтани қарз» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>қарз гирифта буд</u>.**

**Рамзи 2 – «фурӯхтани чорво» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>чорво фурӯхта буд</u>.**

**Рамзи 3 – «фурӯхтани маҳсулоти худ истеҳсолнамуда» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>маҳсулоти худ истеҳсолнамударо фурӯхта бошад</u>.**

**Рамзи 4 – «фурӯхтани молҳои қимматбаҳо» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>молҳои қимматбаҳо фурӯхта бошад.</u>**

**Рамзи 5 – «истифода намудани пасандоз» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>пасандозашро истифода намуда бошад.</u>**

**Рамзи 6 – «ихтисор намудани меъёри истеъмолоти ҷорӣ» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>истеъмолоти ҷориашро ихтисор намуда бошад.</u>**

**Рамзи 7 – «кӯмаки хешу табор» - қайд карда мешавад, агар карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>аз кӯмаки хешу табор истифода намуда бошад.</u>**

**Рамзи 96 – «дигар (қайд намоед)» - қайд карда мешавад, агар хонавода бо мақсади дарёфт намудани маблағ барои пардохти хизматрасонии тиббии аъзои хонавода, <u>аз дигар амал истифода бурда бошад</u>, ки дар рӯйхат дарҷ нагардидааст.**

Саволи 5. Дар муддати 3 МОҲИ ОХИР [НОМ] ба муолиҷаи тиббӣ эҳтиёҷ дошт, аммо бо ягон сабаб ин корро ба анҷом нарасонд?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати 3 моҳт охир ба муолиҷаи тиббӣ эҳтиёҷ дошт, вале боя гон сабаб ин корро ба анҷом нарасонд. Мисол, мурочиат накардан бо сабабе, ки муассисаи тиббӣ дар ҷойи дурдаст ва дастнорас ҷойгир аст ва ё бо сабаби арзиши ӣхизматрасониҳои тиббӣ.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати 3 моҳт охир ба муолиҷаи тиббӣ эҳтиёҷ дошт ва онро амалӣ намуд, яъне муолиҷаи тиббӣ кард. Дар ин маврид барои [НОМ] гузариш ба саволи 7 амалӣ мегардад.**

Саволи 6. Барои чӣ [НОМ] барои гирифтани табобат мурожиат накард?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои мувофиқро қайд намудан лозим аст.**

| | |
|---|---|
| **Мустақилона бо истифода аз гиёҳҳои шифобахш табобат намуд** | 1 |
| **Мустақилона бо истифода аз доруворӣ табобат намуд** | 2 |
| **Фикр намуд, ки беморӣ бе табобат шифо меёбад** | 3 |
| **Табобат ниҳоят қиммат** | 4 |
| **Беморхона ниҳоят дур аст** | 5 |
| **Хизматрасониҳои пастсифат** | 6 |
| **Мавҷуд набудани қайди ҷои истиқомат** | 7 |

| | |
|---|---|
| **Вақт барои табобат набуд** | **8** |
| **Дигар** | **96** |

Саволи 7. Дар муддати 3 МОҲИ ОХИР кормандони тиб барои расонидани кӯмаки тиббӣ ба НОМ] шумо рад намудаанд?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар дар муддати 3 моҳи охир буданд ҳолатҳое, ки кормандони тиб барои расонидани ёрии тиббӣ ба ягон аъзои хонаводаи пурсидашаванда рад карда бошад.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда бошад, агар дар муддати 3 моҳи охва шахсониир набуданд ҳолатҳое, ки кормандони тиб барои расонидани ёрии тиббӣ ба ягон аъзои хонаводаи пурсидашаванда рад карда бошад. Дар ин маврид пурсиш ба модули навбати амалӣ мегардад.**

Саволи 8. Бо кадом сабаб корманди тиб рад намуд?

**Рамзи 1 - «набудани имконияти пардохт намудан» - кайд карда мешавад, агар корманди тиб бо сабаби набудани имконияти пардохт барои расонидани кӯмаки тиббӣ ба ягон аъзои хонавода рад карда бошад.**

**Рамзи 2 – «танҳо ба сокинони ноҳияҳои муайян хизмат расонида мешавад» - қайд карда мешавад, агар корманди тиб бо сабаби танҳо ба сокинони ноҳияҳои муайян хизмат расонидан барои расонидани ёрии кӯмаки тиббӣ ба ягон аъзои хонавода рад карда бошад.**

**Рамзи 3- «ба беморхона роҳхат гирифта натавонистан» - қайд карда мешавад, агар хонавода ба беморхона роҳхат гирифта натавонист.**

**Рамзи 4 – «набудани хизматрасонии мувофиқи тахассусӣ» - қайд карда мешавад, агар ба ягон аъзои хонавода бинобар сабаби набудани хизматрасонии мувофиқи тахассусӣ дар кӯмаки тиббӣ рад карда бошанд.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар ба ягон аъзои хонавода бинобар дигар сабаб, ки дар рӯйхат оварда нашудааст, барои расонидани кӯмаки тиббӣ рад карда шуд**

### 4.5.4 Модули 4. Тандурустӣ -– қисми Д:<br>Маъюбӣ – Омилҳои беруна

Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми Д семоҳаи 2 мебошад.

**Дар модули 4. Тандурустӣ – қисми Д: Маъюбӣ – Омилҳои беруна маълумот оид ба вазъи саломатии аъзоёни хонавода дар синни 3 сола ва калон чаъоварӣ гардида, омилҳои беруна ва муносибатҳои иҷтимоии пурсидашавандагон шарҳ дода мешавад; душвориҳое, ки онҳо дар давоми ҳаёти худ дучор мешаванд ва тибқи суханони худи аъзои хонавода мушкилиҳоро оиди иҷро намудани амалҳои муайян вобаста ба ҳолати саломатӣ ҳис мекунанд, кайд карда мешаванд.**

**Пурсиш аз рӯи модули мазкур на кам аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.** Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми Д семоҳаи 2 мебошад.

Дар ин модул ҳамаи хонавода новобаста аз маъюб будани онҳо пурсиш карда мешавад. Интихоби пурсидашавандагонро ба таври тасодуфӣ як нафар кӯдаки аз 3 то 15 сола ва як нафар шахси 16 сола ва калонтарро барномаи электронӣ муайян менамояд.

**Дар модули мазкур барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола ва шахсони 16 сола ва калонтар пурсиш алоҳида гузаронида мешавад. ба саволҳо барои кӯдакони 3 сола то 15 сола яке аз волидайни онҳо ҷавоб медиҳад.**

**Дар модули мазкур барои ҷавоб додан ба савол якчанд вариант пешниҳод карда мешавад, ки дар ин ҷо рамзи 1 - «ниҳоят осон» то рамзи 5 – «ниҳоят душвор» мебошад.**

**Намунаи ҷавобҳо чунин аст:**

| | |
|---|---|
| **Ниҳоят осон** | **1** |
| **Осон** | **2** |
| **На осон ва на мушкил** | **3** |
| **Мушкил** | **4** |
| **Ниҳоят мушкил** | **5** |
| **Намедонам** | **99** |
| **Мувофиқ нест** | **98** |

МАЪЮБИЯТ-ОМИЛҲОИ МУҲИТИ. Калонсол

Саволи 1. Дар он ҷойҳое, ки Шумо одатан муошират мекунед ё фаъолиятҳои ҷамъиятиро (берун аз хона) анҷом медиҳед, амалисозии ин фаъолиятҳо то чӣ андоза осон ё ин ки мушкил аст? **(мисоли фаъолияти ҷамъиятӣ: вохӯрӣ бо дӯстон, ҳамсоягон др ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғ.)**

***Шахсони 16 сола ва калонтар* бояд ҷанбаҳои гуногуни ҷанбаҳои гуногуни ҷойҳое, ки ӯ ба он ҷо барои муошират ва иштирок дар корҳли ҷомеа, ба мисли тарроҳӣ ва сохтмони биноҳо, қулай будани даромадгоҳҳо ва баромадгоҳҳо, андозаи ҷой ва иншоотҳои мавҷуда ташриф меорад, баҳо диҳанд.**

**Мисол, истифодабарандаи аробача орзу дорад ҳамрох бо оилаи худ дар рӯзҳои истироҳат барои ҷашн барояд. Ин имкон надорад, чун макони баргузории ҷашн пур аз одам аст ва дар он ҷо зинапояҳо бисёранд. Посухдиҳанда бо дарназардошти он, кич и гуна ҷойҳои баргузории ҷашнҳои ҷамъиятӣ сохта шудаанд, ҷавоб диҳад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола* дар ҷойҳое, ки (НОМ) бо дигар кӯдакон муошират мекунад ё дар фаъолиятҳои берун аз аз хона анҷом медиҳад, амалисозии ин фаъолиятҳо барои (НОМ) то чӣ андоза осон ё мушки ласт.**

**Мисол, кӯдак бо фалаҷи майнаи сар дар рӯзҳои истироҳат наметавонад бо оилаи худ ба макони баргузории ҷашнҳо равад. Ин имкон надорад, зеро макони баргузории ҷашн пур аз одам аст ва дар он ҷо знапояҳо бисёранд. Падар ё модар бо дарназардошти он, кич и гуна ҷойҳои баргузории ҷашнҳои ҷамъиятӣ сохта шудаанд, ҷавоб медиҳанд.**

Саволи 2. Истифодабарӣ аз мағозаҳо, бозорҳо, бонкҳо, ки дар маҳали Шумо қарор, осон ё мушкил аст?

***Шахсони 16 сола ва калонтар*** **дар ҷавоб ба ин савол бояд ҷавоб ба ин савол бояд ҷанбаҳои гуногуеи мағозаҳо, бонкҳо ва почтаи дар ҳамсоягӣ қарор доштаро аз лиҳози тарроҳӣ ва сохтмони биноҳо, қулай будани даромадгоҳҳо ва баромадгоҳҳо, андозаи ҷой ва иншоотҳои мавҷуда арзёбӣ кунанд.**

**Мисол, шахсе, ки мушкилии роҳ гаштанро дорад ба мағоза барои харид рафтанаш даркор аст, вале мағоза, ки дар ҳамсоягӣ қарор дорад, хурд ва танг аст. Аз ин рӯ, харид кардан бисёр мушки ласт ва бо назардошти он, ки чигуна мағоза сохта шудааст, ҷавоб додан лозим аст.**

Саволи 2. Оё муассисаи таълимии [НОМ] омӯзишро барои ӯ осон ё мушкил мекунад? (мисол, мактаб, боғча, литсейи касбӣ/)

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола*** **бояд ҷанбаҳои мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ баҳо додан лозим аст. Ҷанбаҳои ба монанди тарроҳӣ ва сохтмон, дастрасии даромадгоҳҳо ва баромадгоҳҳо, андозаи ҷой ва иншоотҳои мавҷуда ба назар гирифта шавад.**

**Мисол, кӯдак, ки аз аробача истифода мебарад, ба мактаб рафта наметавонад, чунки мактаб утоқи дастшӯии «озод аз монеа» - ро надорад. Падар ё модар бо дарназардошти ин ҳолат ҷавоб медиҳанд.**

Саволи 3. Истифодабарии нақлиёте, ки барои Шумо лозим аст ё ки Шумо мехоҳед истифода намоед, осон аст ё мушкил?

***Шахсони 16 сола ва калонтар*** **дар ҷавоб бояд ҷанбаҳои гуногуни нақлиёте, ки ӯро барои истифода намудан ниёз дорад, бо дарназардошти мавҷуд будани он ва дастрасӣ ба воситаҳои нақлиёт, андозаи ҷойи мавҷуда ё чи гуна будани «озод аз монеа» - ро баҳо диииҳанд.**

**Мисол, автобусҳо дар фасли зимистон дар тӯли моҳҳо мавҷуд нестанд ва (НОМ) ба савол бо дарназардошти набудани автобусҳо дар фасли зимистон ҷавоб медиҳад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола*** **бояд ҷанбаҳои гуногуни нақлиёте, ки кӯдак барои истифода намудан ниёз дорад, бо дарназардошти мавҷуд будани он ва дастрасӣ ба воситаҳои нақлиёт, андозаи ҷойи мавҷудбуда ё чи гуна будани «озод аз монеа» - ро баҳо диҳад.**

**Мисол, кӯдак бо эпилепсияи шадид бояд мунтазам ба духтур равад, вале дар фасли зимистон нақлиёт мавҷуд нест. Падар ё модар ба савол бо дарназардошти набудани автобусҳо дар фасли зимистон ҷавоб медиҳанд.**

Саволи 4. Истифода намудан аз манзил, аз он ҷумла ҳоҷатхона барои Шумо осон аст ё мушкил?

***Шахсони 16 сола ва калонтар*** **дар ҷавоб бояд ҷанбаҳои гуногуни манзили худро, ба монанди мавҷуд будани ҷой, тозагӣ, имкони маҳрам будан, мавҷуд будани иншоот (ба монанди барқ, ҷумаки об) ва сифати сохтмони биноро (ба монанди чакидани бом ва намӣ) арзёбӣ кунад.**

**Мисол, барои шахсони пиронсол истифода бурдани ҳоҷатхонае, ки ба таври бисёр содда берун аз хона сохта шудааст, хеле мушкил аст. Ин шахс бояд дарназардошти сохти ҳоҷатхона ҷавоб диҳад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола*** **бояд ҷанбаҳои гуногуни манзиле, ки дар он кӯдак зиндагӣ мекунад, ба монанди мавҷуд будани ҷой, тозагӣ, имкони маҳрам, мавҷуд**

**будани иншоот (ба монанди барқ, ҷумаки об) ва сифати сохтмони биноро (ба монанди чакидани бом ва намӣ) баҳо диҳад.**

**Мисол, кӯдаке, спинабифида дорад, наметавонад аробачаи худро дар манзили бисёр хурд ва танг истифода барад. Падар ё модар ба савол бо дарназардошти он, ки кӯдак дар дохили манзил мустакилона ҳаракат карда наметавонад, ҷавоб медиҳанд.**

Саволи 5. Агар барои Шумо ёрӣ лозим шавад, то чи андоза гирифтани ёрӣ аз аъзои наздиктарини оила (аз он ҷумла аз ҳамсар) осон аст?

***Шахсони 16 сола ва калонтар* дар ҷавоб бояд чи андоза ба осони расонидани кӯмак аз тарафи аъзои наздиктари оила, мисли падару модар, кӯдакон ё ҳамсарро арзёбӣ кунад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола* оё касе ҳаст, ки ба ғайр аз дастгирии муқаррарии оила ба (НОМ) дар фаъолиятҳои рӯзмарраи хона ё берун аз он ёрӣ расонад.**

**Рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» интихоб карда мешавад.**

Саволи 6. Агар барои Шумо ёрӣ (кӯмак) лозим шавад, то чи андоза гирифтани ёрӣ аз дӯстон ва ҳамкорон осон аст?

***Шахсони 16 сола ва калонтар* дар ҷавоб бояд то чи андоза ба осонӣ рсонидани кӯмак аз тарафи дӯстон ва ҳамкоронро арзёбӣ кунад.**

**Мисол, (НОМ) ҳар намуди кӯмакро ба назар бигирад, мисли кӯмак барои иҷро намудани корҳои амалӣ, харид намудан ё рафтан ба духтур, кӯмаки идора намудани эҳсосот ҳангоми бо мушкилӣ рӯ ба рӯ шудан ё кӯмаки молиявӣ.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.* (НОМ) аз ягон воситаҳои ёрирасон, ба мисли асо, асобағал, аробача, дастқапақи зинапоя, дастак барои роҳ гаштан ё кӯмак ё кӯмак расонидан ба худ истифожда мекунад ё не? Мисол, василаҳои ёрирасон барои ҳаракат, дар қатори дигар асбобҳо, асо, асобағал, аробача, дастқапаки зинапоя, протезҳо ё асбобҳои ортепедӣ мебошанд. Василаҳо барои нигоҳубини шахсӣ, дар қатори дигар асбобҳо, тасмаҳо барои дасту оринҷ, дастқапакҳо мебошанд.**

**Рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» интихоб карда мешавад.**

Саволи 7. Агар барои Шумо ёрӣ лозим шавад, то чи андоза гирифтани ёрӣ аз ҳамсояҳо осон аст?

***Шахсони 16 сола ва калонтар* дар ҷавоб бояд ҳар науди кӯмакро ба назар гиранд, ки аз тарафи ҳамсоягон расонида шудааст. Мисол, кӯмак барои иҷро намудани корхои амалӣ, ба мсили харид намудан ё рафтан ба духтур, кӯмаки идора намудани эҳсосот ҳангоми бо мушкили рӯ ба рӯ шудан ё кӯмаки молиявӣ.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.* (НОМ) барои беҳтар дидан аз ягон чиз, ба мисли айнак истифода мекунад?**

**Дар қатори дигар асбобҳо, василаҳо барои беҳтар дидан: айнак ё китобҳо бо ҳарфҳои калонро дар бар мегирад.**

**Рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» интихоб карда мешавад.**

Саволи 8. Оё Шумо дар робита ба ҳаёти рӯзмараи худ мустақилона тасмим мегиред? Мисол, ба куҷо рафтан, чи кор кардан, чи хӯрдан?

***Шахсони 16 сола ва калонтар*** **бояд чи андоза дар ҳаёти рӯзмарраи худ тасмим гирифтан, ба мисли ба куҷо рафтан, чик ор кардан, чи хӯрданро арзёби кунад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **(НОМ) барои беҳтар шунидан ва муошират кардан аз ягон чиз истифода мебарард?**

**Василаҳо барои шунавоӣ ва муошират, дар катори дигар асбобҳо, асбобҳои оддӣ барои шунавоӣ, соати оддии қобили вибратсия ё имплантанти кохлеарӣ ё асбоби баландгардонандаи овоз.**

**Рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» интихоб карда мешавад.**

Саволи 9. Оё Шумо ҳисоб мекунед, ки дигарон Шуморо эҳтиром мекунанд? Мисол, ҳис мекунед, ки дигарон Шуморо ҳамчун инсон қадр мекунанд ва ба суханҳои Шумо гӯш мекунанд?

**Варианти ҷавобҳо чунин мебошад:**

| | |
|---|---|
| **Тамоман не** | **1** |
| **Каме** | **2** |
| **Қисман** | **3** |
| **Аксар вақт** | **4** |
| **Комилан ҳа** | **5** |
| **Намедонам** | **99** |

***Шахсони 16 сола ва калонтар*** **бояд чи андоза аз тарафи дигарон эҳтиром гардидани онҳоро арзёбӣ кунанд. Мисол, шахси калонсол ба муассисаи тандурустӣ меравад, вале кормандони тиб ба ӯ эътибор намедиҳанд. Ин шахс бояд бо дарназардошти ҳолат ҷавоб диҳад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **(НОМ) эҳсос мекунад, ки дигар кӯдакон ё наврасон ӯро эҳтиром мекунанд: дар мактаб, дар ҳамсоягӣ ё дигар ҳолатҳо.**

МАЪЮБИЯТ-ОМИЛҲОИ МУҲИТИ. Кӯдак

Саволи 1. Ҷойҳое, ки кӯдак бо дигарон муошират мекунад ё дар фаъолияти ҷамъиятӣ иштирок мекунад , амалисозии ин фаъолиятҳо то чӣ андоза осон ё ин ки мушкил аст?

Саволи 2. Оё муассисаи таълимии [НОМ] омӯзишро барои ӯ осон ё мушкил мекунад? (мисол, мактаб, боғча, литсейи касбӣ)

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола*** **бояд ҷанбаҳои мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ баҳо додан лозим аст. Ҷанбаҳои ба монанди тарроҳӣ ва сохтмон, дастрасии даромадгоҳҳо ва баромадгоҳҳо, андозаи ҷой ва иншоотҳои мавҷуда ба назар гирифта шавад.**

**Мисол, кӯдак, ки аз аробача истифода мебарад, ба мактаб рафта наметавонад, чунки мактаб утоқи дастшӯии «озод аз монеа» - ро надорад. Падар ё модар бо дарназардошти ин ҳолат ҷавоб медиҳанд.**

**Саволи 3. Истифодабарии нақлиёте, ки барои кӯдак лозим аст ё ки мехоҳад истифода намояд, осон аст ё мушкил?**

**Саволи 4. Истифода намудан аз манзил, аз он ҷумла ҳоҷатхона осон аст ё мушкил?**

**Саволи 5. Оё нафаре ҳаст, ки ба ғайр аз дастгирии муқаррарии аъзоёни оила дар фаъолиятҳои ҳарӯзаи хона ё берун аз он ёрӣ расонад?**

**Саволи 6. Аз ягон воситаҳои ёрирасон, ба мисли асо, асобағал, аробача, дастқапаки зинапоя, дастак барои роҳ гаштан ё кӯмак расонидан ба худ истифода мекунад?**

**Саволи 7. Оё барои беҳтар шудани биноиши худ аз ягон чиз, ба мисли айнак истифода мекунад?**

**Саволи 8. Барои беҳтар шунидан ва муошират кардан аз ягон чиз истифода мекунад?**

**Саволи 9. Эҳсос мекунад, ки дигарон кӯдак-ро эҳтиром мекунанд, ҳамчун инсон қадр мекунанд ва ба суханони ӯ гӯш медиҳанд?**

### 4.5.5 Модули 4. Тандурустӣ -– қисми Е:
### Маъюбӣ – Фаъолиятнокӣ

Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми Е семоҳаи 2 мебошад.

**Дар модули 4. Тандурустӣ – қисми Е: Маъюбӣ – Фаъолиятнокӣ як нафар шахси 15 сола ва калонтар интихобгардида бо пурсиш фаро гирифта мешавад. дар модули мазкур саволҳо оид ба проблемаҳои (НОМ) оварда шудаанд, ки ӯ дар дар давоми ҳаёти худ дучор мегардад. Зери мафҳуми «проблемаҳо» душвориҳои вобаста ба худхизматрасонӣ ва ё ҳангоми ягон амалро иҷро намудан он мувофиқи хоҳиш он қадар иҷро намешавад. Ин проблемаҳо метавонанд вобаста ба вазъи саломатии (НОМ) ва ё ба муҳити зисте, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, ба амал оянд; проблемаҳо метавонанд аз муносибат ё рафтори одамони гирду атроф ба амал оянд.**

**Шахси пурсидашаванда** 30 рӯзи охиронро **бо назардошти рӯзҳои хуб ва бад ба хотир меорад. Ба ҳар як савол баҳои «1» то «5» дода мешавад.**

**Дар модули мазкур барои ҷавоб додан ба савол якчанд вариант пешниҳод карда мешавад, ки дар ин ҷо рамзи 1 - «ниҳоят осон» то рамзи 5 – «ниҳоят душвор» мебошад.**

**Намунаи ҷавобҳо чунин аст:**

| | |
|---|---|
| **Ниҳоят осон** | **1** |
| **Осон** | **2** |
| **На осон ва на мушкил** | **3** |
| **Мушкил** | **4** |
| **Ниҳоят мушкил** | **5** |
| **Намедонам** | **99** |
| **Мувофиқ нест** | **98** |

Саволи 1. Тай намудани масофаи 1 км. роҳ барои Шумо то чи андоза мушкил аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол аз рӯи вариантҳои пешниҳодшуда ҷавобҳо баҳогузорӣ карда мешаванд. Роҳ р афтани 1 километр одатан баробар ба роҳ рафтани даҳ майдони футболбозӣ ё барбар ба андозаи даҳ бинои бисёрошёнаи шаҳр мебошад.**

**Мисол, шахс наметавонад як километр раванд, зеро барои ӯ ба асои бағал ниёз дорад, ки онро надорад. Дар ин маврид (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф менамояд, бо назардошти набудани асобағал.**

Саволи 2. Барои Шумо расидан то он ҷое, ки Шумо мехоҳед, то чӣ андоза мушкил аст?

**Мушкилиҳои расидан ба ҷойҳои гуногуни берун аз хонврo дар назар дорад, ба мисли, то ҷойи кор ё таҳсил. Мушкилиҳо метавонанд маҳдудияти ҳаракат, изтироби алоқаманд бо берун баромадан аз хона ё набудани дастрасӣ ба нақлиётро дар бар гирад.**

**Мисол, шахс бо шакли вазнини саръ (эпилепсия) метавонад танҳо бо ҳамроҳии ягон нафар ба берун барояд, аммо оила ва дӯстон барои ҳамроҳӣ кардан вақти зиёд надоранд. (НОМ) то чи андоза вазнин будани мушкилиро тавсиф медиҳад бо назардошти ниёз ба кӯмаки як нафар ва вақт доштани оила ва дӯстон.**

Саволи 3. Нигоҳ доштани тозагӣ ва пӯшидани либос барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**(НОМ) иҷрои фаъолиятҳои гирифтани либосҳо аз ҷойҳои нигоҳдориро (мисол, ҷевони деворӣ, ҷевон бо оина) бояд ба назар гирад, гузоштани либомҳо, гузаронидани тугмаҳо, бастани гиреҳҳо, шона кардани мӯйи сар ва тоза кардани дандонҳо.**

**Мисол, шахсе, ки бемории Паркинсон дорад, ягон мушкилӣ дар либос пӯшидан ва тозагӣ надорад, чун ёрдамчии шахсӣ ба ӯ кумак мерасонад. (НОМ) бояд то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд, бо дарназардошти кӯмаки ёрдамчии шахсӣ.**

Саволи 4. Истифода бурдани ҳоҷатхона барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол истифода аз ҳоҷатхона, танзими пешоббарорӣ, ахлотбарорӣ, нигоҳубин ҳангоми ҳайз ва тоза кардани худ баъд аз онро дар бар мегирад.**

**Мисол, шахсе, ки артрити ревматоидӣ дорад барои истифодаи ҳоҷатхона мушкилии умдаро эҳсос мекунад ва аз таҷҳизоти ёрирасон, ки имконияти истифодаи ҳоҷатхонаро таъмин мекунанд, истифода мебарад. (НОМ) бояд то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф бо назардошти кӯмаки таҷҳизоти ёрирасон.**

Саволи 5. Нигоҳдории вазъи саломатӣ, хӯрдани хӯрок, машқи ҷисмонӣ ё қабули доруворӣ барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**Нигоҳубини вазъи саломатии як нафар таъмини кофии хӯрок, мунтазам гузаштани ташхиси духтур ё истеъмоли доруҳои аз рӯи дорухатро дар бар мегирад.**

**Мисол, шахсе, ки аз моддаҳои психотропӣ сӯистифода мекунад, бо расонидани кӯмак др сатҳи ҷомеа нигоҳубини вазъи саломатиашро таъмин менамояд; (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф менамояд бо дарназардошти расонидани кӯмак дар сатҳи ҷомеа.**

Саволи 6. Барои Шумо эҳсоси хастагӣ ва норасоии қувваи бадан то чӣ андоза мушкил аст?

**Мушкилиҳои сатҳи коҳишёфтаи қувва ва қобилияти зиндагӣ кардан, ки ба ҳаёти рӯзмарра таъсиррасонро дар бар мегирад, ба мисол, хастагӣ.**

**Мисол, баъд аз сактаи мағзи сар шахс худро зуд хаста эҳсос мекунад ва роҳбар дар ҷойи кор барои мунтазам танаффус карданиҷозат намедиҳад. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро бо дарназардошти ҳолати воқеӣ дар ҷойи кор, тавсиф медиҳад.**

Саволи 7. Баромадан аз ӯҳдаи ҳамаи корҳое, ки Шумо бояд иҷро намоед, чӣ қадар мушкил аст?

**Мушкилиҳо – натавонистани фаъол нигоҳдорӣ дар ҷойи корё мактаб, дар мондан дар вохӯриҳо ё натавонистани иҷрои корҳои хонагиро дар бар мегирад.**

**Мисол, шахс баъд аз ҷароҳатҳое, ки то дарди музмин оварда расонид, сабаби пайдоиши мушкилиҳои аз ӯҳдаи ҳамаи корҳо шуд ва ҳоло аз кӯмаки дӯстон ва ҳмсоягон вобастагӣ дорад. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро бо дарназардошти расонидани кӯмаки дӯстон ва ҳамсоягон, тавсиф диҳад.**

Саволи 8. Дар хотир нигоҳ доштани иҷрои корҳои муҳим дар ҳаёти рӯзмарра барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**Саволи мазкур ба мушкилиҳои дар хотир доштани он чизҳое, ки барои (НОМ) муҳим мебошанд, ба мисли вохӯриҳо ё мӯхлати охирин, тааллуқ дорад.**

**Мисол, шахс бо бемориҳои Паркинсон, ки мушкилии ҷиддӣ бо хотираро дорад, бо мак сади ба хотири ӯ овардани вақти истеъмоли дору аз соати рӯйимизии зангдор истифода мекунад. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд бо дарназардошти соати рӯйимизии зангдор.**

Саволи 9. Иҷро намудани корҳои хона барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**Мушкилиҳо ҳамаи ҷанбаҳои таъмини ниёзҳои хонавода ё оиларо, аз ҷумла, ниёзҳои ҷисмонӣ, молиявӣ ва равониро дар бар мегирад. Мисол, вазифаҳои хонагӣ – тоза кардани маҳали зист, шустан ва хушк кардани либосҳо, истифода намудани асбобҳои хонагӣ, нигоҳдории асбобҳои рӯзмарра ва баровардани партовҳо.**

**Мисол, барои шахсе, ки ҷроҳати сутунмуҳра дорад, иҷро кардани корҳои хонагӣ бо истифода аз аробача ягон мушкилӣ надорад, зеро мисли ёрдамчӣ кӯмак мерасонад. (НОМ) то чи андоза калон буданимушкилиро тавсиф менамояд, бо дарнардошти кӯмак аз тарафи ёрдамчии шахсӣ.**

Саволи 10. Иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ, масалан, ҷашнгириҳо, чорабиниҳои динӣ ва ғайра барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**Саволи мазкур иштирок дар ҷаласаҳ, намоишгоҳҳо, фаъолиятҳои фароғатӣ ва варзишӣ дар шаҳр, ҳамсоягӣ ё ҷомеаро дар бар мегирад.**

**Мисол, шахсе, ки аз аробаа истифода мебарад барои иштирок намудан дар ҷашнҳо ягон мушкилӣ надорад, зеро оилааш дастгирӣ мекунад ва ҷойҳои дар ҳамсоягӣ қарор дошта дастрасанд. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф медиҳад бо дарназардошти, агар кӯмаки оила ва дастрасии ҷойҳо дар ҳамсоягӣ намебуданд.**

Саволи 11. Истифода кардан аз нақлиёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст?

**Саволи мазкур истифодаи нақлиёт ҷиҳати ҳамлу нақли мусофир, ба мисли, савор шудан ба қатор ё ҳамлу нақл дар мошин, автобус ё таксиҳои давлатӣё хусусиро дар бар мегирад.**

**Мисол, шахс дар аробача наметавоанд нақлиёти ҷамъиятиро истифода кунад, зеро он аз монеа озод нест. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф менамояд, бо дарназардоштион, ки нақлиёти ҷамъиятӣ аз монеа озод нест.**

Саволи 12. Иҷро намудани корҳо аз рӯи зарурат дар ҷои кор ё мактаб барои Шумо то чӣ андоза мушкил аст***? Агар посухдиҳанда дар айни замон кор накунад ё дар мактаб таҳсил накунад, рамзи 98 - "мувофиқ нест- ро интихоб намоед.***

**Саволи мазкур ичрои вазифаҳои интизоршавандаро дар ҷойи кор ҷиҳати нигоҳдории ҷойи кор, тиҷорат, касб ё дигар шаклҳои шуғлро дар бар мегирад, инчунин ҳамкорӣ намудан бо дигар хонандагон ва охир расонидани вазифаҳои додашуда ва лоиҳаҳоро дар назар дорад.**

**Мисоли ҷойи кор: шахсе, ки бемории диабети қанд дорад дигар вазифаҳоро тибқи талабот иҷро карда наметавонад ва аз роҳбар дастгирӣ намешавад. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд, бо дарназардошти набудани дастгирӣ дар ҷойи кор аз тарафи роҳбари масъул.**

**Мисоли мактаб: шахсе, ки афсурдаҳол аст дигар корҳоро аз рӯи талабот иҷро карда наметавонад ва аз тарафи муаллими худ дастгири намешавад. (НОМ) то чи андоза калон будани мушкилир тавсиф намояд, бо дарназардошти он, ки аз тарафи муаллими худ дастгири намешавад.**

### 4.5.6 Модули 4. Тандурустӣ -– қисми Ф: Маъюбӣ – Иқтидор ва ҳолати саломатӣ

Даврияти пур кардани модули 4. Тандурустӣ қисми Ф семоҳаи 2 мебошад.

**Дар модули 4. Тандурустӣ – қисми Ф: Маъюбӣ – Иқтидор ва омилҳои беруна саволҳо доир ба душвориҳои (НОМ) оид ба иҷро намудани амалҳои муайян вобаста ба вазъи саломатии танҳо ӯ, оварда шудаанд.**

**Пурсиш аз рӯи модули мазкур на кам аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.**

**Дар модули мазкур барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола ва шахсони 16 сола ва калонтар пурсиш алоҳида гузаронида мешавад. ба саволҳо барои кӯдакони 3 сола то 15 сола яке аз волидайни онҳо ҷавоб медиҳад.**

**Дар модули мазкур барои ҷавоб додан ба савол якчанд вариант пешниҳод карда мешавад, ки дар ин ҷо рамзи 1 - «ниҳоят осон» то рамзи 5 – «ниҳоят душвор» мебошад.**

**Намунаи ҷавобҳо чунин аст:**

| | |
|---|---|
| **Бисёр нағз** | **1** |
| **Нағз** | **2** |
| **На нагз, на бад** | **3** |
| **Бад** | **4** |

| | |
|---|---|
| **Беҳад бад** | **5** |
| **Намедонам** | **99** |

Саволи 1. Ман аз савол дар бораи вазъи саломатии Шумо умуман, аз он ҷумла саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ (психикӣ) оғоз менамоям: умуман, Шумо имрӯз ба вазъи саломатии худ чи гуна баҳо медиҳед?

***Ман ба Шумо оид ба намудҳои душвориҳое, ки дар ҳаёти худ дучор мешавед, саволҳои зиёд додам. Саволҳои минбаъда ба душвориҳое дахл доранд, ки Шумо метавонед ҳангоми иҷрои амалҳои муайян, ки танҳо вобаста ба вазъи САЛОМАТИИ худатон эҳсос менамоед, дахл доранд. Лутфан, 30 рӯзи охиронро, бо назардошти рӯзҳои хуб ва бад ба хотир овареd.***

***Шахсони 16 сола ва калонтар* дар ҷавоб ба ин савол вазъи умумии саломатии худро баҳо медиҳад, аз ҷумла вазъи саломатии ҷисмонӣ ва равониашро бо истифода аз вариантҳои пешниҳодшуда.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола*. (НОМ) имрӯз вазъи саломатии худро чи гуна баҳо медиҳад. Савол ба ҳаргуна мушкилӣ дар биноӣ, дурбинӣ ё наздикбинӣ сатҳҳои гуногуни аз биноӣ маҳрум шудан, бинобар сабаби вазъи саломатӣ, равона шудааст. (НОМ) <u>набояд</u> айнак ё ҳаргуна доруворӣ, кӯмаки шахсӣ, васоил ё имкониятҳои техникиро ба назар бигирад.**

**Мисол, кӯдак аз айнак истифода мекунад; (НОМ) бояд қобилияти бе айнак дидани кӯдакро посух диҳад.**

Саволи 2. Оё барои Шумо дидани чизҳои дар масофа дур ҷойдошта [бе айнак] мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар,* мисол, дидани ягон чиз дар он тарафи кӯча. Посухдиҳанда бояд мушкили чашмро бинобар сабаби вазъи саломатиаш ба назар бигирад, на бинобар сабаби доштани айнак ё линзаҳои тамосӣ.**

**Мисол, шахс мушкили дидани ашёро дорад, аммо аз айнак истифода мекунад; бояд то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд, агар айнак ба назар гирифта нашавад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.* Савол ба ҳар гуна мушкилӣ дар роҳ гаштан бинобар сабаби вазъи саломатӣ, равона шудааст. Посухдиҳандагон бояд иқтидори роҳ гаштани кӯдакони синну солашон баробарро дар назар доранд.**

**Посухдиҳанда <u>набояд</u> ҳаргуна доруворӣ, кӯмаки шахсӣ ва имкониятҳои техникиро ба назар гирад.**

**Мисол, кӯдак бо асобағалҳо хуб роҳ гашта метавонад, посухдиҳанда бояд иқтидори бе асобағал гаштани кӯдакро баҳо диҳад.**

Саволи 3. Оё барои Шумо шунидан [бе асбобҳои шунавоӣ] мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.* Саволи мазкур ба маҳдудиятҳои шунавоӣ ё ҳар мушкилие, ки бинобар вазъи саломатӣ сар мезананд, мисол, мушкили шунавоӣ дар муҳити пурғавғо ё мушкили фарқ кардани садоҳо аз нуқтаҳои гуногун равона карда шудааст.**

**Мисол, шахс бо ихтилоли шунавоӣ асосан мушкили шуниданро дорад, ки асбоб барои аз байн бурдани мушкил кӯмак мекунад. Посухдиҳанда бояд чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф менамояд, агар асбоби шунавоӣ набошад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **Саволи мазкур ба маҳдудиятҳои шунавоӣ ё ҳаргуна мушкилие, ки бинобар вазъи саломатӣ сар мезанад, равона шудааст. Мисол, мушкили шунаоӣ дар муҳити пурғавғо ё мушкили фарқ кардани садоҳо аз нуқтаҳои гуногун.**

**Мисол, кӯдак асбоби шунавоӣ дорад; посухдиҳанда қобилияти шунавоии кӯдакро бе асбоби шунавоӣ баҳо диҳад.**

Саволи 4. Оё барои Шумо роҳ гаштан ё бо зинаҳо ба боло баромадан мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Саволи мазкур ба мушкилии масофаи наздик ва масофаи дур роҳ гаштан ё мушкилии бо зинапояҳо ба боло баромадан ё ба поён фаромаданро бинобар сабаби вазъи саломати ё ихтилол равона шудааст.**

**Мисол, шахс аз сабаби мушкилиҳои асосии мувозинат дар асоси сактаи майнаи сар, наметавонад ба масофаи наздик роҳ гардад; посухдиҳанда бояд то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд, агар барои роҳ гаштанба масофаи наздик кӯмак расонида нашавад ё аз асбоб истифода карда нашавад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **Савол ба ҳаргуна мушкилӣ дар дарк кардани гуфтаҳои падару модар ё дигар шахсон ё дарки маънои имову ишора, бинобар сабаби вазъи саломатӣ равона шудааст.**

**Посухдиҳанда бояд иқтидори кӯдакони синну солаш баробарро дар назар дошта бошанд. Посухдиҳанда <u>набояд</u> ҳаруна доруворӣ, кумаки шахсӣ, васоил ва имконияҳои техникиро ба назар гирад.**

**Мисол, посухдиханда иктидори дарк кардани кудакро бе кӯмаки модар баҳо диҳад.**

Саволи 5. Оё барои Шумо дар хотир доштан ё диққатро ба чизе ҷалб кардан мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Саволи мазкур мушкили равонасозии диққат ба он, ки як нафар чи карда истодааст, аз хотир баровардани номи моҳ ё аз хотир баровардани он, ки як нафар ҳоло чи гуфт, бинобар сабаби вазъи саломатӣ ё ихтилолро дар назар дорад.**

**Мисол, шахсе, ки бемории Паркинсон дорад, асосан мушкили дар хотир доштани соати истеъмоли доруро дорад; посухдиҳанда бояд чи андоза калон будани мушкилиҳоро тавсиф диҳад, агар асбоб ба ӯ бо хӯрдани саривақтии дору кӯмак нарасонад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **Савол ба ҳаргуна мушкилӣ дар омӯзиш, бинобар сабаби вазъи саломатӣ, равона шудааст. Мисол, омӯхтани калимаҳо, омӯхтани хондан ё шавиштан.**

**Посухдиҳандагон боял иктидори кудакони синну солашон баробарро дар омӯхтани ба назар гиранд.**

**Посухдиҳандагон набояд ҳаргуна доруворӣ, кӯмаки шахсӣ, васоил ва имкониятҳои техникиро ба назар гиранд.**

**Мисол, кӯдак ба кӯмаки иловагӣ аз тарафи омӯзгор дар мактаб ва вақти зиёд барои омӯзиш эҳтиёҷ дорад; посухдиҳанда бояд иқтидори омӯхтани кӯдакро бе кӯмаки иловагӣ дар мактаб баҳо диҳад.**

Саволи 6. Оё барои Шумо оббозӣ кардан ё либос пӯшидан мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Саволи мазкур мушкили шустани тамоми бадан, аз ҷумла, шустани мӯй, пой ва мушкилии пӯшидани либосҳоро бинобар вазъи саломатӣ ва ихтилол равона карда шудааст.**

**Мисол, шахс бо фалаҷи яктарафа баъд аз сактаи мағзи сар асосан мушкили пӯшиданро дорад; посухдиҳанда бояд то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд, агар асбобҳои ёрирасон ба назар гирифта нашаванд.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **Савол ба ҳаргуеа мушкилӣ дар назорати рафтор бинобар мушкили вазъи саломатӣ, равона шудааст. Мисол, нагазидан ё назадани лигарон.**

**Посухдиҳанда набояд ҳаргуна доруворӣ, кӯмаки шахсӣ, васоли ва имкониятҳои техникиро ба назар гирад.**

**Мисол, агар модар набошад, кӯдак бо дигар кӯдакон муносибати хашмгин дорад; посухдиҳанда бояд иқтидори аз тарафи кӯдак зери назорат гирифтани хашмро ҳангоми набудани модадар баҳо диҳад.**

Саволи 7. Оё барои Шумо хоб рафтан бинобар сабаби вазъи саломатӣ мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Посухдиҳандагон бояд мушкилиҳое, ки онҳо бо хоб рафтан доранд, ба мисли мушкилии хоб бурдан ё барвақт бедор шудан бинобар сабаби вазъи саломатӣ ба ҳо диҳанд.**

**Мисол, шахс мушкили хоб бурданро дора два бароиғолиб омадан ба ин мушкил аз усулҳои оромиш истифода мебарад; посухдиҳанда бояд чи андоза калон будани мушкилиҳоро тавсиф намояд, агар аз усулҳои оромиш истифода кунад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **Савол ба ҳаргуна мушкилӣ дар иҷро кардани кор, ба монанди, сохтани манора, пӯшидани пойафзол, ғундоштани ҷойи хоб, бинобар сабаби вазъи саломатӣ, равона шудааст.**

**Мисол, кӯдак ба вақти иловагӣ ва кӯмаки модар дар пӯшидани пойафзол эҳтиёҷ дорад; посухдиҳанда бояд иқтидори кӯдакро дар пӯшидани пойафзол бе кӯмаки модар баҳо диҳад.**

Саводи 8. Оё барои Шумо иҷро намудани кори хона бинобар сабаби вазъи саломатӣ мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Посухдиҳанда бояд мушкилие, ки барои анҷом додани корҳои хона ба мисли ҷомашӯӣ кардан, тоза кардан ва баровардани партов бинобар сабаи вазъи саломатиашон баҳо диҳад.**

**Мисол, шахсе чарҳати сутунмухра бардошта аст, аосан мушкили иҷрои кори хонагиро дорад, аммо ӯ ёрдамчии шахсӣ дорад, и ба ӯ кӯмак мерасонад. Посухдиҳанда бояд чи андоза калон будани мушкилиҳоро тавсиф намояд, агар кӯмак аз тарафи ёрдамчии шахсӣ набошад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола.*** **Савол ба ҳаргуна мушкилӣ дар нигоҳ доштани муносибат бо дигар кӯдакон, монанди ҳамроҳ бозидан, бинобар сабаи вазъи саломатӣ равона карда шудааст.**

**Посухдиҳанда бояд иқтидори кӯдакони синну солашон баробарро дар нигоҳ доштани муносибат бо дигар кӯдакон дар назар дошта бошад.**

**Мисол, кӯдак бо мкшкили шадиди маҳрумият аз шунавоӣ метавонад танҳо дар ҳузури падар ё модар бо дигар кӯдакон бозӣ карда метавонад; бояд иқтидори кӯдакро дар бозӣ кардан бо кӯдакони дигар бе кӯмаки падару модар баҳо дода шавад.**

Саволҳои 9 ва 10 танҳо ба шахсони 16 сола ва калонтар дахл доранд.

Саволи 9. Барои Шумо иштирок кардан дар ҳаёти ҷомеа, масалан, ҷашнгириҳо, чорабиниҳои динӣ ва ғайра бинобар сабаби вазъи саломатӣ то чӣ андоза мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Саволи мазкур иштирок намудан дар ҷаласаҳо, намоишгоҳҳо, фаъолиятҳои фароғатӣ ва варзишӣ дар шаҳр, ҳамсоягӣ ё дар ҷомеаро дар бар мегирад. Посухдиҳандагон мушкилиҳои иштирок дар фаъолиятҳои сатҳи ҷомеа бинобар сабаби вазъи саломатиашонро баҳо диҳанд.**

**Мисол, шахсе, ки аз аробача истифода мекунад барои иштирок намудан дар ҷашнҳо ягон мушкилӣ надорад, зеро оилааш ӯро дастгирӣ мекунад; посухдиҳанда то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намояд, агар кӯмаки оила ва дастрасии ҷойҳо дар ҳамсоягӣ намебуданд.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола саволи мазкур нест.***

Саволи 10. Барои Шумо бинобар сабаби вазъи саломатӣ худро ғамгин, дилтанг ё рӯҳафтода эҳсос намудан то чӣ андоза мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Посухдиҳандагон бояд мушкилиҳое, ки бо эҳсоси ғам, андуҳ, нороҳатӣ ё изтироб бинобар сабаби вазъи саломат алоқаманд, баҳо диҳанд.**

**Мисол, шахсе ки ихтилоли ҷиддии хотира дорад, ҳар замон худро ғамгин ва пуризтироб эҳсос меукнад, аммо ҳамсараш ба ӯ кӯмак мерасонад; то чи андоза калон будани мушкилиро тавсиф намудан лозим аст, агар дастгирӣ аз тарафи ҳамсар набошад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола саволи мазкур нест.***

Саволи 11. Оё барои Шумо нигоҳ доштани муносибат ба одамоне, ки бо Шумо наздиканд, аз он ҷумла бо оила ва дӯстон, бинобар сабаби вазъи саломатӣ, мушкил аст?

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.*** **Нигоҳ доштани муносибат бо одамоне, ки ба (НОМ) назидиканд эҳтиром, гармӣ, сипосгузорӣ ва таҳаммул дар муносибатҳо, ҷавобгардонӣ ба танқид ва ишораҳои ичтимоӣ дар муносибатҳо ва истифодаи тамосҳои ҷисмонии муносибро дар бар мегирад. (НОМ) бояд мушкилиҳои бинобар сабаби вазъи саломатӣ ҷойдоштаашро, баҳо диҳад.**

**Мисол, мушкилиҳои шахс дар нигоҳ доштани муносибат бо одамони наздик ба ӯ баъд аз сактаи майнаи сар зиёд мешавад, аммо вақте ки ҳамсараш дар наздаш бошад, ин муносибат нигоҳ дошта мешавад; то чи андозакалон будани мушкилиро тавсиф намоед, агар кӯмаки ҳамсар набошад.**

***Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола* дар мукоиса бо кӯдакони синну солашон баробар, барои (НОМ) нигоҳ доштани муносибат бинобар вазъи саломати чи гуна аст.**

Саволи 12. То чи андоза Шумо дардро дар бадан эҳсос мекунед аз рӯи ҷадвали қиёсӣ аз 1 то 5, ки ин ҷо 1 маънои “мавҷуд набудани дард”, 5 бошад маънои “аз ҳад зиёд будани дард”-ро дорад, баҳогузорӣ намоед.

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.* То чи андоза (НОМ) дардро дар баданаш эҳсос мекунад, баҳогузори кардан лозим аст.**

**Мисол, шахс дарди музмин дора два аз усулҳои оромишдиҳанда ҷиҳати бартараф кардани он истифода мебарад; посухдиҳанда бяд тавсиф намояд, ки агар усулҳои оромишдиҳанда набошанд, баданаш чи кадар дардро эҳсос мекунад.**

Саволи 13. Дар айни замон, дар Шумо ягон намуди бемориҳои зерин ё мушкилӣ (проблема) вобаста ба саломатӣ вуҷуд дорад?

**Дар ҷавоб ба ин савол аз рӯйхати бемориҳои нишон додашуда истифода намудан лозим аст.**

| | |
|---|---|
| **a) Аз биноӣ маҳрум шудан** | **1** |
| **b) Аз қобилияти шунавоӣ маҳрум шудан** | **2** |
| **c) Фишори баланди хун (гипертония)** | **3** |
| **d) Бемории дил, бемории дилу раг, сактаи дил** | **4** |
| **e) Сактаи мағзи сар (инсулт)** | **5** |
| **f.Бемории қанд (диабет)** | **6** |
| **g) Илтиҳоби банд (артрит) ё артроз** | **7** |
| **h) Бронхити музмин ё эмфизема** | **8** |
| **i) Диққи нафас, бемории аллергии роҳи нафас** | **9** |
| **j) Дарди миён ё мушкилӣ бо дискҳои сутунмӯҳра** | **10** |
| **k) Рӯҳафтодагӣ (депрессия)** | **11** |
| **l) Пуризтиробӣ (пурҳаяҷонӣ)** | **12** |
| **m) кисман чудокунии узв аз бадан (ампутация)** | **13** |
| **n) Осеб, мусоҳибагиранда: ҳодисаҳои садамаи нақлиётӣ ё ходисахо дохил мешаванд / воқеаҳои нохуш дар хона ё мактаб, ки ба маҳдуд намудани фаъолият ё бо расонидани зарари ҷисмонӣ алоқаманд аст, мансуб аст** | **14** |
| **o) Тиннитус (ҷаррангос, ғуррос ё ғингос дар гӯшҳо, ки он 5 дақиқа ё зиёдтар дар давоми 12 моҳи охир давом мекунад)** | **15** |
| **p) Дигар** | **96** |
| **x) Намедонам** | **99** |
| **z) Беморӣ/мушкилӣ вобаста ба саломатӣ вуҷуд надорад** | **0** |

**Дар ҷавоб ба ин савол оид ба бемориҳои номбаргардида маълумот доштан лозим аст.**

***Барои шахсони 16 сола ва калонтар.***

Аз биноӣ маҳрум шудан – набудани баниш ё паст будани қобилияти дидан то дараҷае, ки сабаби мушкилиҳои бо воситаи оддӣ ислоҳнашаванда, ба мисли айнак, мешавад. Чунин ҳолат метавоанд ё зуд сурат гирадбигирад (яъне, ногаҳон) ё музмин (дар муддати тӯлонӣ), мисол, аз сабаби катаракта беморие, ки ҳангоми он зуҷоҷаҳо тира ва ғубобгирифта мешаванд, ки сабаби қисман ё пурра нобино гаштан мебошад. Ибораи аз биноӣ маҳрум шудан дар робита бо пурра ё қариб пурра гум кардани биниш истифода карда мешавад. Агар посухдиҳанда ибораи «аз биноӣ махрум шудан»-ро нафаҳмад, онро ҳамчун мушкили биниш тавсиф намоед, ҳатто агар шахс аз беҳтарин линзаҳои имконпазири тасҳеҳкунанда ё айнакҳо истифода кунад.

Аз қобилияти шунавоӣ махрум шудан. Гӯшвазнинӣ, ихтилоли шунавоӣ ё аз қобилияти шунавоӣ маҳрум шудан қисман ё пурра надоштани қобилияти шунавоӣ аз сабаби омилҳои гуногун сар мезананд, вале маҳдуд нест ба синну сол, мағал, бемориӣ, ҷароҳатҳои кимиёвӣ ва ҷисмонӣ. Агар посухдиҳанда ибораи «қобилияти шунавоӣ маҳрум шудан» - ро нафаҳмад, онро ҳамчун паст шудани ҳассосият дар робита бо садо, ки одатан шунида мешавад, тавсиф додан лозим аст.

Фишори баланди хун (гипертония). Гипертония ё фишори баланди хун баландии устувори фишор дар шараёнҳо мебошад, ки метавонад пас аз гузашта вақт барои кори қалю, мағзи сар ва гурдаҳо ихтилол эҷод кунад.

Бемории дил, бемории дилу раг, сактаи дил. Бемории дил ё ихтилоҷи рагҳои коронарӣ (стенокардия) аломате мебошад, ки бемории мухмини дилро ифода мекунад. Агар посухдиҳанда калимаҳоро нафаҳмад, ҳолатро ба мисли мавҷуд будани дарди муваққатӣ дар сина тавсиф намоед, ки чунин дард метавонад ба қисматҳои болоии бадан, асосан тарафи дасти чап интиқол ёбад.

Сактаи мағз (инсулт). Сактаи мағз аз сабаби ихтилоли таъмини хун ба мағзи сар пайдо мешавад. Чунин ҳолат метавонад бо сабаби маҳкамшавӣ (сактаи мағзи шакли ишемикӣ) ё кафидани рагҳои хунгард (сактаи шакли геморрагӣ – хунравӣ) ба миён ояд. Агар шахс ибораи «сактаи мағз»- ро надонад, фаҳмонед, ки ин ҷароҳат ба мағзи сар аст – маъмулан ҳамлаи ногаҳон ва сахт аст. Чунин ҳолат метавонад фалаҷи муқаррарӣ ва муваққатӣ эҷод намуда (натавонистани анҷом додани ҳаракат, одатан як тарафи бадан) ба гум кардани нутқ сабаб мешавад.

Диабет. Диабет инчунин диабети қанд ё «баланд шудани қанд дар хун» номида мешавад. Агар пурсидашаванда калимаи «диабет» - ро нафаҳмад, онро ҳамчун ҳолати музмин (дарозмуддат), ки табассути он шахс мушкили ихроҷи инсулинро пайдо кардааст, тавсиф намоед. Инсулин барои табдил намудани ғизои истеъмолнамуда ба қуввае, ки мо барои коршоямӣ ва нигаҳдории сатҳи қанд дар хун зарур аст, кӯмак мерасонад. Одамоне, ки диабет доранд, бо мурури замон сатҳи қандашон баланд мешавад, ки чунин ҳолат метавонад ба мушкилиҳои рагҳои хунгард, чашмҳо, гурдаҳо, торҳои асаб ва кори дил оварда расонад.

Артрит, артроз. «Артрит» бемории буғумҳо (мисол, ангуштон) бандҳои даст, зонуҳо, ронҳо, миён) мебошад. Аломатҳои умумӣ – варам, карахтӣ, сурхӣ, гармӣ ва ё дард мебошад. Агар посухдиҳанда ибораи «артрит» - ро нафаҳмад, алломатҳои умумиро тавсиф намоед: варам, карахтӣ, сурхӣ ва гармӣ/дард.

Илтиҳоби музмини нойчаҳои шуш ё эмфизема. Илтиҳоби музмини нойчаҳои шуш як шохаи бемории нафастангӣ буда, таҳти унвони «бемории музмини бронхити обструктивӣ» шинохта мешавад. Бронхит варам кардан роҳҳои нафас, ки гулуро

(трахея) бо шуш пайваст мекунад, хабар медиҳад. Чунин ҳолати илтихоб нишон медиҳад, ки devoраҳои бронх варам карда, бо луоби часпаки изофӣ пур шудааст. Ҷарпёни ҳаво аз шуш ва ба он қисман бо сабаби варами деворaҳои бронх ва луоби часпаки изофӣ маҳкам шудааст.

Эмфизема инчунин шохаи бемории нафастангӣ буда, таҳти унвони «бемории музмини бронхити обструктивӣ» шинохта мешавад. Б қисми шуш, ки дар он ҳаво мубодила мешавад, зарар расонида шудааст ва маъмулан одам навастагии қафаси эмфизематозии синаро эҳсос мекунад. Агар посухдиҳанда ибораи «бемории нойчаҳои шуш» - ро нафаҳмад, онро ҳамчун мукили нафаскашӣ – одатан, инчунин, сулфа ва баромадани балғам тавсиф намоед. Чунин ҳолат астмаро дар бар намегирад.

Диққи нафас, бемории аллергии роҳи нафас. Диққи нафас беморие, ки бо амал омадани ҳамлаҳои такрории норасоии ҳаво ва ҳуштаккашӣ тавсиф дода мешавад. Чунин ҳолат аз ҳолати вазнинӣ ва мунтазам будани он дар ин ё он шахс вобастагӣ дорад. Чунин ҳолат метавонад дар одам соат ба соат ва рӯз ба рӯз ба вуҷуд ояд. Ин ҳолат дар натиҷаи варами роҳи нафас дар шушҳо ба вуҷуд меояд, ки ба ҳассосияти илтиҳоби асабӣ дар роҳҳои нафас таъсир мерасонад, ки онҳо ба таври осон озурда мешаванд. Ҳангоми ҳамлаи диққи нафас қабатҳои роҳҳо варам намуда, боиси тангшавии роҳҳои нафаскашӣ ва кам шудани ҷараёни ҳаво ба шу шва аз он мешаванд. Агар посухдиҳанда калимаи «диққи нафас» - ро нафаҳмад, онро ҳамчун ҳамлаҳои такрории норасоии ҳаво ва ҳуштаккашӣ тавсиф намоед.

Дарди миён ё мушкилӣ бо дискҳои сутунмӯҳра. Дарди миён дар қисмати пушт эҳсос карда мешавад, ки метавонад ҳуҷуми ногаҳониро анҷом диҳад ё ба таври музмин бошад. Ин дард метавонад муқаррарӣ бошад ё такрорӣ, дар як ҷой қарор дошта бошад ё ба дишар ҷойҳо интиқол ёбад. Ин метавонад дарди сим-сим, зуд, сӯрохкунанда ё сӯзиш дошта бошад. Дард метавонад ба дастҳо, инчунин ба пойҳо ё кафҳои пой интиқол дода шавад ва дигар аломатҳо ғайр аз дардро дар бар гирад. Чунин аломатҳо метавонанад хала, бамадорӣ ё шахшавиро дар бар гирад.

Афсурдаҳолӣ. «Асурдаҳолӣ» аз рӯи эҳсос ё хуруҷи руҳияи бад тавсиф мешавад: ғусса, зиқӣ, рӯҳафтодагӣ, руҳияи бад, вҳм, маъюсӣ, бадқавоқӣ, пуралами, муситатзадагӣ, азодорӣ ё бечорагӣ дар муддати вақт (ҳафтаҳо, моҳҳо ё солҳо). Гарчанде афсурдаҳолӣ маъмул бошад ҳам, аксаран бидуни мушоҳида мегузарад, зеро ба мушкилиҳои ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ иртибот дорад.

Изтироб. «Изтироб» ҳолати нохуши таассурот, ки аксар вақт бо рафтори асабӣ, ба мисли пешу пушт рафтан, ихтилоли ҷисмонӣ ва хоидани сақич ҳамроҳӣ мешавад. Изтироб эҳсоси тарс, беқарорӣ ва шармдориро ифода намуда, маъмулан ҳолати беэътиноӣ ҳамчун вокуниш аз ҳад зиёд ба ҳолате, ки ба таври субъективӣ ҳамчун хатарнок дида мешавад. Маъмулан он бо ошуфтаҳолӣ, бепарвоӣ, мушкилиҳои равонасозии диққат ва шиддати мушакҳо ҳамроҳӣ карда мешавад.

Ҷудокунии узв аз қисм (ампутатсия). Ҷудокунии увз аз қисм (ампутация) буридани даст ё пой бо сабаби бардоштани ҷароҳат ва тариқи ҷарроҳӣ мебошад. Чун мудохилаи амали ҷарроҳӣ, ампутатсия бо мақсади таҳти назорат гирифтани дард ё ҷараёни беморӣ дар пои дардманд, ба мисли омоси хатарзо ва гангрена истифода мешавад. Траспланатант ва узвҳои сунъӣ (протез) танҳо вариантҳои товони зарар маҳсуб меёбанд.

Осеб. Осеб ва садамаҳо дар роҳ ё ҳодисаҳо/фалокат дар хона, мактаб ё ҷойи корӣ, ки дар натиҷа ба осеббардории бадан, ки боиси маҳдудияти фаъолият мешавад, иртибот

дорад. Агар посухдиҳанда аввал «не» чавоб дода бошад, бо гуфтаи зерин санчед: «Осеб метавонад ҳодисаи нохуш бошад, ки дар он Шумо ё ҳамчун мусофири мошин ё ронандаи мототсикл/скутер, дучарха ё пиёдагард иштирок кунед»

**Тиннитус.** Ҷаррангос, ғуррос ё ғингос дар гӯшҳо, ки он 5 дакмқа ё зиёдтар дар давоми 12 моҳи охир давом мекунад.

**Дигар**. Аз посухдиҳанда пурсед, ки ӯ вазъи саломатӣ ё беморӣ дорад, ки дар рӯйхат ишорат нашуда бошад.

*Барои кӯдакони аз 3 сола то 15 сола* номгӯйи бемориҳо қисман фарққунанда мебошанд.

**Бемории гурдаҳо**. Бемории гурдаҳо – ихтилое, ки ба гурдаҳо таъсирӣ манфӣ дорад. Ду узви даруни бадан, ки пасмондаҳоро берун месозанд, гармонҳои муайянро тавлид ва сатҳи моддаҳои кимиёвиро дар хуро ба танзим медароранд. Агар посухдиҳанда ибораи «бемории гурдаҳо»-ро нафаҳмад, гӯед, ки ҳадди ақал шаш аломат дар бораи бемории гурдаҳо ба мо хабар медиҳанд: сӯзиш ё мушкилӣ ҳангоми пешобравӣ; афзудани шумораи пешобравӣ; рафтани хун бо пешоб; варам дар қисмати атрофи чашмҳо; варами дастҳо ва пойҳо; дард дар қисмати миён, зери қабурға ва фишори баланди хун.

**Эпилепсия.** Эпилепсия ихтилоли музмин буда, хуруҷ хоси он аст, ки метавонад аз сукути кӯтоҳи таваҷҷуҳ ё ларзиши беихтиёр то кашиши давомдори раг тағйир кунад. Хуруҷҳо аз сабаби ногаҳон, одатан кӯтоҳ, безарядшавии аз ҳад зиёди электрикӣ дар гуруҳи ҳуҷайраҳои майнаи сар (нейронҳо) ва вуҷуд меоянд. Дар ҳолатҳои зиёд эпилепсияро бо истифода аз дорувории зидди эпилептикӣ ба таври самарабахш табобат кардан мумкин аст. Агар посухдиҳанда калимаи «эпилепсия»- ро нафаҳмад, чуниен вазъро ҳамчун мавҷуд будани хуруҷҳо, ки метавоананд аз сукути кӯтоҳи таваҷҷух ё ларзиши беихтиёр то кашишии давомдори раг тағйир кунад, тавсиф намоед.

**Аутизм.** Ихтилолоти спектри аутизм- гурӯҳе аз ихтилооти мураккаби инкишофи мағзи сар аст. Ин ихтилоҳи умумӣ ҳолатҳое монанди аутизм, ихтилоли дезинтегративи кӯдакӣ ва синдроми Аспергерро фаро мегирад. Хусусияти ин ихтилолот аз душвориҳо дар муоширати иҷтимоӣ ва иртибот, репертуари маҳдуд ва такроршавандаи манфиатҳо ва фаъолиятҳо иборат мебошад.

**Фалаҷи серебралӣ.** Фалаҷи серебралӣ – як истилоҳи умумӣ барои баёни гурӯхе аз ҳолатҳои моторӣ мебошад, ки боиси маъюбии ҷисмонӣ мешавад. Он мумкин аст ҳамчун дисфунксияи моторикии марказӣ муайян карда шавад, ки ба тонуси (қобилияти ҳаракти) мушакҳо, мавқеияти истодан ва ҳаракате таъсир мегузорад, ки аз нуксон (дефект) ё ихтилоли доимӣ, ғайрипрогрессивии мағзи норасид бармеояд. Роҳравии қайчишакл (ҳолате, ки зонуҳо пеш мебароянд ва ба ҳамдигар мерасанд) ва роҳравӣ бар рӯи ангуштони по (ки тарзи роҳравии марионеткаро ба ёд меорад) дар миёни кӯдакони дорои фалаҷи серебралӣ маъмул аст, ки қодир ҳастанд чунин роҳ раванд. Агар шахси пурсидашаванда истилоҳи «фалаҷи серебралӣ»- ро дарк намекунад, ҳолати монанди мавҷуд будани спастикаи мушакҳо, спазмаҳо, дигар ҳаракатҳои ғайриихтиёрӣ (мисол, имову ишораи рӯй (мимика)), гашти ғайриустувор ва мушкилоти мувозинатро тавсиф кунед.

**Спина Бифида ба маънои «тарқиши (шикофи) сутунмӯҳра» истифода мешавад**. Снина Бифида дар замоне рух медиҳад, ки кӯдак дар батн қарор дора два сутунмӯхра дар тамоми роҳ маҳкам намешавад. Кӯдакони дорои Спина Бифида метавонанд мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ дошта бошанд. Онҳо ҳамчунин метавонанд дорои

мушкилоти роҳ рафтан ё рафтан ба ҳаммом, фарбеҳӣ, вайрон шудани пӯст, ихтилолоти меъдаю рӯда, мушкилот дар омӯзиш, дипрессия, тендинит ва мушкилоти ҷинсӣ бошанд.

Муковитсидоз. Фибрози кистоз, ки ҳамчунин бо унвонии муковитсидоз маълум аст, ки ихтилоли генетикӣ мебошад, ки бештар ба шушҳо ва ҳамчунин ба ғадуди зери меъда, ҷигар ва девори меъда таъсир мерасонад. Душвории нафаскашӣ аломати ҷиддитарин ва натиҷаҳои инфексияҳои доимии шуш мебошад, ки бо истифода аз антибиотикҳо ва дигар маводи доруворӣ муолиҷа карда мешавад. Дигар аломатҳо, аз ҷумла, синусит, афзоиши заифи қад ва безурриёти ба дигар аъзои бадан таъсир мерасонанд.

Дистрофияи мушак. Дистрофияи мушак – гурӯҳи бемориҳои мушак мебошад, ки системаи устухону мушакро заиф намуда, ба ҳаракт монеа эҷод мекунад. Нишонаҳои умумӣ – заифии (атрофияи) афзоишёбандаи мушак, мувозинати заиф, птоз (поён шудани пилкҳои чамш), атрофия, скалиоз (каҷ шудани сутунмӯҳра ва тахтапушт), нотавонӣ барои роҳ гаштан, зуд- зуд афтодан ва душвории нафаскашӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ҳаргуна фалаҷ. Фалаҷ- гум шудани вазифаи мушак барои як ё чанд мушак мебошад. Фалаҷ мумкин аст бо гум шудани эҳсосот дар қисмати зарардида ҳамрадиф бошад, агар осеби ҳиссӣ (сенсорӣ) ва ҳамчунин ҳаракатӣ вуҷуд дошта бошад. Фалаҷ аксари вақтҳо ба сабаби осеб дар системаи аса, махсусан, осеби ҳароммағз ба вуҷуд меояд. Дастҳо, пойҳо, ангуштони пой, ки талаф ёфтанд ё деформатсия шуданд. Ин савол новобаста аз сабаб ба дастҳо, пойҳо ё ангуштони пой, ки талаф ёфтаанд ё не деформатсия шудаанд, таалluқ дорад.

Синдроми алкоголии ҷанин. Синдроми алкоголии ҷанин – намунае аз нуқсонҳои (дефект) равонӣ ва ҷисмонӣ мебошад, ки дар ҷанинХамроҳ бо сатҳҳои баланди масрафи машруботи спиртӣ ҳангоми ҳомиладорӣ иинкишоф меёбад. Синдроми агкоголии ҷанин сабаби паҳншавии ақибмонии фикрӣ (кундзеҳнӣ) мебошад. Аломатҳои синдроми алкоголии ҷанин мумкин аст, ки мавридҳои зеринро дар бар гирад: нишонаҳои фарққунандаи рӯй, аз ҷумла чашмони хурд, ба таври истисноӣ лаби болоии борик, бинии кӯтоҳи гардонидашуда ва сатҳи ҳамвори пӯст байни бинӣ ва лаби болоӣ; деформатсияи буғумҳо, андомҳо ва ангуштон; афзоиши сусти ҷисмонӣ қабл ва пас аз таваллуд; душвориҳои биноӣ ё мушкилоти шунавоӣ; андозаи хурди сар ва мағзи сар; ҳамоҳангии заиф; ақибмонии зеҳнӣ ва инкишофи батаъхирафтода; ихтилолоти омӯзишӣ; рафтори ғайримаъмулӣ ва нуқсонҳои қалб.

Синдроми Даун. Синдроми Даун- навъи ақибмонии зеҳнӣ мебошад, ки ба сабаби маводи изофии генетикӣ дар хромасоммаи 21 ба вуҷуд меояд.Чанд хусусияти чисмонии Синдроми Даун дар навзодон ба таври зайл мебошанд: фаъолияти заифи мушак, рӯи ҳамвор, ба боло майл кардани чашмон, шакли ғайримаъмулии гӯш, қобилияти дароз кардани пайвандҳо (мафсалҳо) зиёдтар аз андозаи маъмулӣ, фосилаи калон байни ангуштони дигар, забони калон дар муқоиса бо андозаи даҳон ва ғайраҳо. Бемори гирифтор ба Синдроми Даун мумкин тахти таъсири шароитҳои дигар қарор гиранд, аз ҷумла бмориҳои қалб, бемории Алтсгеймер ва лейкемия.

Полиомиелит. Полиемиелит (полио) бемории сироятии вирусӣ буда, асосан тахсири манфиро ба кӯдакони синну солашон поён мерасонад. Аломатҳои аввалини полиемиелит табларза, хастагӣ, дарди сар, Кайкунӣ, шиддат дар қисмати гардан ва дард дар дасту пой мебошад. Дар холатҳои на чандон зиёд, беморӣ сабаби фалаҷ мешавад, ки

**маъмулан характери доимӣ мегирад. Полиемиелит танҳо аз роҳи эмгузаронӣ мешгирӣ мешавад.**

**<u>Дар ихтилоли тӯлонӣ</u>. Аз посухдиҳанда пурсед, ки кӯдак дигар ихтилоли саломатӣ ё бемории дар рӯйҳат номбарнашударо дорад. Ба таври равшан ва бо ҳарфҳои калон дар бораи ихтилоли саломатӣ ё беморӣ нависед. Қоидаҳои имлоро тафтиш куне два барои фазои иловагӣ аз ҳошияҳо истифода намоед.**

Саволи 14. Оё Шумо маълумотномаи маъюбӣ доред?

**Дар ҷавоб ба ин савол гурӯҳи маъюбӣ (агар бошад) муайян ва аниқ карда мешавад. Вариантҳои ҷавоб чунин мебошанд.**

**Рамзи 1 – «не», агар (НОМ) маъюбӣ надошта бошад.**

**Рамзи 2 – «ҳа, гурӯҳи 1» - қайд карда мешавад, агар (НОМ) маъюбӣ дошта бошад ва мувофиқи маълумотномаи тиббӣ ба ӯ маъюбии гурӯҳи 1 муқаррар карда шудааст.**

**Рамзи 3 – «гурӯҳи 2» - қайд карда мешавад, агар (НОМ) маъюбӣ дошта бошад ва мувофиқи маълумотномаи тиббӣ ба ӯ маъюбии гурӯҳи 2 муқаррар карда шудааст.**

**Рамзи 4 – «гурӯҳи 3» - қайд карда мешавад, агар (НОМ) маъюбӣ дошта бошад ва мувофиқи маълумотномаи тиббӣ ба ӯ маъюбии гурӯҳи 3 муқаррар карда шудааст.**

### 4.6.1 Модули 5. Шуғл – қисми А:
### Вазъият дар самти фаъолияти корӣ

Модули 5. Шуғл - қисми А танҳо барои аъзоёни 15-сола ва калонтари хонавода пур карда мешавад.

Даврияти пур кардани модули 5. Шуғл – қисми А ва Б семоҳаи ҳар семоҳа мебошад.

Саволи 1. Дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР оё [НОМ] ягон кори музднок ё кор барои ба даст овардани фоида иҷро кардааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» - агар [НОМ] дар давоми 7 рӯзи охир ягон кори музднок ё кор барои ба даст овардани фоида ичро карда бошад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 2 – «не» - агар агар [НОМ] дар давоми 7 рӯзи охир ягон кори музднок ё кор барои ба даст овардани фоида иҷро накарда бошад. Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 2) идома меёбад.**

Саволи 2. Дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР оё [НОМ] ҳадди ақал як соат пулакӣ ё бепул дар саҳро ё боғе, ки ба худ ё дигар аъзои хоҷагӣ тааллуқ дорад, кор кардааст? Ё ин ки [НОМ] бо парвариши чорво, моҳидорӣ ё шикор машғул шуда буд? (масалан, кишти маҳсулоти полезӣ барои фурӯш, расонидани хизматрасонии пулакӣ) Д

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] ҳадди ақал як соат пулакӣ ё бепул <u>дар саҳро ё боғе, ки ба худ ё дигар аъзои хонавода тааллуқ дорад,</u>** кор кардааст; **ё ин ки [НОМ] бо парвариши чорво, моҳидорӣ ё шикор машғул шуда буд. (масалан, кишти маҳсулоти полезӣ барои фурӯш, расонидани хизматрасонии пулакӣ ва ба монанди инҳо). Дар мчавриди қайд кардани рамзи 1- «ҳа» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 4 идома меёбад.**

**Рамзи «не» - қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] ҳадди ақал як соат пулакӣ ё бепул дар саҳро ё боғе, ки ба худ ё дигар аъзои хонавода тааллуқ дорад**, кор накардааст **ва ё [НОМ] бо парвариши чорво, моҳидорӣ ё шикор машғул нашуда буд. (масалан кишти маҳсулоти полезӣ барои фурӯш кишт накардааст, пулакӣ хизмат накардааст ва ба монанди инҳо). Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 3) идома меёбад**

Саволи 3. Дар давоми 7 рӯзи охир оё [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат ёрӣ расонид?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат** ёрӣ расонид. **Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 4) идома меёбад.**

**Рамзи «не» - қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат** ёрӣ нарасонид. **Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 6 идома меёбад.**

Саволи 4. Ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат** ёрӣ расонид ва ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ буд. **Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 5) идома меёбад.**

**Рамзи «не» - қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат** ёрӣ расонид, вале ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ набуд. **Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

Саволи 5. Умуман, маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти мазкури**[НОМ]** ба даст омада барои фуруш ё истифодаи оила мебошанд?

**Рамзи 1-** «танҳо **барои фурӯш/бартер» қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат ёрӣ расонид ва ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ буд ва маҳсулоте, ки аз ин фаъолият ба даст оварда шудааст,** танҳо **барои фурӯш ё бартер пешбинӣ шудааст. Дар мавриди қайд кардани рамзи 1-** «танҳо **барои фурӯш/бартер» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 2 –** «асосан **барои фурӯш ё бартер» қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври ройгон ҳадди ақал як соат ёрӣ расонид ва ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ буд ва маҳсулоте, ки аз ин фаъолият ба даст оварда шудааст,** асосан **барои фурӯш ё бартер пешбинӣ шудааст. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2-** «асосан **барои фурӯш ё бартер» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 3 -** «асосан **барои истифодаи оила» қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба таври**

**ройгон ҳадди ақал як соат ёрӣ расонид ва ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ буд ва маҳсулоте, ки аз ин фаъолият ба даст оварда шудааст,** асосан **барои истифодаи оила пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 6) идома меёбад.**

**Рамзи 4 – «фақат барои истифодаи оила» қайд карда мешавад, агар дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] дар тиҷорате, ки ба аъзои хонавода тааллуқ дорад, ба иаври ройгон ҳадди ақал як соат ёрӣ расонид ва ин фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ буд ва маҳсулоте, ки аз ин фаъолият ба даст оварда шудааст,** танҳо **барои истифодаи оила пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 6) идома меёбад.**

Саволи 6. Дар давоми 7 рӯзи охир, оё [НОМ] кор ё тиҷорати пардохтшаванда дошт, ки дар он муваққатан ҳузур надошт ва дар оянда ба он баргаштанӣ аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар давоми 7 рӯзи охир [НОМ] кор ё тиҷорати пардохтшаванда дошт, ки дар он муваққатан ҳузур надошт, вале дар оянда ба он баргаштанӣ аст.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар давоми 7 рӯзи охир [НОМ] кор ё тиҷорати пардохтшаванда дошт, ки дар он муваққатан ҳузур надошт ва дар оянда ба он баргаштанӣ нест. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 31 идома меёбад.**

Саволи 7. Бо назардошти вақти дар кор ҳузур надоштан, оё [НОМ] ба ҳамон кор боз бармегардад?

**Рамзи 1 –** «дар муддати се моҳ ё камтар» **- қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо назардошти вақти дар кор ҳузур надоштан, боз дар муддати се моҳ ё камтар ба ҳамон кор нияти баргаштан дорад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 1- «дар муддати се моҳ ё камтар» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 2-** «баъд аз се моҳ» **- қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо назардошти вақти дар кор ҳузур надоштан, боз пас аз се моҳ ба ҳамон кор нияти баргаштан дорад. Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 8) идома меёбад.**

**Рамзи 3 –** «муайян нест кай бармегардам» **- қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо назардошти вақти дар кор ҳузур надоштан, боз ба ҳамон кор нияти баргаштан дорад, вале муайян нест кай бармегардад. Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 8) идома меёбад.**

Саволи 8. Оё дар давоми ҳузур надоштани [НОМ] аз он кор даромад ё фоида мегирад ё не?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз кор ё тиҷорате, ки дар он ғоиб аст (ҳузур надорад), даромад ё фоида мегирад. Дар ин ҳолат пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 9) идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз кор ё тиҷорате, ки дар он ғоиб аст (ҳузур надорад), даромад ё фоида намегирад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 31 идома меёбад.**

Саволи 9. Лутфан, дар бораи кор ё касбе, ки [НОМ] дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР иҷро кардааст, нақл кунед. Дар доираи кори худ [НОМ] кадом корро иҷро мекунад? *(Мисол, милитсионер, муаллим, ҳамшираи шафқат, ронанда ва ғ.)*

| |
|---|
| **Қувваҳои мусаллаҳ** |
| **Роҳбарон** |
| **Мутахассисони касбӣ** |
| **Мутахассисони техникӣ ва дигар мутахассисони миёна махсус** |
| **Кормандоне; ки ба тайёрӣ ва ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳо; баҳисобгирӣ ва хизматрасонӣ машғуланд** |
| **Кормандони соҳаҳои хизматрасонӣ ва савдо** |
| **Кормандони соҳибихтисоси хоҷагиҳои кишоварзӣ; ҷангал; моҳипарварӣ ва моҳигирӣ** |
| **Коргарони соҳибихтисоси саноат ва кормандони касабаҳои ба инҳо монанд** |
| **Операторон ва васгарони таҷҳизотҳои саноати ва мошинҳо** |
| **Кормандони беихтисос** |

**Дар ҷавоб ба ин савол дар сутуни чап, ки барои ҷавоб ҷудо карда шудааст, номи пурраи вазифа, касб ё кори иҷрокунанда навишта мешавад. Дар тарафи рост бошад, рамзи машулият ба воситаи таснифоти махсуси машулиятҳо муайян карда мешавад.**

**Ба шахсони дар ду ва ё зиёда ҷой коркунанда, машғулият дар ҳамон ҷои коре навишта мешавад, ки шахси пурсидашаванда онро асосӣ меҳисобад.**

**Агар пурсидашаванда муваққатан на аз рӯи машғулияти асосии худ кор кунад, он гоҳ машғулияти асосии ӯ навишта мешавад.**

«Коргари ёрирасон ё коргари корҳои гуногун» **танҳо ба шахсоне, ки дар корҳои гуногуни беихтисос машғуланд, қайд карда мешавад (ғайр аз кишоварзӣ), аммо дар ҳолатҳои боқимонда хусусияти корро муайян карда, навиштан лозим аст, масалан, «боркаш».**

«Кишоварзӣ» **танҳо ба шахсоне, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳо), корҳои гуногуни беихтисосро иҷро мекунанд ва машғулияти муайяни аниқ надоранд, навишта мешавад. Ба шахсоне, ки машғулияти муайян дар соҳаи кишоварзӣ доранд, номи ҳамон машғулият навишта мешавад (масалан, «чӯпон», «галабон», парвариши гандум, картошка ва ғайра).**

**Ба шахсоне, ки дар асоси инфиродӣ кор мекунанд, номи машғулияташон навишта мешавад: «суратгир», «оҳангсоз», «фурӯшандаи мағоза», «фурӯшандаи бозор» ва ғайра.**

**Ба шахсоне, ки дар хонаводаҳои хусусии алоҳида хизмат мекунанд, машғулияташон навишта мешавад: «котиби шахсӣ», «ошпаз», «доя», «мураббӣ» ва ғайра.**

**Ба аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, вобаста аз рӯи тахассуси хоҷагӣ, номи машғулият навишта мешавад («фермер– чорводор» ва ғайра).**

**Ба шахсоне, ки танҳо дар корхонаҳои оилавӣ ё дар хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ бе маош кор мекунанд, машғулияте, ки бо он қисми зиёди вақт машғуланд, навишта мешавад («боркаш», «истеҳсоли ғалла», «нигоҳубини чорво» ва монанди ин).**

**Ба шахсоне, ки танҳо дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғуланд «хоҷагии ёрирасони шахсӣ» навишта мешавад.**

Саволи 10. Дар ин кор [НОМ] ба ҳайси ки кор мекард?

**Дар саволи 10 муайян карда мешавд, ки [НОМ дар ин кор барои касе ба ивази пул кор кардааст ва ин кор (машғулият) ба ҳайси кӣ амлӣ гардид.**

**Дар ҷавоб ба ин савол якчанд вариант пешбинӣ шудааст, ки яке аз онҳоро ба [НОМ] барои интихоби ҷавоб пешниҳод кардан лозим аст:**

**Рамзи 1- «корманди кироя» - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки аз рӯи шартномаи хаттӣ, созишнома ё маслиҳати даҳонӣ бо маъмурияти корхона, ташкилот, муассисаи шакли моликияташ гуногун, хоҷагии деҳқонӣ ё бо корфармои фардӣ барои мукофот дар шакли музди меҳнат (дар шакли пулӣ ё маҳсулотӣ) кор кардаанд.**

**Ин аломат инчунин гузошта мешавад:**

**- ба интихобшудагон, таъиншудагон ё тасдиқшудагон ба вазифаи идоракунандагон, директорон ва шахсони дигаре, ки ҳамчун роҳбар маош мегиранд;**

**- ба аъзоёни оила, ки дар корхонаи оилавӣ** бо музд кор мекарданд **ва аз ҳуқуқҳояшон истифода мебурданд ва дар ҳамин асос мисли дигар иҷрокунандагони чунин кор маош мегирифтанд;**

**- ба хизматчиёни ҳарбӣ;**

**- ба кироякорони кооперативҳои истеҳсолӣ (аз рӯи шартнома, созишнома ё маслиҳати даҳонӣ);**

**- ба хизматкунандагони парастишҳои динӣ.**

**Дар мавриди қайд кардани рамзи 1- «корманди кироя» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 11) идома меёбад.**

**Рамзи 2- «шогирди кораш пардохтшаванда дар истеҳсолот/стажор»- қайд карда мешавад, агар [НОМ] ба ҳайси шогирд ё таҷрибаомӯз (стажер) дар истеҳсолот фаъолият кард ва барои кораш маош гирифт. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2 – «шогирди кораш пардохтшаванда дар истеҳсолот/стажер» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи навбатӣ (саволи 11) идома меёбад.**

**Рамзи 3 «корфармо (дорои коргарони доимӣ)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо идоракунии корхонаи шахсии худ, хоҷагии деҳқонӣ ё фаъолияти тиҷоратӣ банд буда, дар асоси доимӣ як ё зиёдтар кироякорро истифода бурд. Дар мавриди қайд кардани рамзи 3- «корфармо (дорои коргарони доимӣ)» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 14 идома меёбад.**

**Рамзи 4 – «корманди мустақил (бе коргари доимӣ)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо шартҳои худмашғулшавӣ фаъолияти иқтисодиро иҷро мекунад ва дар асоси доимӣ кироякоронро истифода намебарад ё онҳоро аз маврид то маврид ҷалб мекунанд. тиҷоратӣ банд буда, дар асоси доимӣ як ё зиёдтар кироякорро истифода бурд. Дар мавриди қайд кардани рамзи 4- «корманди мустақил (бе коргари доимӣ)» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 14 идома меёбад.**

**Рамзи 5- «аъзои кооперативи истеҳсолӣ» - қайд карда мешавд, агар [НОМ] дар кооперативи истеҳсолӣ кор мекунанд ва аъзои он буда, ҳуқуқҳои баробар дар масъалаҳои қабули қарорҳое, ки ба ташкили истеҳсолот, фурӯши маҳсулот ва ё фаъолияти дигар, сармоягузорӣ ва тақсим намудани даромад байни аъзоён тааллуқ доранд, иш тирок мекунад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 5 - «аъзои кооперативи истеҳсолӣ» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 14 идома меёбад.**

**Рамзи 6- «аъзои ёрирасони оила (дар кори оилавӣ ройгон ёридиҳанда)» – қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар корхонаи оидавӣ таритиқи ройгон кор кард ва ёрӣ дод. Дар мавриди қайд кардани рамзи 6 - «аъзои ёрирасони оила (дар кори оилавӣ ройгон ёридиҳанда)» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 14 идома меёбад.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] мақом дар машғулият доранд, ки дар боло зикр нашудааст ва онро нишон додан лозим аст. Дар мавриди қайд кардани рамзи 96 - «дигар (нишон диҳед)» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 14 идома меёбад.**

Саволи 11. Оё корфармои [НОМ] андози ҳифзи иҷтимоиро аз номи ӯ пардохт менамояд? ***(Ба дилхоҳ нақшаи умумимилии таъминоти иҷтимоӣ муроҷиат кардан лозим аст, ки аз тарафи корфармо пардохт мешавад)***

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар корфармои [НОМ] андози ҳифзи иҷтимоиро аз рӯи дилхоҳ нақшаи умумимилии таъминоти иҷтимоӣ аз номи ӯ** пардохт менамояд**.**

**Рамзи 2 «не» - қайд карда мешавад, агар корфармои [НОМ] андози ҳифзи иҷтимоиро аз рӯи дилхоҳ нақшаи умумимилии таъминоти иҷтимоӣ аз номи ӯ** пардохт наменамояд**.**

**Рамзи 99- «намедонам» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] намедонад, ки корфамои ӯ андози ҳифзи иҷтимоиро аз рӯи дилхоҳ нақшаи умумимилии таъминоти иҷтимоӣ аз номи ӯ пардохт мекунад ё не.**

Саволи 12. Оё [НОМ] ба рухсатии музднoки ҳарсола мебарояд ва ё рухсатии истифода нашуда ҷуброн мешавад?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ба рухсатии музднок (пардохтшаванда)-и ҳарсола** барояд **ё рухсатии истифода нашуда** ҷуброн шавад**.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ба рухсатии музднок (пардохтшаванда)-и ҳарсола** набарояд **ё рухсатии истифода нашуда** ҷуброн нашавад**.**

**Рамзи 99- «намедонам» қайд карда мешавад, агар [НОМ] намедонад, ки ба рухсатии музднoки ҳарсола мебарояд ва рухсатии истифода нашуда ҷуброн мешавад ё не.**

Саволи 13. Оё барои [НОМ] дар мавриди беморӣ ё корношоямӣ вобаста ба ҷароҳат бардоштан дар истеҳсолот, соатҳо ё рӯзҳое, ки ӯ кор карда наметавонад, пардохт карда мешаванд?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар барои [НОМ] дар мавриди беморӣ ё корношоямӣ вобаста ба ҷароҳат бардоштан дар истеҳсолот, соатҳо ё рӯзҳое, ки ӯ кор карда наметавонад, пардохт карда** мешаванд.

**Рамзи 2 «не» - қайд карда мешавад, агар барои [НОМ] дар мавриди беморӣ ё корношоямӣ вобаста ба ҷароҳат бардоштан дар истеҳсолот, соатҳо ё рӯзҳое, ки ӯ кор карда наметавонад, пардохт карда** намешаванд.

**Рамзи 99 – «намедонам» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] намедонад, ки барояш дар мавриди беморӣ ё корношоямӣ вобаста ба ҷароҳат бардоштан дар истеҳсолот, соатҳо ё рӯзҳое, ки ӯ кор карда наметавонад,** пардохт карда мешавад ё не.

Саволи 14. Маҳалли чойгиршавии ҷойи кори [НОМ] дар куҷо ҷойгир аст?

**Пеш аз оғози пурсиш аз рӯи саволи 14 бояд дар хотир дошт, ки ҷойи истиқомати пурсидашаванда ҳамон маҳале (ноҳия/шаҳр) ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи интихоби таҳқиқоти буҷаи хонавода барои пурсиш интихоб карда шудааст.**

**Дар мавриди пур кардани саволи 14 ҳамчунин иқтисодчии таҳқиқоти буҷаи хонавода бояд тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро хуб донад:**

**Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст:**

**- Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (шаҳри Хоруғ ва 7 ноҳияҳо: Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб)**

**-вилояти Суғд (шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷакент, Истаравшан, Бӯстон, Гулистон, Истиқлол, Конибодом, Конибодом, Исфара ва 10 ноҳия: Айнӣ, Ашт, Деваштич, Ҷаббор Расулов, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен, Зафаробод, Мастчох, Бобоҷон Ғафуров,**

**- вилояти Хатлон (шаҳрҳои Бохтар, Левакант, Кӯлоб, Норак ва 21 ноҳия: Вахш, Восеъ, Дангара, Дӯстӣ (Ҷиликӯл), Хуросон, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун (Қумсангир), Мӯъминобод, М.С.А.Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ, Темурмалик, Ховалинг, Шаҳртуз, Шамсиддин Шоҳин (Шӯрообод), Ёвон, Носири Хусрав, Балҷувон)**

**-шаҳри Душанбе ва**

**-шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, Роғун, Ҳисор ва ноҳияи: Варзоб, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Файзобод, Нуробод, Тоҷикобод, Рашт, Лахш ва Сангвор).**

**Рамзи 1- «дар ҳудуди ноҳия/шаҳр» - қайд карда мешавад, агар ҷойи кори [НОМ] дар ҳудуди маҳалли аҳолинишине, ки истиқомат (ноҳия/шаҳр), ҷойгир шудааст. Мисол, [НОМ] дар шаҳри Роғун кор мекунаду, ҷойи исатиқоматаш ҷамоати деҳоти Қадиоби шаҳри Роғун мебошад, яъне тақсимот аз рӯи маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳоти ҳамон як ноҳия/шаҳр дар ин ҳолат ба инобат гирифта намешавад.**

**Рамзи 2- «дар ҳудуди дигар ноҳия/ шаҳри ҳамин вилоят» - қайд карда мешавад, агар ҷойи кори [НОМ] дар як ноҳияи вилоят бошаду, ҷойи истиқоматаш дар дигар ноҳия/шаҳри ҳамон як вилоят бошад. Мисол, [НОМ] дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд истиқомат мекунаду дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд кор мекунад.**

**Рамзи 3- «дар дигар вилоят» - қайд карда мешавад, агар ҷойи кори [НОМ] дар ҳудуди як ноҳия/шаҳри як вилоят бошаду ҷойи истиқоматаш дигар ноҳия/шаҳри дигар вилоят бошад. Мисол, [НОМ] дар ноҳияи Шаҳринав истиқомат мекунаду дар шаҳри Душанбе кор мекунад.**

**Рамзи 4- «дар Федератсияи Русия» - қайд карда мешавад, агар ҷойи кори [НОМ] дар Федератсияи Русия бошад ва ӯ бо хонаводаи худ алоқаи доимӣ дошта, сари чанд вақт тариқи маблағи пулӣ ё дигар намуд ёрии моддӣ мерасонад.**

**Рамзи 5- «берун аз давлатҳои ИДМ» -қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар ягон давлати берун аз ИДМ кор кунад ва бо хонаводаи худ алоқаи доимӣ дошта, сари чанд вақт тариқи маблағи пулӣ ё дигар намуд ёрии моддӣ мерасонад.**

**Рамзи 6- «дар давлати Осиёи Марказӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар яке аз давлатҳои Осиёи Марказӣ (Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон) кор кунад ва бо хонаводаи худ алоқаи доимӣ дошта, сари чанд вақт тариқи маблағи пулӣ ё дигар намуд ёрии моддӣ мерасонад.**

Саволи 15. Дар кори асосие, ки [НОМ] фаъолият мекунад кадом намуди маҳсулот ё хизматрасониро пешниҳод мекунад? (Мисол: фурӯши маҳсулоти хӯрквори, таълими бачаҳо, нигоҳубини беморон, чорводорӣ)
***(Дар сутуни чап молҳо(маҳсулотҳо)-и асосии истеҳсолшударо навишта, дар сутуни рост бошад рамзи мувофиқи шуғл пас аз пурсиш гузошта мешавад).***

**Дар ҷавоб ба ин савол дар ҷои ҷудо кардашуда (сутуни тарафи чап), ки барои ҷавоб ба ин савол муайян гардидааст, номи пурраи вазифа, касб ё кори иҷрокунандаи [НОМ] навишта мешавад. Мисол, духтур, сармуҳосиб, рассом, омӯзгор, муҳандис ва ғайра.**

**Агар [НОМ] дар ду ва ё зиёда ҷой кор кунад, машғулият дар ҳамон ҷои коре навишта мешавад, ки онро ӯ асосӣ меҳисобад.**

**Агар [НОМ] муваққатан на аз рӯи машғулияти асосии худ кор кунад, он гоҳ машғулияти асосии ӯ навишта мешавад.**

«Коргари ёрирасон ё коргари корҳои гуногун» **танҳо ба шахсоне, ки дар корҳои гуногуни беихтисос машғуланд, қайд карда мешавад (ғайр аз кишоварзӣ), аммо дар ҳолатҳои боқимонда хусусияти корро муайян карда, навиштан лозим аст, масалан, «боркаш».**

«Кишоварзӣ» **танҳо ба шахсоне, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳо), корҳои гуногуни беихтисосро иҷро мекунанд ва машғулияти муайяни аниқ надоранд, навишта мешавад. Ба шахсоне, ки машғулияти муайян дар соҳаи кишоварзӣ доранд, номи ҳамон машғулият навишта мешавад (масалан, «чӯпон», «галабон», парвариши гандум, картошка ва ғайра).**

**Ба шахсоне, ки дар асоси инфиродӣ кор мекунанд, номи машғулияташон навишта мешавад: «суратгир», «ронандаи такси» «оҳангсоз», «фурӯшандаи мағоза», «фурӯшандаи бозор» ва ғайра.**

**Ба шахсоне, ки дар хонаводаҳои хусусии алоҳида хизмат мекунанд, машғулияташон навишта мешавад: «котиби шахсӣ», «ошпаз», «доя», «мураббӣ» ва ғайра.**

**Ба аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, вобаста аз рӯи тахассуси хоҷагӣ, номи машғулият навишта мешавад («фермер– чорводор» ва ғайра).**

**Ба шахсоне, ки танҳо дар корхонаҳои оилавӣ ё дар хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ бе маош кор мекунанд, машғулияте, ки бо он қисми зиёди вақт машғуланд, навишта мешавад («боркаш», «истеҳсоли ғалла», «нигоҳубини чорво» ва монанди ин).**

**Ба шахсоне, ки танҳо дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғуланд «хоҷагии ёрирасони шахсӣ» навишта мешавад.**

Саволи 16. Корфармои асосии [НОМ] дар шуғли мазкур кист?

**Рамзи 1 – «мақомоти давлатӣ/маҳаллӣ» - қайд карда мешавад, агар корфармои асосии [НОМ] мақомоти давлатӣ/маҳаллӣ бошад. Мисол, вазорат, ташкилот, муассиса, идораи давлатӣ, ҳукуматҳои маҳаллии ҳамаи сатҳ ва ғайраҳо.**

**Рамзи 2- «корхонаи давлатӣ» - қайд карда мешавад, агар корфармои асосии [НОМ] ягон корхонаи муайяни давлатӣ бошад. Мисол, НБО-и Роғун, беморхонаи шаҳрии (ноҳиявӣ) №4, мактаби таҳсилоти умумии №20, бойгонии давлатӣ ва ғайраҳо.**

**Рамзи 3- «корхонаи шахсӣ» - қайд карда мешавад, агар корфармои асосии [НОМ] ягон корхонаи шахсӣ бошад. Барои мисол, сехи қаннодии «Лазиз», мактаби хусусии «Ҳамадон», боғчаи хусусии «Донояк», ҶДММ «Дӯстӣ-2010», хоҷагии деҳқонии «Мурғпарвар» ва ғайраҳо.**

**Рамзи 4- «корхонаи хориҷӣ, сафоратхонаи хориҷӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар корхонаи муайяни хориҷӣ ё сафоратхонаи хориҷӣ кор кунад. Мисол, сафоратхонаи Русия дар Тоҷикистон, Хазинаи нуфуси СММ дар Тоҷикистон (UNFPA) ва ғайраҳо.**

**Рамзи 5- «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар барои корфармои асосии [НОМ] ягон-то аз ҳолатҳои дар боло зикргардида мувофиқат накунад.**

Саволи 17. Тақрибан чанд нафар дар корхонае, ки [НОМ] фаъолият мекунад, кор мекунанд?

**Рамзи 1- «1-2» - қайд карда мешавад, агар дар корхонае, ки дар он [НОМ] кор мекунад, тақрибан 1 ё 2 нафар кор мекунанд.**

**Рамзи 2- «3-5» - қайд карда мешавд, агар дар корхонае, ки дар он [НОМ] кор мекунад, тақрибан аз 3 то 5 нафар кор кунанд.**

**Рамзи 3- «6-10» - қайд карда мешавад, агар дар корхонае, ки [НОМ] кор мекунад, аз 6 то 10 нафар корманд дошта бошад.**

**Рамзи 4- «11-20» - қайд карда мешавад дар ҳолате, ки агар дар корхонаи [НОМ] коркунанда, шумораи кормандон аз 11 то 20 нафарро ташкил кунад.**

**Рамзи 5- «21-50» - қайд карда мешавад, агар дар корхонае, ки [НОМ] кор мекунад, аз 21 то 50 нафар корманд дошта бошад.**

**Рамзи 6- «51-100» - қайд карда мешавд, агар дар корхонае, ки [НОМ] кор мекунад, аз 51 то 100 нафар корманд дошта бошад.**

**Рамзи 7- «101 ва зиёда» - қайд карда мешавад дар холате, ки агар дар корхонаи [НОМ] коркунанда, шумораи кормандон аз 1о1 ва бештар нафарро ташкил кунад.**

**Рамзи 99 - «намедонам» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] намедонад, ки дар корхонаи фаъолияткунандаи ӯ чанд нафар корманд кор мекунад.**

Саволи 18. [НОМ] дар кадом асос кор мекунад?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд муайян карда шавад, ки кори [НОМ] дар кадом асос амалӣ гардида истодааст.**

**Рамзи 1- «шартномаи хаттӣ» - қйд карда мешавад, агар [НОМ] бо корфармои худ шартнома (қарордод)-и хаттӣ дошта бошад, яъне ҳамаи шарту шароитҳои кори [НОМ] дар шартнома тариқи ҳаттӣ муайян гардида, ҳуҷҷатгузорӣ карда шудаанд.**

**Рамзи 2- «шартномаи даҳонӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо корфармои худ танҳо тариқи даҳонӣ ҳамаи муносибатҳои меҳнатии худро муайййян намудааст, яъне ягон шартномаи хаттӣ ба имзо нарасидааст.**

**Рамзи 3 – «худмашғул» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ягон корфармо надорад, яъне тариқи мустақилона фаъолият мекунад ва бо ягон кас оиди фаъолияти худ шартнома (хаттӣ ё даҳанӣ) набастааст.**

Саволи 19. Аз рӯи кадом намуди шартнома [НОМ] фаъолият мекунад?

**Дар ҷавоб ба ин савол аниқ карда мешавад, ки [НОМ] мушаххас аз рӯи кадом намуд шартнома кор мекунад.**

**Рамзи 1- «дар асоси шартномаи меҳнатии бемӯҳлат» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар асоси шартномаи меҳнатӣ (даҳанӣ ё хаттӣ) фаъолият кунад ва ин шартнома бемӯҳлат имзо шуда бошад, яъне дар он мӯҳлати амали шартнома муайян карда нашудааст.**

**Рамзи 2 – «дар асоси шартномаи меҳнатии мӯҳлати муайян» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар асоси шартномаи меҳнатӣ (даҳанӣ ё хаттӣ) фаъолият кунад ва дар ин шартнома мӯҳлати амали он муайян карда шудааст. Мисол, шартномаи меҳнатӣ ба мӯҳлати 6 моҳ, 2 сол ё 5 сол ва ғайра.**

**Рамзи 3- «дар асоси шартномаи меҳнатӣ оид ба иҷрои кор дар хона, яъне ба ҳайси корманди хонагӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо корфармои худ шартнома (даҳанӣ ё хаттӣ) дошта бошад ва дар он муайян шудааст, ки [НОМ] корро дар хона, ба корхона нарафта, иҷро мекунад.**

**Рамзи 4- «дар асоси шартномаи меҳнатӣ барои корҳои мавсимӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар асоси шартномаи меҳнатӣ (даҳанӣ ё хаттӣ) фаъолият кунад ва дар ин шартнома мӯҳлати амали он барои иҷрои корҳои мавсимӣ муайян карда шудааст. Мисол, шартномаи меҳнатӣ барои ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ, шартномаи меҳнатӣ барои мавсими ғунучин ва консервакунонии меваҳо ва ғ.**

**Рамзи 5- «дар асоси қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ дошта» қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар асоси шартномаи меҳнатӣ (даҳанӣ ё хаттӣ) фаъолият кунад ва ин шартнома хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ дошта бошад.**

**Рамзи 6- «дар асоси шартномаи даҳонӣ бе ҳуҷҷат» - қайд карда мешавад, агар агар [НОМ] дар асоси шартномаи меҳнатии даҳанӣ бе ягон ҳуҷҷат фаъолият кунад.**

**Рамзи 99- «намедонам» - агар [НОМ] умуман намедонад, ки рӯи кадом намуди шартнома фаъолият намуда истодааст.**

Саволи 20. [НОМ] рӯзи кории пурра кор мекунад ё не?

**Рамзи 1 – «рӯзи кории нопурра» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] рӯзи кории нопурра фаъолият кунад.**

**Рамзи 2- «рӯзи кории пурра» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] рӯзи кории пурра фаъолият кунад.**

Саволи 21. Корхона (муассисае), ки [НОМ] дар он расман кор мекунад, ба қайд гирифта шудааст?

**Рамзи 1- «корхона/муассиса шахсӣ ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад» - қайд карда мешавад, ки агар корхона/муассисае, ки дар он [НОМ] расман фаъолият мекунад, шахсӣ ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.**

**Рамзи 2- «соҳибкори инфиродии ба қайдгирифташудаи дорои патент, лицензия, сертификат ва ҳуҷҷати ба ин монанд» - қайд карда мешавад, агар корхона (муассиса)-е, ки [НОМ] дар он кор мекунад, соҳибкори инфиридодии ба қайдгирифтшудаи дорои патент, лицензия, сертификат ва хуҷҷати ба он монанд бошад.**

**Рамзи 3- «дар ҷараёни бақайдгирӣ» - қайд карда мешавад, агар корхона (муассиса)-е, ки [НОМ] дар он расман кор мекунад, маълум бошад, ки дар ҷараёни бақайдгирӣ қарор дорад.**

**Рамзи 4- «ба қайд гирифта нашудааст ва ягон хел ҳуҷҷат надорад» - қайд карда мешавад, агар корхона (муассиса), ки [НОМ] дар он расман кор мекунад, умуман ба қайд гирифта нашудааст ва ягон хел ҳуҷҷат надорад.**

**Рамзи 99- «намедонам» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] намедонад, ки корхона (муассиса)-е, ки дар он расман кор мекунад, ба қайд гирифта шудааст ё не.**

Саволи 22. Дар давоми 7 РӮЗИ ОХИР [НОМ] чанд соат кор кард?

**Дар ҷавоб ба ин савол қайд карда мешавад, ки [НОМ] дар давоми 7 рӯзи охир чанд соат кор кард. Мисол, 20 соат, 35 соат ё ғайра.**

Саволи 23. Даромади тоза ё музди меҳнати охирони [НОМ] чанд сомониро ташкил дод? ***(агар ба муҳосиб то ҳол барои кораш музди маош пардохт нашуда бошад, пурсед ки ӯ кадом миқдор маблағро интизор аст?)***

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин савол як қатор муқарраротро бояд дар хотир дошт.**

**Ба музди кори кормандони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо (дилхоҳ шакли моликият) тавсия дода мешавад, ки мувофиқи СҲМ (системаи ҳисобҳои миллӣ) ва методологияи омори меҳнат ва музди меҳнат, бояд ҳамаи маблағи пулии ҳисоб кардашудаи фонди музди меҳнат дохил карда шавад.**

**Мафҳуми «музди меҳнат» ҳамаи намудҳои музди корро (инчунин ҳар гуна мукофотпулиҳо, иловапулӣ, иловапардохт ва имтиёзҳои иҷтимоиро), ки дар шакли пулӣ ва молӣ ҳисоб карда шудаанд (сарфи назар аз манбаи маблағгузорӣ), аз ҷумла маблағҳои пулие, ки ба кормандон мувофиқи қонунгузорӣ барои вақти кор накарда (рухсатии ҳарсола, рӯзҳои ид ва ғайра) ҳисоб карда шудааст.**

**Музди меҳнат, ки бо асъори хориҷӣ ҳисоб карда шудааст, дар мавриди қайд намудан дар саволнома бо асъори миллӣ (сомонӣ), ки тариқи муайян намудани қурби асъори хориҷии аз тарафи Бонки миллӣ нисбат ба воҳиди пули миллӣ муайян гардида, нишон дода мешавад.**

**Даромад аз фаъолияти меҳнатии шахсӣ (фардӣ) дар шакли маблағи умумӣ аз фурӯши молҳои бо фаъолияти меҳнатии фардӣ истеҳсол шуда, инчунин даромади аз хизматгузорӣ ба даст омада, ба ҳисоб гирифта мешавад.**

**Дар ҷавоб ба ин савол дар чоркунҷаи ҷудо кардашуда, ки барои ҷавоб ба ин савол муайян гардидааст, маблағи даромади тоза ё музди меҳнати (маоши) охирони [НОМ] бо сомонӣ навишта мешавад.**

Саволи 24. Ин маблағ кадом муддати вақтро дарбар мегирад?

**Рамзи 1- «моҳ» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 23 нишон дода шуда барои кори [НОМ] дар давоми** моҳ, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 2 - «15 рӯз» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 23 нишон дода шуда барои кори [НОМ] дар давоми** 15 рӯз, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 3 – «ҳар ҳафта» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 23 нишон дода шуда барои кори** ҳарҳафтаинаи **[НОМ], пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 4 - «ҳаррӯз» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 23 нишон дода шуда барои кори** ҳаррӯзаи **[НОМ], пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 23 нишон дода шуда барои** дигар **муддати вақти кори [НОМ], пардохт шуда бошад.**

Саволи 25. Маблағи одатан пардохти соф ё музди меҳнати [НОМ] чӣ қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол дар чоркунҷаи ҷудо кардашуда, ки барои ҷавоб ба ин савол муайян гардидааст, маблағи одатан пардохти соф ё музди меҳнат (маош)-и [НОМ] бо сомонӣ навишта мешавад.**

**Бояд маблағе нишон дода шавад, ки одатан ҳамчун пардохти соф ё музди меҳнати [НОМ] пардохт карда мешавад.**

Саволи 26. Ин пардохт ё музди кор кадом давраро дар бар мегирад?

**Рамзи 1- «моҳ» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 25 нишон дода шуда, одатан барои кори [НОМ] дар давоми** моҳ, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 2 - «15 рӯз» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 25 нишон дода шуда, одатан барои кори [НОМ] дар давоми** 15 рӯз, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 3 – «ҳар ҳафта» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 25 нишон дода шуда, одатан барои кори** ҳарҳафтаинаи **[НОМ], пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 4 - «ҳаррӯз» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 25 нишон дода шуда, одатан барои кори** ҳаррӯзаи **[НОМ], пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 25 нишон дода шуда, одатан барои** дигар **муддати вақти кори [НОМ], пардохт шуда бошад.**

Саволи 27. Дар давоми 3 МОҲИ ОХИР оё [НОМ] барои ҳамин кор дар дилхоҳ шакли дигар (ғизо, чойпулӣ, либос, нақлиёт) музди меҳнат ба даст овард?

**Рамз 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми се моҳи охир барои ҳамин кор дар дилхох шакли дигар (ғизо, чойпулӣ, либос, нақлиёт) музди меҳнат ба даст овард.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми се моҳи охир барои ҳамин кор дар дилхох шакли дигар (ғизо, чойпулӣ, либос, нақлиёт) музди меҳнат ба даст наовард.**

**Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 29 идома меёбад.**

Саволи 28. Арзиши маҳсулотҳое, ки ба таври молӣ [НОМ] дар 3 МОҲИ ОХИР ҳамчун пардохти музди меҳнат гирифтааст, чанд сомониро ташкил дод?

**Дар ҷавоб ба ин савол дар чоркунҷаи ҷудо кардашуда, ки барои ҷавоб ба ин савол муайян гардидааст, арзиши маҳсулотҳое, ки ба таври молӣ [НОМ] дар 3 МОҲИ ОХИР ҳамчун пардохти музди меҳнат гирифтааст, бо сомонӣ навишта мешавад.**

Саволи 29. Андозаи маблағи охирони СОФИ пардохт ё музди меҳнати [НОМ] аз иҷрои дилхоҳ дигар намуди фаъолият чӣ қадар буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол дар чоркунҷаи ҷудо кардашуда, ки барои ҷавоб ба ин савол муайян гардидааст, андозаи маблағи охирони СОФИ пардохт ё музди меҳнати [НОМ] аз иҷрои дилхоҳ <u>дигар намуди фаъолият</u>, бо сомонӣ навишта мешавад.**

Саволи 30. Ин пардохт ё музди меҳнат кадом давраро дар бар мегирад?

**Рамзи 1- «моҳ» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 29 нишон дода шуда, барои иҷрои дилхоҳ <u>дигар намуди фаъолияти</u> [НОМ] дар давоми** моҳ, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 2 - «15 рӯз» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 29 нишон дода шуда, барои иҷрои дилхоҳ <u>дигар намуди фаъолияти</u> [НОМ] дар давоми** 15 рӯз, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 3 – «ҳар ҳафта» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 29 нишон дода шуда, барои иҷрои дилхоҳ <u>дигар намуди фаъолияти</u> [НОМ] дар давоми** ҳар ҳафта, **пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 4 - «ҳаррӯз» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 29 нишон дода шуда, барои иҷрои дилхоҳ <u>дигар намуди фаъолияти</u>** ҳаррӯзаи **[НОМ], пардохт шуда бошад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар маблағи дар саволи 29 нишон дода шуда, барои иҷрои дилхоҳ <u>дигар намуди фаъолияти</u> [НОМ] дар** дигар **муддати вақти корӣ, пардохт шуда бошад.**

Саволи 31. [Ном] хароҷотҳо ё талаботҳои худро чӣ тавр пардохт мекунад?

**Рамзи 1- «нафақа мегирад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро бо гирифтани нафақа пардохт намояд.**

**Рамзи 2- «иҷорапулӣ мегирад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро бо гирифтани иҷрапулӣ пардохт намояд.**

**Рамзи 3- «грант мегирад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро аз ҳисоби гирифтани грант пардохт намояд.**

**Рамзи 4- «аз ҳисоби пасандозҳо зиндагӣ мекунад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро аз ҳисоби пасандозҳо пардохт намояд.**

**Рамзи 5- «аз ҳисоби фоидаи ҳосили охирин зиндагӣ мекунад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро аз ҳисоби фоидаи ҳосили охирин пардохт намояд.**

**Рамзи 6- «аз ҳисоби гирифтани маблағи пулии интиқолгардида» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро аз ҳисоби гирифтани маблағи пулии интиқолгардида пардохт намуда, зиндагӣ кунад.**

**Рамзи 7- «оила ӯро нигоҳубин мекунад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ]-ро оила нигоҳубин карда, хароҷот ё талаботҳои ӯро пардохт намояд.**

**Рамзи 8- «гадогӣ мекунад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро аз ҳисоби гадогӣ кардан пардохт намуда, зиндагӣ кунад.**

**Рамзи 96 «дигар» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хароҷот ё талаботҳои худро бо тарзи дигар пардохт намояд.**

### 4.6.2 Модули 5. Шуғл – қисми Б:
### Ҷустуҷӯи кор

**Модули 5. Шуғл - қисми Б танҳо барои аъзоёни 15-сола ва калонтари хонавода пур карда мешавад.**

Даврияти пур кардани модули 5. Шуғл – қисми А ва Б ҳар семоҳа мебошад.

Саволи 32. Дар 30 РӮЗИ ОХИР [НОМ] барои ҷустуҷӯи ягон кори музднок ё оғози ягон фаъолияти соҳибкорӣ кӯшиш кард?

**Рамзи 1 «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 30 РӮЗИ ОХИР барои ҷустуҷӯи ягон кори музднок машғул буд ё оғози ягон фаъолияти соҳибкорӣ кӯшиш кард.**

Ҷустуҷӯи кор **– ин муроҷиат ба:**

- **хадамоти давлатӣ ё тиҷоратии шуғл;**
- **роҳбарияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, соҳибкорон;**
- **дӯстон, шиносон ва хешу таборон барои кӯмак.**

**Инчунин:**

**- дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо эълонҳо ҷой кардан, ба эълонҳое, ки дар ҷустуҷӯи коргар мебошанд, ҷавоб додан;**

**- ҷараёни ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ ё кори шахсӣ (дастрас намудани иҷозатнома ё литсензия, ҷустуҷӯи мавқеи ҷойгиршавӣ, интихоби мошину таҷҳизот ва монанди онҳо).**

**Дар мавриди қайд кардани рамзи - «ҳа» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 35 идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 30 РӮЗИ ОХИР барои ҷустуҷӯи ягон кори музднок машғул набуд ё оғози ягон фаъолияти соҳибкорӣ кӯшиш накард.**

Саволи 33. Сабаби асосие, ки [НОМ] дар 30 РӮЗИ ОХИР кор ҷустуҷӯ накард ё барои ташкили кори худ чора наандешид, чӣ буд?

**Рамзи 1- «хеле ҷавон» - қайд карда мешавад, агар синну соли [НОМ] хеле ҷавон буда, барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 2- «донишҷӯ/хонандаи мактаб» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] донишҷӯ ё хонандаи мактаб буда, барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 3- «хеле солхӯрда аст» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] хеле солхӯрда аст ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 4- «нафақахӯр аст» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] нафақахӯр аст ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 5- «бо корҳои хона машғул аст» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо корҳои хона машғул аст ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 6- «бемор/маъюб» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бемор ё маъюб аст ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 7- «кор кардан намехоҳад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] кор кардан намехоҳад ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 8- «интизори оғози фаъолияти соҳибкории худ аст» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] интизори оғози фаълияти соҳибкории худ аст ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор сабаб гардид.**

**Рамзи 9- «интизори ҷавоби аризаи қабули кор навиштааш» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] интизори ҷавоби аризаи қабули кор навиштааш бошад ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 10- «набудани ҷойи кор» - қайд карда мешавад, агар барои [НОМ] ҷойи кор набошад ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 11 – «намедонад чи тавр ҷустуҷӯ кунад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] намедонад чи тавр ҷустуҷӯ кунад ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 12- «бекории мавсимӣ» - қайд карда мешавад, агар барои [НОМ] бекории мавсимӣ фаро расидааст, яъне мавсими кори [НОМ] оғоз нагардидааст ва ин барои дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ сабаб гардид.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] сабаби дар давоми 30 рӯзи охир ҷустуҷӯи накардани ҷойи кор ё ташкили кори худ дигар бошад, ки дар боло номбар нагардидааст.**

Саволи 34. - [НОМ] аллакай кор ёфт, ё ин ки барои дар рӯзҳои наздик ташкили кори худ (тиҷорат) чора андешид.

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аллакай кор ёфт ё дар рӯзҳои наздик барои ташкили кори худ (тиҷорат) чора андешид. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «ҳа» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 39 идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] кор наёфт ва барои дар рӯзҳои наздик ташкили кори худ (тиҷорат) чора наандешид. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 38 идома меёбад.**

Саволи 35. [НОМ] аз кадом воситаҳо барои ҷустуҷӯи кор истифода кард?

**Ба саволи 35 танҳо дар мавриде агар [НОМ] рамзи 1 – «ҳа» дар саволи 32 қайд намуда бошад, тариқи гузариш ҷавоб дода мешавад.**

**Рамзи 1- «ба корфармои имконпазир муроҷиат кард» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] барои ҷустуҷӯӣ ҷойи кор ба корфармои имконпазир муроҷиат кардааст.**

**Рамзи 2– «барои ҷойи кори холӣ эълон навишт» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар ҷустуҷӯи ҷойи кор барои ҷойи кори холӣ эълон навишт.**

**Рамзи 3- «дар маркази шуғл худашро ба қайд гирифт» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади ҷустҷӯи ҷойи кор худашро дар маркази шуғл ба қайд гирифт.**

**Рамзи 4- «дар хадамотии кадрии хусусӣ худро ба қайд гирифт» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади ҷустуҷӯи ҷойи кор худашро дар хадамоти кадрии хусусӣ ба қайд гирифт.**

**Рамзи 5 – «тест супорид ё дар мусоҳиба иштирок кард» қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади ҷустуҷӯи ҷойи кор тест супорид ё дар мусоҳиба иштирок кард.**

**Рамзи 6- «барои кӯмак ба дӯстон ва шиносонаш муроҷиат кард» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади ҷустуҷӯи ҷойи кор барои кӯмак ба дӯстон ё шиносонаш муроҷиат кард.**

**Рамзи 7- «ба корхонаҳо барои дарёфти ҷоий кори холӣ муроҷиат кард, ҷустуҷӯ дар сомонаҳои интернетӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади ҷустуҷӯи ҷойи кори холӣ ба корхонаҳо муроҷиат кард ё дар сомонаҳои интернетӣ ҷойи кори холӣ ҷустуҷӯ кард.**

**Рамзи 8 – «Дар ҷойҳои муайяни кӯча бо умеди дарёфти дилхоҳ кор интизор шуд» қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар ҷойҳои муайяни кӯча бо умеди дарёфти дилхоҳ кор интизор шуд, яъне ҳамчун мардикор баромад кард.**

**Рамзи 9- «барои кӯмаки молиявӣ бо мақсади оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ муроҷиат намуд» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ барои кӯмаки молиявӣ ба нафаре муроҷиат кард.**

**Рамзи 10- «барои оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) қитъаи замин, иншоот, таҷҳизот ва мавод ҷустуҷӯ кард» - қайд карда месадишавад, агар [НОМ] барои оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) қитъаи замин, иншоот, таҷҳизот ё мавод ҷустуҷӯ кард.**

**Рамзи 11- «барои гирифтани иҷозат ё литсензия бо мақсади оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) ариза навишт» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) барои гирифтани иҷозат ё литсензия ариза навишта бошад.**

**Рамзи 12- «бо воситаи сомонаҳои иҷтимоӣ дар шабакаи интернетӣ муроҷиат кард» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] барои ҷустуҷӯи ҷойи кор ба сомонаҳои иҷтимоӣ дар шабакаҳои интернетӣ муроҷиат карда бошад.**

**Рамзи 13- «дар рӯзномаҳо эълони ҷойи кори холиро хонд» -қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади ҷустуҷӯи ҷойи кор дар рӯзномаҳо эълони ҷойи кори холиро хонда бошад.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] барои ҷустуҷӯи ҷойи кор дигар воситаро пайдо кард, ки дар боло номбар нагардидааст.**

Саволи 36. [НОМ] кадом намуди корро ҷустуҷӯ кард?

**Рамзи 1- «кори музднок» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади пайдо кардани ҷойи кор фақат кори музднокро ҷустуҷӯ карда бошад.**

**Рамзи 2- «худмашғул» - қайд карда машавад, агар [НОМ] бо мақсади пайдо кардани ҷойи кор фақат коре ҷустуҷӯ кардааст, ки ӯ тариқи худмашғулӣ фаъолият карда тавонад.**

**Рамзи 3- «дилхоҳ кор» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади пайдо кардани ҷойи кор дилхоҳ корро ҷустуҷӯ карда бошад.**

Саволи 37. [НОМ] чанд муддат дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт?

**Дар ҷавоб ба ин савол якчанд вариант пешниҳод карда мешавад, ки бояд яке аз онҳоро [НОМ] интихоб намояд.**

**Рамзи 1- «камтар аз 1 моҳ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати камтар аз 1 моҳ дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт.**

**Рамзи 2- «аз 1 то 3 моҳ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати аз 1 то 3 моҳ дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт.**

**Рамзи 3- «аз 3 то 6 моҳ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати аз 3 то 6 моҳ дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт.**

**Рамзи 4- «аз 6 то 12 моҳ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати аз 6 то 12 моҳ дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт.**

**Рамзи 5- «аз 12 то 24 моҳ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати аз 12 то 24 моҳ дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт.**

**Рамзи 6- «зиёдтар аз 24 моҳ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муддати зиёдтар аз 24 моҳ дар ҷустуҷӯи кори пардохтшаванда буд ё кӯшиши оғоз кардани кори шахсӣ (тиҷорат) дошт.**

Саволи 38. Агар имконияти дарёфти ҷойи кор ё оғози тиҷорати худ пайдо шавад оё [НОМ] мехост кор кунад?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] имконияти дарёфти ҷойи кор ё оғози тиҷорати худро пайдо кунад, ӯ <u>мехоҳад</u> кор кунад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар агар [НОМ] имконияти дарёфти ҷойи кор ё оғози тиҷорати худро пайдо кунад ҳам, ӯ <u>намехоҳад</u> кор кунад. Дар мавриди қайд гардидани рамзи 2- «не», пурсиш барои [НОМ] ба модули дигар мегузарад.**

Саволи 39. Агар ба [НОМ] имконияти кор кардан ё оғози тиҷорати худ пайдо шавад оё метавонад:

**Рамзи 1- «дар давоми 7 рӯз ба кор шурӯъ кунад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] имконияти кор кардан ё оғози тиҷорати худро пайдо кунад ва <u>метановонад</u> дар давоми 7 рӯз ба кор шурӯъ кунад.**

**Рамзи 2- «не» -қайд карда мешавад, агар [НОМ] имконияти кор кардан ё оғози тиҷорати худро пайдо кунад ҳам, вале <u>наметановонад</u> дар давоми 7 рӯз ба кор шурӯъ кунад.**

**Рамзи 97 - «имконияти ба кор шурӯъ карданро надорад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 7 рӯз кор ё оғози тиҷорати худро пайд о кунад ҳам, вале имконияти ба кор шурӯъ карданро надора.**

4.7 Модули 6. Пасандоз ва қарз

**Модули 6. Пасандоз ва қарз танҳо барои аъзоёни 18-сола ва калонтари хонавода пур карда мешавад.**

Даврияти пур кардани модули 6. Пасандоз ва қарз семоҳаи 3 мебошад.

Саволи 1. Оё [НОМ] дар бонк ё ташкилоти қарздиҳии хурд (ТҚХ) суратҳисоб дорад, ё аз бонки мобилӣ истифода мебарад?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар бонк ё ташкилоти қарздиҳии хурд (ТҚХ) суратҳисоб дорад, ё аз бонки мобилӣ истифода мебарад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар бонк ё ташкилоти қарздиҳии хурд (ТҚХ) суратҳисоб надорад, ё аз бонки мобилӣ истифода намебарад. Дар мавриди қайд гардидани рамзи 2 – «не», пурсиш барои [НОМ] ба саволи 4 мегузарад.**

Саволи 2. Оё [НОМ] дар муассисаҳои зерини молиявӣ суратҳисоб дорад?

**Дар ҷавоб ба ин савол якчанд намуд муассисаҳои молиявӣ ҳамчун вариант пешниҳод карда мешавад:**

**- Бонки муқаррарӣ;**

**- Ташкилоти қарздиҳии хурд;**

**- Бонки амонатгузории давлатӣ;**

**- Бонки мобилӣ.**

**Барои ҳар як намуди муассисаи молиявӣ дар алоҳидагӣ рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» қайд карда мешавад.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар ягон намуди муассисаи молиявӣ суратҳисоб дошта бошад. Мисол, [НОМ] дар бонки амонатгузории давлатӣ суратҳисоб дорад, пас дар ин маврид дар сутуни «Бонки амоонатгузории давлатӣ» рамзи 1- «ҳа» қайд карда мешавад. Дар мавриде агар [НОМ] дар якчанд муассисаи молиявӣ суратҳисоб дорад, пас барои ҳар яке дар алоҳидагӣ рамзи 1 «ҳа» қайд карда мешавад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар ин ё он намуди муассисаи молиявӣ суратҳисоб надошта бошад. Дар мавриде агар [НОМ] дар ягон муассисаи молиявӣ суратҳисоб надошта бошад, пас барои ҳар яке дар алоҳидагӣ рамзи 1 «не» қайд карда мешавад.**

Саволи 3. Оё [НОМ] дар ин суратҳисобҳо ягон пасандоз дошт?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муассисаи молиявие, ки дар саволи 2 нишон додааст, ки дар он суратҳисоб дорад, ҳамчунин агар дар ин суратҳисоб пасандоз ҳам дошта бошад.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар муассисаи молиявие, ки дар саволи 2 нишон додааст, ки дар он суратҳисоб дораду, вале дар ин суратҳисоб пасандоз надошта бошад.**

Саволи 4. Оё [НОМ] ягон вакт пасандоз дошт?

**Рамзи 1 «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ягон вакт пасандоз дошта бошад.**

**Рамзи 2 «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] ягон вакт пасандоз надошта бошад.**

Саволи 5. Оё [НОМ] ба ягон муассисаи молиявӣ, шахс ё дигар хонавода дар давоми 12 МОҲИ ГУЗАШТА барои қарз муроҷиат карда буд?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта ба ягон муассисаи молиявӣ, шахс ё дигар хонавода барои қарз мурочиат карда бошад.**

**Дар мавриди қайд кардани рамзи 1- «ҳа» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 7 идома меёбад.**

**Рамзи 2 «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта ба ягон муассисаи молиявӣ, шахс ё дигар хонавода барои қарз мурочиат накарда бошад.**

**Дар мавриди қайд кардани рамзи 2- «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 6 идома меёбад.**

Саволи 6. Барои чӣ [НОМ] дар давоми 12 МОҲИ ГУЗАШТА барои қарз муроҷиат накард?

**Рамзи 1- «муассисаи қарзӣ мавҷуд нест» - қайд карда мешавад, агар наздикии ҷойи истиқомати [НОМ] муассисаи қарзӣ мавҷуд набошад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 1 - «муассисаи қарзӣ мавҷуд нест» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 2- «намедонад чӣ тавр мурочиат кунад» - қайд карда мешавд, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта мехост қарз гирад, вале намедонист чӣ тавр барои қарз мурочиат кунад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2 - «намедонад чӣ тавр мурочиат кунад» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 3 «ба талабот ҷавобгӯ нест» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 12 моҳи гузашта қарз гирад, вале ба талаботи муассисаи молиявӣ ё шахси қардиҳанда ҷавобгӯ набуд. Дар мавриди қайд кардани рамзи 3 - «ба талабот ҷавобгӯ нест» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 4- «боварӣ надорад, ки қарз медиҳанд» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта мехост қарз гирад, вале надошт, ки ба ӯ қарз медиҳанд. Дар мавриди қайд кардани рамзи 4 - «боварӣ надорад, ки қарз медиҳанд» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 5- «наметавонад қарзро бозпас гардонад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта мехост қарз гирад, вале наметавонад қарзро бозпас гардонад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 5 - «наметавонад қарзро бозпас гардонад» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 6- «қарзи дигар дорад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта мехост қарз гирад, вале ӯ қарзи дигар дорад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 6 - «қарзи дигар дорад» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 7- «зарурат надорад» - қайд карда мешавад, агар барои [НОМ] дар 12 моҳи гузашта гирифтани қарз зарурат надошт. Дар мавриди қайд кардани рамзи 7 - «зарурат надорад» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар 12 моҳи гузашта мехост қарз гирад, вале ҳолатҳои дар боло зикргардида барои ӯ мувофиқат намекунанд, яъне дигар ҳолат барои гирифтани қарз мавҷуд буд. Дар мавриди қайд кардани рамзи 96 - «дигар (нишон диҳед» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 9 идома меёбад.**

Саволи 7. Оё [НОМ] дар давоми 12 МОҲИ ГУЗАШТА қарз гирифтааст?

**Ба саволи 7 танҳо дар мавриде агар [НОМ] рамзи 1 – «ҳа» дар саволи 5 қайд намуда бошад, тариқи гузариш ҷавоб дода мешавад.**

**Рамзи 1 «ҳа» - қайд карда мешавд, агар [НОМ] дар давоми 12 моҳи гузашта <u>қарз гирифтааст</u>. Дар мавриди қайд кардани рамзи 1 - «ҳа» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 10 идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар давоми 12 моҳи гузашта <u>қарз нагирифтааст</u>. Дар мавриди қайд кардани рамзи 2 - «не» пурсиш барои [НОМ] бо гузариш ба саволи 8 идома меёбад.**

Саволи 8. Аз чӣ сабаб [НОМ] қарз нагирифт?

**Рамзи 1- «маҷмӯи нопурраи ҳуҷҷатҳо» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] мехост қарз гирад, вале бинобар сабаби нопурра будани маҷмӯи ҳуҷҷатҳо қарз гирифта натавонист.**

**Рамзи 2- «кафолатдиҳанда (зомин) надорад» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] мехост қарз гирад, вале бинобар сабаби набудани кафолатдиҳанда (зомин) қарз гирифта натавонист.**

**Рамзи 3- «қобилияти нокифояи бозпасгардонии қарз» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] мехост қарз гирад, вале бинобар сабаби нокифоя будани қобилияти бозпасгардонии қарз, гирифта натавонист.**

**Рамзи 4- «қарзи дигари пардохтнагардида дорад» қайд карда мешавад, агар мехост қарз гирад, вале бинобар сабаби доштани дигар қарзи пардохтнагардида, гирифта натавонист.**

**Рамзи 96 «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] мехост қарз гирад, вале бинобар сабаби дигар, ки дар боло зикр нагардидааст, гирифта натавонист.**

Саволи 9. Оё [НОМ] дар гузашта ягон қарзе гирифтааст, ки ҳанӯз пурра пардохт нашудааст?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар гузашта ягон қарзе гирифта бошад, ки ҳанӯз пурра <u>пардохт нашудааст</u>.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] дар гузашта ягон қарзе гирифта бошад ва пурра <u>пардохт шудааст</u>.**

**Дар мавриди қайд кардани рамзи 2 - «не» пурсиш барои [НОМ] дар модули мазкур (модули 6) ба итмом мерасад ва гузариш ба шахси навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 10. Ҳаҷми маблағи ҳанӯз пардохтнашуда чӣ қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин қайд карда мешавад, ки ҳаҷми маблағи ҳанӯз пардохнашудаи қарзи [НОМ] бо сомонӣ чӣ қадар аст.**

Саволи 11. Бо кадом мақсади асосӣ қарз гирифта шуда буд?

**Рамзи 1- «таҳсил» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии таҳсил қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 2- «нигоҳдории тандурустӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии нигоҳдории тандурустӣ қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 3- «молҳои хоҷагӣ (мошин, ашёи хона ва ғ.)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии харидории молҳои хоҷагӣ (мошин, ашёи хона ва ғ.) қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 4- «сохтмон, таъмири хона» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии сохтмон ё таъмири хона қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 5- «оғози тиҷорат, тиҷорат» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии оғози тиҷорат ё умуман тиҷорат қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 6- «маблағгузории тиҷорати мавҷуд буда (таҷҳизот, ашёи хом)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии маблағгузории тиҷорати мавҷудбуда (хариди таҷҳизот, ашёи хом) қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 7- «воситаҳои истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ (тухмӣ, нуриҳо, хӯроки чорво ва ғ.)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии хариди воситаҳои истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ (тухмӣ, нуриҳо, хӯроки чорво ва ғ.) қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 8- «истеъмоли хонавода» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии истеъмоли хонавода қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 9- «маърака/ҷашн» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии гузаронидани маърака ё ҷашн қарз гирифта бошад.**

**Рамхи 10- «ҳолатҳои нохуш ё мушавваш» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо мақсади асосии паси сар намудани ҳолатҳои нохуш ё мушавваш қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] бо сабаби асосии дигар, ки дар боло зикр нагардидааст, қарз гирифтааст.**

Саволи 12. Аз кадом муассиса қарздор аст?

**Рамзи 1- «бонки муқаррарӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз бонки муқаррарӣ қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 2- «бонки давлатӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз бонки давлатӣ қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 3- «ташкилотҳои ғайридавлатӣ» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз ягон ташкилоти ғайридавлатӣ қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 4- «таъминкунанда» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз таъминкунанда ё молсупоранда қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 5- «кооператив» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз ягон кооператив қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 6- «дигар хонавода» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз дигар хонавода қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 7- «қарздиҳандаи инфироди» - қайд карда мешавад, агар [НОМ] аз қарздиҳандаи инфиродӣ қарз гирифта бошад.**

**Рамзи 8- «ташкилоти қарздиҳии хурд (ТҚХ)» - кайд карда мешавад, агар [НОМ] аз ташкилоти қарздиҳии хурд (ТҚҲ) карз гирифта бошад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» - кайд карда мешавад, агар [НОМ] дигар, ки дар боло зикр нагардидааст, бояд қарзро пардохт кунад.**

Саволи 13. Дар кадом моҳ қарз пешниҳод гардида буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд муайян карда шавад моҳ ва соли гирифтани қарз аз тарафи [НОМ]. Барои нишон додани моҳ рақами 01- моҳи январ, рақами 02- моҳи феврал ва ҳоказо нишон дода мешавад. Дар мавриди надонистан ё дар хотир надоштани моҳ рақами 99 гузошта мешавад.**

**Барои нишон додани сол чор рақамро навиштан лозим аст, чунончӣ, 2008 ё 2012 ва ҳоказо. Дар мариди надонистан ё дар хотир надоштани сол рақами 9999 гузошта мешавад.**

Саволи 14. Ҳаҷми номиналии маблағи қарзи пешниҳодшуда дар ҳамон вақт чӣ қадар буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол қайд карда мешавад, ки ҳаҷми номиналии маблағи қарз дар мавриди гирифтан ҳамон вақт чӣ қадар буд, яъне ҳаҷми қарз бо сомонӣ чӣ қадар буд.**

Саволи 15. Бозгардонидани пардохтҳои қарз чӣ гуна даврият дошт?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке рамзе, ки мувофиқат мекунад, кайд карда мешавад.**

| | |
|---|---|
| **Ҳафта** | **1** |
| **Моҳ** | **2** |
| **Семоҳа** | **3** |
| **Ним сол** | **4** |
| **Сол** | **5** |
| **Як маротиба** | **6** |
| **Муайян нашудааст** | **97** |

Саволи 16. Шумораи умумии пардохтҳои бозпас гардонидани қарз чандто буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд шумораи умумии пардохтҳои амалигардида бо мақсади бозпас гардонидани қарз нишон дода мешавад. Мисол, 5; 8 ё 13 ва ҳ.**

Саволи 17. Ҳаҷми номиналие, ки бояд пардохт кунад чанд сомони аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд ҳаҷми номиналии ҳар як пардохти навбатии қарз бо сомонӣ нишон дода мешавад.**

Саволи 18. Шумораи пардохтҳои аллакай амалишуда чанд аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд шумора (миқдор)- и пардохтҳои аллакай амалишуда бо воҳид нишон дода шавад бо сомонӣ нишон дода мешавад. Мисол, 6; 11 ё 26 ва ҳ.**

## 5. ҶАМЪ ОВАРДАНИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ХОНАВОДА (Шакли № 2)

**Шакли №2 барои ҳар як хонаводаи таҳқиқотшаванда дар алоҳидагӣ пур карда мешавад. Сараввал дар сутуни ID рақами тартибии ҳар хонавода дар кластери интихобгардида, ки пешакӣ барои ҳар хонавода муайян гардидааст, қайд карда мешавад. Мутаносибан дар рафти пурсиш маълумот аз рӯи ҳар хонавода дар сатри бо рақами ID муайянгардида, ҷамъоварӣ карда мешавад.**

### 5.1.1 Модули 8. Манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат.

### Қисми А: Тавсифи манзили истиқоматӣ

Даврияти пур кардани модули 8. Манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат, қисми А: Тавсифи манзили истиқоматӣ семоҳаи 4 мебошад.

Саволи 1. Манзили истиқоматии шумо кадом намуд аст?

**Рамзи 1- «хона барои як оила» - қайд карда мешавад, агар хонае, ки дар он як хонавода истиқомат кунаду ба шаҳрвандон ҳамчун ҳуқуқи моликияти шахсӣ тааллуқ дошта бошад; инчунин барои он хонаводаҳо аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар бӯстонсаройҳо истиқомат мекунанд.**

**Рамзи 2- «хонаи истифодаи умумӣ» - қайд карда мешавад, агар хона ду ё зиёда квартира дошта бошад, ки баромадгоҳҳои алоҳида ба қитъаи замини назди хона ва ё бинои истифодаи умумии ҳамин хона доранд ва хонавода дар чунин хона истиқомат мекунад. Чунин хона ҳамчун хонаи истифодаи умумӣ ё хонаи бисёрквартирадор ҳисобида мешавад. Дар хонаи бисерквартирадор манзилҳои истиқоматӣ метавонанд навъи «квартираи алоҳида», «квартираи коммуналӣ» ва ё «хобгоҳ» дошта бошанд.**

**Рамзи 3- «квартираи алоҳида» - қайд карда мешавад агар хонавода дар квартираи алоҳида истиқомат кунад.**

**Агар хонавода дар хонаи инфиродӣ ё квартираи алоҳида истиқомат намояду, вале танҳо як қисми масоҳати хона ё квартираро ишғол карда, қисми боқимондаро ба иҷора диҳад, дар ин ҳолат чунин ҳисобида мешавад, ки хонавода дар хонаи инфиродӣ ё квартираи алоҳида истиқомат мекунад.**

| |
|---|
| Квартира – **манзили сохташ алоҳидаро дар хонаи бисёрквартирадор эътироф мекунанд, ки имконияти дастрасии бевоситаро ба ҷойҳои истифодаи умумии хонаи зеринро таъмин мекунад ва аз як ё якчанд ҳуҷра, инчунин аз ҷойҳои истифодабарии ёрирасон иборат аст, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти маишӣ ва эҳтиёҷоти дигари шаҳрвандон муқаррар карда шудаанд, ки бо истиқомат дар чунин манзили алоҳида алоқамандӣ доранд.** |

**Рамзи 4- «квартираи истифодаи умумӣ (коммуналӣ) – қайд карда мешавад, агар хонавода дар квартирае истиқомат кунанд, ки барои он ду ё зиёда суратҳисоб кушода шудааст. Ба хонаводаҳое, ки дар ҳуҷраҳои хусусикунонидашудаи квартираҳои коммуналӣ истиқомат мекунанд, инчунин ба хонаводаҳое, ки дар хонаҳои навъи долон истиқомат мекунанд, вале хобгоҳ шуморида намешаванд, рамзи 4 қайд карда мешавад.**

**Рамзи 5- «барак» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар хонае истиқомат кунад, ки хонаҳои инфиродии типи кӯхна буда, ҳамаи шароитҳои санитарӣ-беҳдоштӣ берун аз бинои истиқоматӣ ҷойгир шуда бошанд, яъне барои истифодаи якчанд хонавода пешбинӣ шуда бошад.**

**Рамзи 6- «хобгоҳ» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар хобгоҳ истиқомат кунад: новобаста аз намуди сохти хона - квартирагӣ, долонӣ, сексионӣ.**

**Хобгоҳ – бинои истиқоматӣ ё манзил дар хонаи истиқоматӣ ва сохтмони ғайриистиқоматӣ ҳисобида мешавад, ки барои он ордери ягона дода шудааст ва ё ордер надорад, зеро биноҳои хобгоҳ аз биноҳои ғайриистиқоматӣ мувофиқ карда шудаанд, ки дар ҳудуди корхона (ташкилот) ҷойгир мебошанд.**

**Рамзи 96 «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар дигар намуд бинои истиқоматӣ ё манзил истиқомат кунад. Мисол, дар меҳмонхонаҳо, мотелҳо, манзилҳо барои меҳмонон, юрта, вагонча ва монанди инҳо.**

Саволи 2. Барои бардоштани деворҳои берунаи бино асосан аз кадом масолеҳ истифода бурда шуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои нишондода шуда қайд карда мешавад, ки деворҳои берунаи биное, ки дар он хонавода истиқомат мекунад, асосан аз ҳамин масолеҳ сохта шудааст.**

| | |
|---|---|
| **хишти пухта** | **1** |
| **хишт (саман)** | **2** |
| **санг** | **3** |
| **хишти хом** | **4** |
| **семент** | **5** |
| **хок** | **6** |
| **чӯб, тахта** | **7** |
| **тунука** | **8** |
| **газоблок (дажғолблок, яъне омехтаи дажғол бо семент)** | **9** |
| **дигар (нишон диҳед)** | **96** |

Саволи 3. Боми хона аз кадом масолеҳи асосии сохтмонӣ сохта шудааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол масолеҳи асосии сохтмоние, ки аз он боми хонаи хонавода сохта шудааст, нишон дода мешавад.**

**Рамзи 1- «шифер» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода аз шифер сохта шуда бошад.**

**Рамзи 2 – «метали тунукагӣ» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода аз метали тунукагӣ сохта шуда бошад.**

Рамзи 3- «коҳ» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода аз коҳ сохта шуда бошад.

Рамзи 4- «сафолпӯш» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода сафолпӯш шуда бошад.

Рамзи 5- «лой» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода аз лой сохта шуда бошад.

Рамзи 6 – «тантасанги бетонӣ бо битум» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода аз тахтасанги бетонӣ бо битум сохта шуда бошад.

Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар масолеҳи асосии сохтмонии боми бинои истиқоматии хонавода дигар бошад бошад, дар боло зикр нагардидааст.

Саволи 4. Фарши хона аз кадом масолеҳи асосии сохтмонӣ сохта шудааст?

Рамзи 1- «паркет/ламинат» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан бо паркет ё ламинат рӯпӯш шуда бошад.

Рамзи 2- «тахтаи рангкардашуда» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан аз тахтаи рангкардашуда сохта шуда бошад.

Рамзи 3- «линолеум» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан бо линолеум рӯпӯш карда шуда бошад.

Рамзи 4 – «семент» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан аз семент сохта шуда бошад.

Рамзи 5- «коши сафолин» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан аз коши сафолин сохта шуда бошад.

Рамзи 6- «лой/хок» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан аз лой ё хок сохта шуда бошад.

Рамзи 7- «лойи ҳамвор кардашуда» - қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан аз лойи ҳамвор кардашуда сохта шуда бошад.

Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед) – қайд карда мешавад, агар фарши хонаи хонавода асосан аз дигар масолеҳи сохтмонӣ, ки дар боло зикр нагардидааст, сохта шуда бошад.

Саволи 5. Масоҳати умумии манзили истиқоматӣ чӣ қадар аст? *(аз он ҷумла ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва иловагӣ, ки дар дохил ҷойгиранд)*

Дар мавриди ҷавоб додан ба ин савол бояд дар хотир дошт, ки масоҳати умумии бинои истиқоматӣ дар хонаи инфиродӣ, дар квартираи алоҳида ё коммуналӣ ҳамчун масоҳати умумии ҳамаи ҳуҷраҳои истиқоматӣ (аз он ҷумла, масоҳати манзара, айвону пешайвон, ки гармшаванда мебошаду барои истиқомат дар давоми тамоми сол мусоид аст) ва манзилҳои ёрирасон (ошпазхонаҳо, пешайвонҳо, долонҳои дохили квартира, ваннаю душхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, саройчаҳою анборхонаҳо ё ҷевонҳои сохташудаи хоҷагӣ) муайян карда мешавад.

Ба масоҳати умумӣ ҳамроҳ карда намешавад:

- майдончаи зина, зинапоя, даҳлез, толори лифт, дарвозахона, долон (ғайр аз дохили квартира), миёнсарой (вестибюлҳо);
- манзили боз сохташудаи гармнашаванда (айвону пешайвон, балконҳо, пешайвонҳою манзараҳо ва болохонаҳо);
- гаражҳо;
- ошпазхонаи тобистонаи алоҳида истода, ҳаммом, сарой, сӯҳбатҷой ва ғайраҳо.

Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои пешниҳодшударо қайд кардан лозим аст.

| | |
|---|---|
| камтар аз 40 метри мураббаъ | 1 |
| 40 - 69 метри мураббаъ | 2 |
| 70 – 99 метри мураббаъ | 3 |
| 100 – 130 метри мураббаъ | 4 |

| | |
|---|---|
| **бештар аз 130 метри мураббаъ** | **5** |
| **намедонам** | **99** |

Саволи 6. Хона аз чанд ҳуҷра иборат аст?

*(ба ғайр аз ошхона, балкон ва коридор)*

**Дар ҷавоби ин савол шумораи ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ки дар хонаи инфиродӣ, квартираи алоҳида, квартираи коммуналӣ вуҷуд дорад (масалан 1, 2, 3 ва ғайра), навишта мешавад.**

**Манзараҳо, болохонаҳо, пешайвонҳо ва айвонҳои гарм кардашуда, ки барои истиқомати доимӣ** дар давоми сол **таҷҳизонида шудаанд, ба ҷумлаи ҳуҷраҳои истиқоматӣ дохил карда мешаванд.**

**Ба шумораи ҳуҷраҳои истиқоматӣ** дохил карда намешаванд**: ошпазхонаҳо, толорҳо, долонҳо, ваннаю душхонаҳо, саройчаю амборхонаҳо, балконҳо, пешайвонҳо ва бинохоюо ҳуҷраҳои ёридиҳанда.**

Саволи 7а. Оё дар манзили истиқоматӣ зерин мавчуд аст? “ОШХОНАИ АЛОҲИДА”

Саволи 7б. Оё дар манзили истиқоматӣ зерин мавчуд аст? “ҲАММОМ/ДУШИ АЛОҲИДА”

**Дар ҷавоб ба ин савол дар алоҳидаги дар бораи**

**- ошхонаи алоҳида**

**- ҳаммом/души алоҳида ҷавоб додан лозим аст.**

**Барои ҳар як намуд дар алоҳидагӣ рамзи 1- «ҳа» ё рамзи 2- «не» қайд карда мешавад.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар дар бинои истиқоматӣ /хонаи хонавода ошхонаи алоҳида ё ҳаммом/души алоҳида мавҷуд бошад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар дар бинои истиқоматӣ /хонаи хонавода ошхонаи алоҳида ё ҳаммом/души алоҳида мавҷуд нест.**

Саволи 8. Ҳуқуқи соҳибӣ ба манзил?

**Рамзи 1- «соҳибмулк» - қайд карда мешавад, агар манзил (хонаи истиқоматӣ), ки хонавода ишғол кардааст, ба моликияти шахсии шахсоне (ё аққалан як шахс) ва аъзоёни ҳамин хонавода, ки дар ҳамин манзили истиқоматӣ (аз он ҷумла, манзили хусусикунонидашуда) зиндагонӣ мекунанд, ба ҳисоб меравад.**

**Рамзи 2- «соҳибмулк бо ипотека барои манзили истиқоматӣ» - қайд карда мешавад, агар манзиле, ки хонавода ишғол кардааст, ба моликияти шахсии аъзоёни хонавода (ё яке аз аъзоёни хонавода) ҳисоб рафта, дар асоси ипотека (қарзи дарозмуддат) харидорӣ карда шудааст ва қарзи ипотека то ҳол пардохт шуда истодааст.**

**Рамзи 3- «иҷора аз шахси воқеӣ» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматиро хонавода аз ягон шахси воқеӣ (шаҳрванд) иҷора гирифта бошад.**

**Рамзи 4- «иҷора за давлат» - қайд карда мешавад, агар манзиле, ки хонавода истиқомат мекунад, ба ҳуқуқи моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ таллуқ дошта бошад ё дар ихтиёри хоҷагидорӣ ё идораи таъҷилии корхонаҳои давлатӣ ё муассисаҳо қарор дорад (манзили муассисавӣ).**

**Рамзи 5- «истиқомати ройгон/бепул» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматие, ки хонавода истиқомат мекунад, барои истиқомати ройгон (бепул) аз ҷониби ягон хешу табор ё шахсе муваққатан пешниҳод шуда бошад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар манзиле, ки дар он хонавода истиқомат мекунад, дигар намуд ҳуқуқи соҳибӣ ба он дорад, ки дар боло зикр нагардидааст.**

## 5.1.2 Модули 8. Манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат.

## Қисми Б: Истифодаи қувваи барқ

Даврияти пур кардани модули 8. Манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат, қисми Б: Истифодаи қувваи барқ семоҳаи 4 мебошад.

Саволи 1. Дар манзили истиқоматии шумо шабакаи марказии гармидиҳӣ вуҷуд дорад?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода аз дегхонаҳои хонагӣ, гурӯҳӣ (маҳаллӣ), дегхонаи муттаҳид ё ноҳиявӣ, истгоҳи барқии гармирасонии марказӣ (ТЭЦ) гармирасонӣ карда шавад.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода аз дегхонаҳои хонагӣ, гурӯҳӣ (маҳаллӣ), дегхонаи муттаҳид ё ноҳиявӣ, истгоҳи барқии гармирасонии марказӣ (ТЭЦ) гармирасонӣ карда нашавад.**

**Агар рамзи 2- «не» қайд карда шавад, пурсиш барои хонавода ба саволи 3 идома меёбад.**

Саволи 2. Дар давоми 3 МОҲИ ОХИР манзили истиқоматии шумо чанд моҳ бо гармӣ таъмин буд?

***(Агар гармӣ истифода нашуда бошад, рақами "0"-ро нависед)***

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода қайд намояд, ки дар давоми 3 моҳи охир манзили ичтиқоматии хонавода чанд моҳ (аз 1 то 3 моҳ) бо гармӣ таъмин набуд. Дар ҳолати дар давоми 3 моҳи охир умуман бо гармӣ таъмин набудани манзили истиқоматии хонавода, раками «0» навишта мешавад.**

Саволи 3. Дар давоми соли гузашта хонаводаи шумо аз кадом манбаъҳои дигари гармидиҳӣ истифода бурдааст?

*(то се ҷавобро нишон диҳед)*

**Ба саволи 3 танҳо дар мавриде агар хонавода рамзи 2 – «не» дар саволи 1 қайд намуда бошад, тариқи гузариш ҷавоб дода мешавад.**

**Дар ҷавоб ба ин савол хонавода бояд то се ҷавобро аз рӯйхати ҷавобҳои пешниҳодшуда қайд намояд.**

**Рамзи 0- «ҳеҷ чиз нест/гармидиҳӣ нест» - қайд карда мешавад, дар мавриди набудани ягон намуди гармирасонӣ дар хонаи истиқоматии хонавода. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 1- «қувваи барқ» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода бо кондитсионер ё дигар асбобҳои гармидиҳии барқӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда бошад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 2- «ҳезум» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода бо ҳезум гарм карда шавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 3- «газ» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода аз дегҳои гармирасони маҳаллӣ, мутамарказӣ, камвусъат бо сӯзишвории газ гармирасонӣ карда мешавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 4- «равған, бензин» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода аз дегҳои гармирасонии камвусъат бо сӯзишвории равған ё бензин гармирасонӣ карда мешавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 5- «ангишт» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода аз дегҳои гармирасони маҳаллӣ, мутамарказӣ, камвусъат бо сӯзишвории ангишт гармирасонӣ карда мешавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 6- «таппак» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода бо таппак гарм карда мешавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 7- «ғӯзапоя» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода бо ғӯзапоя гарм карда шавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 96- «дигар (нишон диҳед)» -айд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода бо дигар намуд манбаъ гармирасонӣ карда мешавад. Гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

Саволи 4. Газро чӣ тавр ба даст меоред?

**Рамзи 0 - «умуман наст» - қайд карда мешавад, агар хонавода газро дар рӯзғор умуман истифода намебарад. Дар мавриди қайд гардидани рамзи «0» гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 1 – «қубури газ» - қайд карда мешавад, агар дар манзили истиқоматӣ плитаи газии рӯифаршӣ гузошта шудааст, ки бо гази шабакавӣ таъмин карда мешавад. Дар мавриди қайд гардидани рамзи «1» гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 2 - «баллони газ» - қайд карда мешавад, агар дар манзили истиқоматӣ плитаи гази рӯифаршӣ гузошта шудааст, ки аз** дастгоҳҳои баллонии гурӯҳӣ, ҳавлигӣ, маҳаллӣ ва инфиродӣ бо гази моеъ (баллон) таъмин карда мешавад. **Хонае, ки ошпазхонаи алоҳида истода дорад, ки дар он плитаи газӣ бо гази моеъ таъминшуда гузошта шудааст, хонаи газ гузаронидашуда ҳисоб мешавад.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, хонавода газро бо дигар тарз барои истифода дар рӯзғор ба даст орад. Дар мавриди қайд гардидани рамзи «96» гузариш ба саволи 8 амалӣ мегардад.**

Саволи 5. Ҳаҷми баллонҳое, ки дар манзили истиқоматӣ истифода мебаред, чӣ қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои пешниҳодшударо қайд кардан лозим аст.**

| | |
|---|---|
| 3 кг | 1 |
| 5 кг | 2 |
| 10 кг | 3 |
| 15 кг | 4 |
| 20 кг | 5 |
| дигар (нишон диҳед) | 99 |

Саволи 6. Ба ҳисоби миёна, як баллони газ барои чанд муддат кифоягӣ мекунад?

Саволи 6 **аз ду зерсавол иборат мебошад:**

**- зимистон**

**- тобистон**

**Барои ҳар зерсавол дар алоҳидагӣ як рамзро қайд кардан лозим аст:**

**Рамзи 1- «камтар аз як моҳ»**

**Рамзи 2 – «1-2 моҳ»**

**Рамзи 3 – «2-3 моҳ»**

**Рамзи 4 – «бештар аз 3 моҳ»**

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд қайд карда шавад, ки як баллони газ танҳо барои тайёр кардани хӯрок ва истифода дар рӯзғор чанд муддат кифоягӣ мекунад.**

**Барои мисол, хонавода қайд намудааст, ки як баллони газ дар фасли зимистон барои тайёр кардани хӯрок ва истифода дар рӯзғор рамзи 2 – «1-2 моҳ» ва дар фасли тобистон рамзи 4 – «бештар аз 3 моҳ» кифоягӣ мекунад.**

Саволи 7. Ба ҳисоби миёна, арзиши ҳар як пуркунии баллон чанд пул аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд муайян карда шавад, ки хонавода ба ҳисоби миёна барои як пуркунии баллон чӣ қадар пул (бо сомонӣ) сарф мекуанд.**

**Дар мавриди надонистан ё дар хотир надоштани хонавода барои пуркунии баллон чӣ қадар маблағ ба ҳисоби миёна сарф кардааст, рақами 99999 гузошта мешавад.**

**Дар мариди аз ҷавоб ба ин савол даст кашидани хонавода рақами 88888 гузошта мешавад.**

Саволи 8. Манбаи АСОСИИ нерӯи барқ дар хонавода истифодашаванда кадом аст?

**Рамзи 0 - «қувваи барқ нест» - қайд карда мешавад, агар хонавода аз қувваи барқ умуман истифода намебарад.**

**Рамзи 1- «ба шабакаи миллии барқдиҳӣ (ширкат) пайваст аст» - қайд карда мешавад, агар хонавода аз шабакаи миллии барқдиҳӣ (ширкат) истифода барад.**

**Рамзи 2 – «шабакаи хурди барқдиҳии маҳаллӣ» - қайд карда мешавад, агар хонавода ба шабакаи хурди барқдиҳӣ пайваст бошад ва ин манбаи асосии барқдиҳӣ барои хонавода ҳисобида шавад.**

**Рамзи 3 – «генератор» - қайд карда мешавад, агар хонавода аз генератор истифода барад ва он ҳамчун манбаи асосии барқдиҳӣ барои хонавода ҳисобида шавад.**

**Рамзи 4 – «системаи офтобии хонагӣ» - қайд карда мешавад, агар хонавода аз системаи офтобии хонагӣ ҳамчун манбаи асосии барқдиҳӣ истифода барад.**

**Рамзи 5 – «фонуси офтобӣ/системаи равшандиҳӣ» - қайд карда мешавад, агар хонавода аз фонуси офтобӣ/ системаи равшандиҳӣ ҳамчун асосан истифода баранд.**

**Рамзи 6 – «системаи аккумулятории барқгиранда» - кайд карда мешвад, агар хонавода асосан аз системаи аккумулятории барқгиранда истифода барад.**

**Рамзи 7 – «батареяҳои аккумулятории барқнагиранда» - қайд карда мешавад, агар хонавода асосан аз батареяҳои аккумулятории барқнагиранда истифода барад.**

**Рамзи 8 – «НБО-и хурд» - қайд карда мешавад, агар хонавода асосан аз НБО-и хурд ҳамчун манбаи нерӯи барқ истифода барад.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар аз дигар манбаи асосии нерӯи барқ истифода мебарад, ки дар боло зикрг нагардидааст.**

Саволи 9. Дар давоми 30 рӯзи охир манзили истиқоматии шумо аз таъмини барқ катъ гардида буд?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз таъмини барқ қатъ карда шуд буд.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар манзили истиқоматии хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз таъмини барқ қатъ нагардидааст. Дар мавриди қайд гардидани рамзи 2 – «не» гузариш ба саволи 15 амалӣ мегардад.**

Саволи 10. Дар вақти маҳдудияти қувваи барқ хонаводаи шумо ба ҳисоби миёна чанд соат дар шабонарӯз бо барқ таъмин карда мешавад?

**Саволи 10 аз ду зерсавол иборат мебошад:**

- дар айни замон
- миқдори камтарин

**Барои ҳар зерсавол дар алоҳидагӣ нишон додан лозим аст, ки дар вақти маҳдудияти қувваи барқ хонавода ба ҳисоби миёна чанд соат дар шабонарӯз бо барқ таъмин карда мешавад.**

**Рамзи 99- «намедонам» - қайд карда мешавад, агар хонавода намедонад, ки дар вақти маҳдудияти қувваи барқ ба ҳисоби миёна чанд соат дар шабонарӯз бо барқ таъмин карда мешавад. Рамзи 99- «намедонам» инчунин барои ҳар ду зерсавол дар алоҳидагӣ қайд карда шавад.**

**Мисол, хонавода дар зерсаволи «айни замон» қайд намуд, ки дар вақти маҳдудияти қувваи барқ ба ҳисоби миёна 8 соат дар шабонарӯз бо барқ таъмин карда мешавад, вале аз он *миқдори камтарини* бо барқ таъмин шуданро хонавода намедонад.**

**Дар ин ҳолат барои зерсаволи «миқдори камтарин» рамзи 99- «намедонам» қайд карда мешавад.**

**Мисоли дигар, агар хонавода дар зерсаволи «айни замон» қайд намояд, ки дар вақти маҳдудияти қувваи барқ ба ҳисоби миёна 15 соат дар шабонарӯз бо барқ таъмин карда мешавад ва аз ин дар зерсаволи «миқдори камтарин» қайд намояд, ки 10 соат метавонад бо барқ таъмин шавад.**

**Ҳамчунин хонавода метавонад дар ҷавоб ба ҳарду зерсавол рамзи 99 - «намедонам» - ро қайд намояд.**

Саволи 11. Дар давоми моҳҳое, ки хонаводаи шумо миқдори камтарини соатҳо нерӯи баркро мегирад, ба ҳисоби миёна чанд соат таъминоти нерӯи барқ бегоҳирӯзӣ аз соати 18:00 то 22:00 аз манбаи асосӣ ҳар рӯз таъмин гардид?

Саволи 11 **низ аз ду зерсавол иборат мебошад:**

**- дар айни замон**

**- миқдори камтарин**

**Барои ҳар зерсавол дар алоҳидагӣ нишон додан лозим аст, ки дар давоми моҳҳое, ки хонавода миқдори камтарини соатҳо нерӯи баркро мегирад, ба ҳисоби миёна чанд соат таъминоти нерӯи барқ бегоҳирӯзӣ аз соати 18:00 то 22:00 аз манбаи асосӣ ҳар рӯз ташкил мекунад.**

**Рамзи 99- «намедонам» - қайд карда мешавад, агар хонавода намедонад, ки дар давоми моҳҳое, ки хонавода миқдори камтарини соатҳо нерӯи баркро мегирад, ба ҳисоби миёна чанд соат таъминоти нерӯи барқ бегоҳирӯзӣ аз соати 18:00 то 22:00 аз манбаи асосӣ ҳар рӯз ташкил мекунад. Рамзи 99- «намедонам» барои ҳар ду зерсавол дар алоҳидагӣ қайд карда шавад.**

**Мисол, хонавода дар зерсаволи «айни замон» қайд намуд, ки дар давоми моҳҳое, ки миқдори камтарини соатҳо нерӯи баркро мегирад, ба ҳисоби миёна 5 соат таъминоти нерӯи барқ бегоҳирӯзӣ аз соати 18:00 то 22:00 аз манбаи асосӣ ҳар рӯз ташкил мекунад, вале аз он *миқдори камтарини* бо барқ таъмин шуданро дар ин давра хонавода намедонад. Дар ин ҳолат барои зерсаволи «миқдори камтарин» рамзи 99- «намедонам» қайд карда мешавад.**

**Ҳамчунин хонавода метавонад дар ҷавоб ба ҳарду зерсавол рамзи 99 - «намедонам» - ро қайд намояд.**

Саволи 12. Дар давоми моҳҳое, ки маҳдудияти барқ бештар ба назар мерасад, ба ҳисоби миёна чанд соат дар як рӯз таъмини барқ аз манбаи асосӣ қатъ мегардид?

Саволи 12 **низ аз ду зерсавол иборат мебошад:**

- дар айни замон

- миқдори камтарин

**Барои ҳар зерсавол дар алоҳидагӣ нишон додан лозим аст, ки дар моҳҳое, ки маҳдудияти барқ бештар ба назар мерасад, ба ҳисоби миёна дар як рӯз таъмини барқ аз манбаи асосӣ чанд соат қатъ мегардид.**

**Рамзи 99- «намедонам» - қайд карда мешавад, агар хонавода намедонад, ки дар давоми моҳҳое, ки маҳдудияти барқ бештар ба назар мерасад, ба ҳисоби миёна чанд соат**

**дар як рӯз таъмини барқ аз манбаи асосӣ қатъ гардид. Рамзи 99- «намедонам» барои ҳар ду зерсавол дар алоҳидагӣ қайд карда шавад.**

**Мисоли якум, хонавода дар зерсаволи «айни замон» қайд намуд, ки дар моҳҳое, ки маҳдудияти барқ бештар ба назар мерасад, ба ҳисоби миёна дар як рӯз таъмини барқ аз манбаи асосӣ 5 соат қатъ гардид, вале аз он *миқдори камтарини* бо барқ таъмин шуданро хонавода намедонад. Дар ин ҳолат барои зерсаволи «миқдори камтарин» рамзи 99- «намедонам» қайд карда мешавад.**

**Мисоли дуюм, агар хонавода дар зерсаволи «айни замон» қайд намояд, ки дар моҳҳое, ки маҳдудияти барқ бештар ба назар мерасад, ба ҳисоби миёна дар як рӯз таъмини барқ аз манбаи асосӣ 4 соат қатъ гардид ва аз ин дар зерсаволи «миқдори камтарин» қайд намояд, ки 2 соат метавонад хонавода бо барқ таъмин нашавад.**

**Ҳамчунин хонавода метавонад дар ҷавоб ба ҳарду зерсавол рамзи 99 - «намедонам» - ро қайд намояд.**

Саволи 13. Дар давоми моҳҳое, ки хонаводаи шумо миқдори бештари қатъ гардидан/номураттабии таъмини қувваи барқро ҳис кард, ба ҳисоби миёна дар давоми чанд соат ва дақиқа буданд қатъ гардидан/номураттабии таъмини қувваи барқ аз сарчашмаи асосӣ?

Саволи 13 **низ аз ду зерсавол иборат мебошад:**

- дар айни замон
- миқдори камтарин

**Барои ҳар зерсавол дар алоҳидагӣ нишон додан лозим аст, ки дар давоми моҳҳое, ки хонавода миқдори бештари қатъ гардидан/номураттабии таъмини қувваи барқро ҳис кард, ба ҳисоби миёна дар давоми чанд соат ва дақиқа буданд қатъ гардидан/номураттабии таъмини қувваи барқ аз сарчашмаи асосӣ.**

**Рамзи 99- «намедонам» - қайд карда мешавад, агар хонавода намедонад, ки дар давоми моҳҳое, ки хонавода миқдори бештари қатъ гардидан/номураттабии таъмини қувваи барқро ҳис кард, ба ҳисоби миёна дар давоми чанд соат ва дақиқа буданд қатъ гардидан/номураттабии таъмини қувваи барқ аз сарчашмаи асосӣ.**

**Рамзи 99- «намедонам» барои ҳар ду зерсавол дар алоҳидагӣ қайд карда шавад.**

Саволи 14. Дар давоми 12 МОҲИ ОХИР, оё хонаводаи шумо бо ҳолате рӯ ба рӯ шудааст, ки таҷҳизоти маишӣ аз кор баромадааст бо сабаби паст будан ё пасту баланд шудани шиддат дар манбаи асосӣ?

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 12 моҳи охир бо ҳолате рӯ ба рӯ шудааст, ки таҷҳизоти маишӣ аз кор баромадааст бо сабаби паст будан ё пасту баланд шудани шиддат дар манбаи асосӣ.**

**Рамзи 2 – «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 12 моҳи охир бо ҳолате рӯ ба рӯ нашудааст, ки таҷҳизоти маишӣ аз кор баромадааст бо сабаби паст будан ё пасту баланд шудани шиддат дар манбаи асосӣ.**

Саволи 15. Айни замон, барои истифодаи манбаи асосии қувваи барқ шумо ба кӣ пул пардохт мекунед?

**Дар ҷавоб ба ин савол яке аз рамзҳои пешниҳодшударо қайд кардан лозим аст.**

| | |
|---|---|
| **ба ҳеҷ кас** | **0** |

| | |
|---|---|
| **ширкати энергетикӣ** | **1** |
| **корти пешпардохтшуда аз рӯи ҳисобкунак ба фурӯшанда** | **2** |
| **ҷамоат/деҳа/мақомоти худидоракунии маҳаллӣ** | **3** |
| **хешу ақрабо** | **4** |
| **ҳамсоя** | **5** |
| **иҷорадиҳанда** | **6** |
| **соҳиби мағоза барои хариди сӯзишвории генератори баркӣ** | **7** |
| **ҳоҷат ба пардохт нест/танҳо барои таҷҳизот як бор пардохт намудам** | **8** |
| **Пардохти мобилӣ аз рӯи истеъмол** | **9** |
| **дигар (нишон диҳед)** | **96** |

5.1.3 Модули 8. Манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат.

Қисми С: Об ва санитария (беҳдошт)

Давრияти пур кардани модули 8. Манзил, хизматрасониҳои коммуналӣ ва молҳои истифодаашон дарозмуддат, қисми С: Об ва санитария (беҳдошт) семоҳаи 4 мебошад.

Саволи 1. Чӣ манбаи асосии оби нӯшокӣ барои манзили истиқоматии шумо мебошад?

**Рамзи 11- «қубури об ба манзил даровaрда шудааст» - қайд карда мешавад, агар дар дохили манзили истиқоматӣ шабакаи тақсимкунандаи қубури об ҷойгир шудааст, ки об ба он аз қубури марказӣ ё аз чоҳи артезианӣ тамоми сол ҷорӣ мешавад; агар хонаи инфиродии истиқоматие, ки бо қубури об пайваст ва ошпазхонаи алоҳида дошта бошаду, дар он ҷумаки об аз шабакаи тақсимкунандаи қубури об гузошта шуда бошад, низ рамзи 11 қайд карда мешавад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 11 – «қубури об ба манзил даровaрда шудааст» - гузариш ба саволи 3 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 12 – «қубури об дар ҳудуд, ҳавлӣ ё қитъаи замин» - қайд карда мешавад, агар қубури об дар ҳудуд, ҳавлӣ ё қитъаи замин ҷойгир шуда бошад. Дар мавриди қайд кардани рамзи 12- «қубури об дар ҳудуд, ҳавлӣ ё қитъаи замин» - гузариш ба саволи 3 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 13 – «қубури об дар хонаи ҳамсоя ҷойгир шудааст (вақте, ки хонавода аз обро аз ҷумаки ҳамсоя истифода мебарад)» - қайд карда мешавад, агар қубури об дар хонаи ҳамсоя ҷойгир аст ва хонавода аз ҷумаки оби ҳамсоя истифода мебарад.**

**Рамзи 14 – «ҷумаки оби ҷамъиятӣ/қубури обфишор» - қайд карда мешавд, агар хонавода оби нӯшокиро аз ҷумаки оби ҷамъиятӣ ё қубури обфишор гирад.**

**Рамзи 21 – «қубури найчашакл/чоҳ» - қайд карда мешавад, агар хонавода оби нӯшокиро аз қудуқи найчашакл ё чоҳ истифода барард.**

**Рамзи 31- «чоҳи муҳофизатшуда» - қайд карда мешавад, агар хонавода чоҳи муҳифизатшавандаро ҳамчун манбаи асосии оби нӯшокӣ истифода мебарад.**

**Рамзи 32 – «чоҳи муҳофизатнашуда» - қайд карда мешавад, агар хонавода чоҳи муҳифизатнашавандаро ҳамчун манбаи асосии оби нӯшокӣ истифода мебарад.**

**Рамзи 41- «чашмаи муҳофизатшуда» - қайд карда мешавад, агар хонавода чашмаи муҳофизатшавандаро ҳамчун манбаи оби нӯшокӣ истифода мебарад.**

**Рамзи 42 – «чашмаи муҳофизатнашуда» - қайд карда мешавад, агар хонавода чашмаи муҳофизатнашавандаро ҳамчун манбаи асосии оби нӯшокӣ истифода мебарад.**

**Рамзи 51- «ҷамъоварии оби борон» - қайд карда мешавад, агар барои хонавода ҳамчун манбаи асосии оби нӯшокӣ ҷамъоварии оби борон бошад.**

**Рамзи 61- «оби овардашуда бо мошини махсус/автосистерна» - қайд карда мешавад, агар манбаи асосии оби нӯшокӣ оби бо мошинҳои махсус овардашуда ё автосистерна бошад.**

**Рамзи 71- «аробаи нақлиёти бо систернаи хурд/бочка» - қайд карда мешавад, агар манбаи асосии оби нӯшокӣ барои хонавода оби аробаи нақлиётӣ бо систернаи хурд/бочка бошад.**

**Рамзи 81 – «оби рӯйизаминӣ (дарё, чашма, ҷӯй, обанбор, кул, ҳавз, канал канали ирригатсиони)» - қайд карда мешавад, агар барои хонаводаи ҳамчан манбаи асосии оби нӯшокӣ оби рӯйизаминӣ (дарё, чашма, ҷӯй, обанбор, кул, ҳавз, канал канали ирригатсионӣ) бошад.**

**Рамзи 91- «оби дар шиша бастубандӣ шуда» - қайд карда мешавад, агар ҳамчун манбаи асосии оби нӯшокӣ оби дар шиша бастубандӣ шударо истифода мебарад.**

**Рамзи 96 – «дигар (нишон диҳед)» - қайд карда мешавад, агар хонавода дигар намуд манбаи оби нӯшокиро дошта бошад, ки дар боло зикр нагардидааст.**

Саволи 2. Барои рафтан ба манбаи асосӣ ва овардани об ба манзил чанд вақт сарф мешавад?

**Дар ҷавоб ба ин савол хонавода нишон медиҳад, ки барои рафтан ба манбаи асосӣ ва овардани об ба манзил чанд вақт <u>бо дақиқа</u> сарф мешавад. Мисол, 5 дақиқа, 25 дақиқа ва ё 40 дақиқа.**

Саволи 3. Хонаводаи шумо аз кадом манбаи асосии об барои дигар мақсад истифода мебарад, мисол пухтупаз ё оббозӣ?

**Дар ҷавоб ба ин савол хонавода яке аз рамзҳои пешниҳодшударо қайд мекунад.**

| | |
|---|---|
| **қубури об ба манзил дароварда шудааст** | **11** |

| | |
|---|---|
| **қубури об дар ҳудуд, ҳавлӣ ё қитъаи замин** | **12** |
| **қубури об ба хонаи ҳамсоя дароварда шудааст (вакте, ки хонавода аз ҷумаки оби ҳамсоя истифода мебарад** | **13** |
**Дар ҷавоб ба ин савол ба хонавода номи ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасониро номбар карда, муайян намудан лозим аст, ки оё ягон аъзои хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз ягон намуд ҳамин маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) харидорӣ/истифода намудааст ё не.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонии номбаршударо харидорӣ/истифода намудааст. Дар мавриди қайд намудани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонии номбаршударо харидорӣ/истифода накардааст. Дар мавриди қайд намудани рамзи 2 – «не» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) ба итмом расида, гузариш ба маҳсулоти навбатии ғайриозуқа/хизматрасонӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР хонаводаи шумо чӣ қадар [МАҲСУЛОТ] харидорӣ намуд?

**Ба саволи 2 танҳо аз рӯи номгӯйи маҳсулоти ғайриозуқа/ хизматрасонӣ пурсиш амалӣ мегардад, ки дар саволи 1 рамзи 1 – «ҳа» қайд шуда буд.**

**Дар ҷавоб ба ин савол барои ҳар як намуди маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ қайд карда мешавад, ки чӣ қадар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ/истифода намудааст. Мисол, хонавода дар саволи 1 қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир қубури обгузаронии пӯлодин ва семент харидорӣ намудааст. Дар ҷавоб ба саволи 2 хонавода қайд менамояд, ки 4 адад қубури обгузари пӯлодин ва 5 килограмм семент дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ намудааст, яъне дар чоркунҷаи махсус ҷудошуда дар сатри «қубури обгузаронии пӯлодин» рақами «4» ва дар сатри «семент» рақами «5» навишта мешавад.**

Саволи 3. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР хонаводаи шумо барои хариди [МАҲСУЛОТ] чанд пул сарф намуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода муайян кунад, ки маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасоние, ки дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ намудааст, бо кадом арзиши умумӣ харидорӣ /истифода намудааст.**

**Мисол, хонавода қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир 4 адад қубури обгузари пӯлодин ва 5 килограмм семент харидорӣ намудааст ва барои хариди қубури обгузари пӯлодин 400 сомонӣ ва барои хариди семент 100 сомонӣ сарф намудааст. Дар ин ҳолат дар ҷавоб ба саволи 3 бояд дар чоркунҷаи махсус ҷудо карда шуда дар сатри «қубури обгузари пӯлодин» рақами «400» ва дар сатри «семент» раками «100» навиштан лозим аст.**

### 5.3.6 Модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР
### Қисми Ф.

***(ҳар як молро алоҳида хонед, аз рӯи ҳар як номгӯй ҷавобро қайд намоед, сипас ба номгӯйи дигар гузаред, пеш аз он, ки ба саволҳои 2 ва 3 ҷавоб диҳед)***

Даврияти пур кардани модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 рӯзи охир, қисми Ф ҳар семоҳа мебошад.

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин модул рӯйхати маҳсулот ғайриозуқа ба хонавода пешниҳод карда мешавад (ҳамагӣ - 57 намуди маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонӣ). Хонавода оиди ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ пурсида шуда, дар барномаи электронӣ (планшет) қайд карда мешавад.**

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин савол бояд дар назар дошт, ки барои ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонӣ воҳиди ченак пешакӣ муайян карда шудааст, ки дар тарафи рости қисми муқаддимавии кластер нишон дода шудааст: дона, метри мураббаъ, хизматрасонӣ, комплект (маҷмӯъ).**

**Дар чоркунҷаҳои махсус ҷудо кардашуда рамзи маҳсулоти ғайриозуқа ва рамзи Таснифоти истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо (ТИИҲ) барои ҳар як маҳсулоти**

ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ пешакӣ дар саволномаи электронӣ (планшет) ҷойгир карда шудааст.

**Рӯйхати маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) чунин аст:**

| Р.т | Номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасонӣ |
|---|---|
| 1. | Мизи хатнависӣ, мизи ошпазхона, курсӣ |
| 2. | Ҷевони либос |
| 3. | Кати яккаса, кати дукаса |
| 4. | Маҷмӯи мебели манзил (стенка) |
| 5. | Сандуқи чӯбин |
| 6. | Маҷмӯи мебели нарми сегона (барои истироҳат) |
| 7. | Маҷмӯи мебел барои ошпазхона (гарнитури ошпазхона) |
| 8. | Рафи китоб (овезон) |
| 9. | Кати кӯдакона |
| 10. | Мизи маҷалламонӣ, мизи зери телевизор |
| 11. | Қандилҳо, оина |
| 12. | Қолини пашмин-синтетикӣ, қолини синтететикӣ (палос) |
| 13. | Матои тӯри пардаворӣ |
| 14. | Болишти пахтагин |
| 15. | Маҷмӯи рӯйҷо (постельное белье) |
| 16. | Рӯйҷой, ҷилди кӯрпа, пӯши болишт (наволочка), матрас, кампал (одеяло) |
| 17. | Дастархон, сачоқ, дока |
| 18. | Кӯрпа, кӯрпача |
| 19. | Яхдон |
| 20. | Мошини ҷомашӯӣ |
| 21. | Плитаи электрикӣ, плитаи газӣ, тафдони микромавҷӣ |
| 22. | Системаи сплит (кондитсионер) |
| 23. | Обгармкунак |
| 24. | Печи гармкунаки барқӣ |
| 25. | Чангкашак |
| 26. | Мошини барқии дарздӯзӣ |
| 27. | Дарзмол |
| 28. | Чойники барқӣ |
| 29. | Қаҳваҷӯшонак, қаҳвамайдакунак |
| 30. | Миксер |
| 31. | Гуштқимакунаки электрикӣ |
| 32. | Асбоби нони сингапазӣ (тостер) |
| 33. | Электрофен |
| 34. | Таъмири яхдон, таъмири мошини ҷомашӯӣ |
| 35. | Тоба |
| 36. | Қаҳвагираки шишагин, стакани обнӯшӣ |

| Р.т | Номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасонӣ |
|---|---|
| **37.** | **Маснуоти булурин** |
| **38.** | **Табақачаҳои хурд аз садафи одди қутр** |
| **39.** | **Косаи оддии чинӣ** |
| **40.** | **Пиёла, қадаҳ, қадаҳҷом (фужер)** |
| **41.** | **Косаи (зарфи) қаҳванӯшӣ аз чинии оддӣ** |
| **42.** | **Чойники ҷойҷӯшонӣ** |
| **43.** | **Табақчаи сафолини палавхӯрӣ** |
| **44.** | **Корди сирдори ошпазхона, кафлези сирдор** |
| **45.** | **Сатил, деги чӯян, тоба** |
| **46.** | **Чойники сирдор, битони сирдор, тағораи сирдор** |
| **47.** | **Қошуқ, чангак** |
| **48.** | **Пармаи (дрел) барқӣ, арраи барқӣ** |
| **49.** | **Лампочкаи каммасраф** |
| **50.** | **Риштарошаки барқӣ, чойҷӯшонаки барқӣ** |
| **51.** | **Пардаовезак (карниз), жалюзи** |
| **52.** | **Қулфи дар, зинапоя, арраи чӯббурӣ** |
| **53.** | **Амбури пӯлодӣ, винттобаки пӯлодӣ** |
| **54.** | **Болғаи пӯлодӣ, табар** |
| **55.** | **Хомушкунаки барқ, разеткаи электрикӣ, батарейка** |
| **56.** | **Хаскашак, чоршохаи коҳгирӣ, бели оҳанин** |
| **57.** | **Дастколаи (секатор) боғдорӣ, доси алафдаравӣ, қайчии токбурӣ** |

Саволи 1. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР аъзои хонаводаатон ягон намуд аз ин [МАҲСУЛОТ] харидорӣ намуда буд? *Лутфан он [МАҲСУЛОТ]-е, ки барои коркард ё фурӯш дар корхонаи хусусӣ харидорӣ шуда буд, ба ҷавоби худ дохил накунед.*

**Дар ҷавоб ба ин савол ба хонавода номи ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасониро номбар карда, муайян намудан лозим аст, ки оё ягон аъзои хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз ягон намуд ҳамин маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) харидорӣ/истифода намудааст ё не.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонии номбаршударо <u>харидорӣ/истифода намудааст</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонии номбаршударо <u>харидорӣ/истифода накардааст</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 2 – «не» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) ба итмом расида, гузариш ба маҳсулоти навбатии ғайриозуқа/хизматрасонӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР хонаводаи шумо чӣ қадар [МАҲСУЛОТ] харидорӣ намуд?

**Ба саволи 2 танҳо аз рӯи номгӯйи маҳсулоти ғайриозуқа/ хизматрасонӣ пурсиш амалӣ мегардад, ки дар саволи 1 рамзи 1 – «ҳа» қайд шуда буд.**

**Дар ҷавоб ба ин савол барои ҳар як намуди маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ қайд карда мешавад, ки чӣ қадар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ/истифода намудааст. Мисол, хонавода дар саволи 1 қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир кати кӯдакона, кӯрпа ва кӯрпача, болишти пахтагин ва маснуоти булурин харидорӣ намудааст. Дар ҷавоб ба саволи 2 хонавода қайд менамояд, ки 1 адад кати кӯдакона, 4 адад кӯрпаву кӯрпача, 2 адад болишти пахтагин ва 6 адад маснуоти булурин дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ намудааст, яъне дар чоркунҷаи махсус ҷудошуда дар сатри «кати кӯдакона» рақами «1», сатри «кӯрпаву кӯрпача» рақами «4», сатри «болишти пахтагин» рақами «2» ва дар сатри «маснуоти булурин» рақами «6» навишта мешавад.**

Саволи 3. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР хонаводаи шумо барои хариди [МАҲСУЛОТ] чанд пул сарф намуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода муайян кунад, ки маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасоние, ки дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ намудааст, бо кадом арзиши умумӣ харидорӣ/истифода намудааст.**

**Мисол, хонавода қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир барои 1 адад кати кӯдакона 400 сомонӣ, барои 4 адад кӯрпаву кӯрпача 600 сомонӣ, барои 2 адад болишт 300 сомонӣ ва барои 6 адад маснуоти булурин 800 сомонӣ сарф намудааст. Дар ин ҳолат дар ҷавоб ба саволи 3 бояд дар чоркунҷаи махсус ҷудо карда шуда дар сатри «кати кӯдакона» рақами «400», дар сатри «кӯрпаву кӯрпача» рақами «600», дар сатри «болишт» рақами «300» ва дар сатри «маснуоти булурин» рақами «800» навиштан лозим аст.**

### 5.3.7 Модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР
### Қисми Ҷ.

***(ҳар як молро алоҳида хонед, аз рӯи ҳар як номгӯй ҷавобро қайд намоед, сипас ба номгӯйи дигар гузаред, пеш аз он, ки ба саволҳои 2 ва 3 ҷавоб диҳед)***

Даврияти пур кардани модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 рӯзи охир, қисми Ҷ. ҳар семоҳа мебошад.

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин модул рӯйхати маҳсулот ғайриозуқа ба хонавода пешниҳод карда мешавад (ҳамагӣ - 47 намуди маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонӣ). Хонавода оиди ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ пурсида шуда, дар барномаи электронӣ (планшет) қайд карда мешавад.**

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин савол бояд дар назар дошт, ки барои ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонӣ воҳиди ченак пешакӣ муайян карда шудааст, ки дар тарафи рости қисми муқаддимавии кластер нишон дода шудааст: литр, хизматрасонӣ, шумора.**

**Дар чоркунҷаҳои махсус ҷудо кардашуда рамзи маҳсулоти ғайриозуқа ва рамзи Таснифоти истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо (ТИИҲ) барои ҳар як маҳсулоти**

**ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ пешакӣ дар саволномаи электронӣ (планшет) ҷойгир карда шудааст.**

**Рӯйхати маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) чунин аст:**

| Р.т | Номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасонӣ |
|---|---|
| **1.** | **Мошини боркаш** |
| **2.** | **Трактор** |
| **3.** | **Комбайн** |
| **4.** | **Таҷҳизот барои кишоварзӣ (сипор, якдак)** |
| **5.** | **Мошини сабукрав** |
| **6.** | **Мототсикл** |
| **7.** | **Скутер** |
| **8.** | **Дучарха барои калонсолон ва наврасон** |
| **9.** | **Чархи автомобил** |
| **10.** | **Аккумулятори автомобил** |
| **11.** | **Филтр барои равған муҳаррик** |
| **12.** | **Сӯзишвории дизелӣ (солярка)** |
| **13.** | **Равғани муҳаррик, антифриз, бензин** |
| **14.** | **Таъмири мошини сабукрав** |
| **15.** | **Шустушӯи автомобил** |
| **16.** | **Пардохти истгоҳи автомобилӣ** |
| **17.** | **Машғулият дар мактаби ронандагӣ (арзиши миёнаи соати дарсҳои назариявӣ, арзиши дарсҳои амалӣ, рондани мошин дар шаҳр)** |
| **18.** | **Пардохти хизмати нақлиёти роҳи оҳан** |
| **19.** | **Пардохт барои таксиҳо, таксиҳои хатсайрӣ ва автобусҳо** |
| **20.** | **Арзиши парвоз барои хатсайрҳои дохилӣ ва берунӣ** |
| **21.** | **Телефони стационарӣ (хонагӣ), телефони мобилӣ** |
| **22.** | **Пардохти хизмати оператори мобилӣ** |
| **23.** | **Пардохти хизмати интернет - кафе ва интернети бо воситаи модем пайвастшуда** |
| **24.** | **Аппаратҳои телевизиону радио: (телевизор, дастгоҳи мусиқӣ, кинотеатри хонагӣ)** |
| **25.** | **Дастгоҳи рақамии суратгирӣ, видеокамера** |
| **26.** | **Дастгоҳу таҷҳизот барои коркарди иттилоот: (компютер, монитор, принтер, ноутбук)** |
| **27.** | **Асбобҳои мусиқӣ (рубоб, дутор, гитара, доира, пианино, синтезатор)** |
| **28.** | **Бозичаҳои кӯдакона, лӯхтакҳо, бозичаҳои нарм** |
| **29.** | **Шоҳмот, шашка, нардиҳо** |
| **30.** | **Тӯби футбол, тӯбчаи тенис** |
| **31.** | **Ракетка барои бадминтон, ракеткаи тениси болои миз, ракетка барои теннис** |

| Р.т | Номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасонӣ |
|---|---|
| **32.** | **Борхалта, халтаи рахти хоб** |
| **33.** | **Эмкунии чорво (як эмкунӣ)** |
| **34.** | **Машғулият дар ҳавзҳои шиноварӣ** |
| **35.** | **Машғулият дар гурӯҳҳои тайёрии умумии тарбияи бадан (дар як моҳ)** |
| **36.** | **Хизматрасонии маркази варзишӣ (фитнес центр)** |
| **37.** | **Хизматрасонии кинотеатрҳо ва театрҳо** |
| **38.** | **Хизматрасонии сирк** |
| **39.** | **Хизматрасонии осорхонаю намоишгоҳҳо** |
| **40.** | **Хизматрасонии боғи ҳайвонот** |
| **41.** | **Хизматрасонии суратгир (суратгирӣ, суратбарорӣ, чоп кардани сурат, ба иҷора гирифтани DVD - диск)** |
| **42.** | **Молҳои коғазин (дафтари мактабӣ, албоми расмкашӣ, рӯзномаи мактабӣ, коғаз барои чопи принтерӣ)** |
| **43.** | **Молҳои хатнависии мактабӣ ва идоравӣ (ручка, қалам, хаткӯркунак, ширеш)** |
| **44.** | **Хизматрасонии экскурсионӣ** |
| **45.** | **Хизматрасонии нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ** |
| **46.** | **Таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ (умумии миёна, техникум, коллеҷ, донишкадаҳои олӣ)** |
| **47.** | **Курсҳои омӯзиши бухгалтерӣ, технологияи компютерӣ ва курсҳои забонҳои хориҷӣ** |

Саволи 1. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР аъзои хонаводаатон ягон намуд аз ин [МАҲСУЛОТ] харидорӣ намуда буд? *Лутфан он [МАҲСУЛОТ]-е, ки барои коркард ё фурӯш дар корхонаи хусусӣ харидорӣ шуда буд, ба ҷавоби худ дохил накунед.*

**Дар ҷавоб ба ин савол ба хонавода номи ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасониро номбар карда, муайян намудан лозим аст, ки оё ягон аъзои хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз ягон намуд ҳамин маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) харидорӣ/истифода намудааст ё не.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонии номбаршударо харидорӣ/истифода намудааст. Дар мавриди қайд намудани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди маҳсулоти ғайриозуқа ё хизматрасонии номбаршударо харидорӣ/истифода накардааст. Дар мавриди қайд намудани рамзи 2 – «не» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) ба итмом расида, гузариш ба маҳсулоти навбатии ғайриозуқа/хизматрасонӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР хонаводаи шумо чӣ қадар [МАҲСУЛОТ] харидорӣ намуд?

**Ба саволи 2 танҳо аз рӯи номгӯйи маҳсулоти ғайриозуқа/ хизматрасонӣ пурсиш амалӣ мегардад, ки дар саволи 1 рамзи 1 – «ҳа» қайд шуда буд.**

**Дар ҷавоб ба ин савол барои ҳар як намуди маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ қайд карда мешавад, ки чӣ қадар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ/истифода намудааст. Мисол, хонавода дар саволи 1 қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир 2 адад чархи автомобил харидорӣ намудааст, 10 литр бензин, 1 маротиба мошини сабукравро таъмир намудааст, 2 маротиба автомобилро шустааст дар нуқтаи шустушӯй, 1 адад бозичаи кӯдакона, 2 адад лӯхтак харидорӣ намудааст ва 1 маротиба ба сирк фарзандонашонро бурдаанд, яъне дар чоркунҷаи махсус ҷудошуда дар сатри «чархи автомобил» рақами «2», сатри «равғани муҳаррик, антифриз, бензин» рақами «10», сатри «таъмири мошини сабукрав» рақами «1», сатри «шустушӯи автомобил» рақами «2», дар сатри «бозичаҳои кӯдакона, лӯхтакҳо, бозичаҳои нарм» рақами «3» ва дар сатри «хизматрасонии сирк» рақами «1» навишта мешавад.**

Саволи 3. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР хонаводаи шумо барои хариди [МАҲСУЛОТ] чанд пул сарф намуд?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода муайян кунад, ки маҳсулоти ғайриозуқа/хизматрасоние, ки дар давоми 30 рӯзи охир харидорӣ/истифода намудааст, бо кадом арзиши умумӣ харидорӣ/истифода намудааст.**

**Мисол, хонавода қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир 2 адад чархи автомобил ба маблағи 700 сомонӣ, 10 литр бензин ба маблағи 75 сомонӣ харидорӣ намудааст, 1 маротиба аз хизматрасонии таъмири мошини сабукрав ба маблағи 150 сомонӣ истифода намудааст, 2 маротиба аз хизматрасонии шустушӯи автомобил 30 сомонӣ, 1 адад бозичаи кӯдакона ба маблаги 40 сомонӣ ва 2 адад лӯхтак ба маблағи 30 сомонӣ харидорӣ намудааст ва 1 маротиба аз хизматрасонии сирк ба маблағи 80 сомонӣ истифда намудааст. Дар ин ҳолат дар ҷавоб ба саволи 3 бояд дар чоркунҷаи махсус ҷудо карда шуда дар сатри «чархи автомобил» рақами «700», сатри «равғани муҳаррик, антифриз, бензин» рақами «75», сатри «таъмири мошини сабукрав» рақами «150», сатри «шустушӯи автомобил» рақами «30», дар сатри «бозичаҳои кӯдакона, лӯхтакҳо, бозичаҳои нарм» рақами «70» ва дар сатри «хизматрасонии сирк» рақами «80» навиштан лозим аст.**

### 5.3.8 Модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР Қисми Н.

***(ҳар як намуди сӯзишвориро алоҳида хонед, аз рӯи ҳар як номгӯй ҷавобро қайд намоед, сипас ба номгӯйи дигар гузаред, пеш аз он, ки ба саволҳои 2 ва 3 ҷавоб диҳед)***

Даврияти пур кардани модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 рӯзи охир, қисми Н. ҳар семоҳа мебошад.

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин модул рӯйхати намуди сӯзишворӣ ба хонавода пешниҳод карда мешавад (ҳамагӣ - 13 намуди сӯзишворӣ). Хонавода оиди ҳар як маҳсулоти намуди сӯзишворӣ дар алоҳидагӣ пурсида шуда, дар барномаи электронӣ (планшет) қайд карда мешавад.**

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин савол бояд дар назар дошт, ки барои ҳар як намуди сӯзишворӣ воҳиди ченак пешакӣ муайян карда шудааст, ки дар тарафи рости қисми муқаддимавии кластер нишон дода шудааст: m³, килограмм, литр, шумора.**

.

**Дар чоркунҷаҳои махсус ҷудо кардашуда рамзи маҳсулоти ғайриозуқа ва рамзи Таснифоти истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо (ТИИҲ) барои ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ пешакӣ дар саволномаи электронӣ (планшет) ҷойгир карда шудааст.**

**Рӯйхати намуди сӯзишворӣ чунин аст:**

| Р.т | Номгӯи намуди сӯзишворӣ |
|---|---|
| **1.** | **Ҳезум** |
| **2.** | **Ангишт** |
| **3.** | **Гази моеъ дар баллон** |
| **4.** | **Керосин** |
| **5.** | **Мазут** |
| **6.** | **Сӯзишвории дизелӣ** |
| **7.** | **Торф** |
| **8.** | **Таппак** |
| **9.** | **Баргҳои ҷуворимакка** |
| **10.** | **Бутта** |
| **11.** | **Ғӯзапоя** |
| **12.** | **Бензин (ба истисноии бензин барои мошин)** |
| **13.** | **Аррамайда** |

**Дар ҷавоб додан ба саволҳои модули 10, кисми Н бояд дар назар дошт, ки намуди номбаршудаи сӯзишворӣ бо максади пешбурди рӯзғор, яъне <u>пухтупаз ё гарм кардани бинои истиқоматӣ</u> истифода мешавад.**

Саволи 1. Дар “30 РУЗИ ОХИР” хонаводаи шумо кадом навъи сӯзишворӣ истифода кардааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол ба хонавода номи ҳар як намуди сӯзишвориро номбар карда, муайян намудан лозим аст, ки оё хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз ягон намуди сӯзишворӣ истифода намудааст ё не.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди сӯзишвории номбаршударо <u>истифода намудааст</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин номгӯи маҳсулоти сӯзишворӣ идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди сӯзишвориро <u>истифода накардааст</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 2 – «не» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин намуди сӯзишворӣ ба итмом расида, гузариш ба намуди сӯзишвории дигар амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР чӣ қадар [СӮЗИШВОРӢ] ба даст овардед?

**<u>Ба саволи 2 танҳо аз рӯи намуди сӯзишворӣ пурсиш амалӣ мегардад, ки дар саволи 1 рамзи 1 – «ҳа» қайд шуда буд.</u>**

**Дар ҷавоб ба ин савол барои ҳар як намуди сӯзишворӣ дар алоҳидагӣ қайд карда мешавад, ки чӣ қадар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир <u>ба даст овардааст</u>. Дар ин маврид мафҳуми «ба даст овардан» маънои ҷамъи умумии харидан, тӯҳфа гирифтан ва ҷамъоварӣ намуданро дорад, яъне хонавода миқдори умумии намуди сӯзишворие, ки харидааст, тӯҳфа гирифтааст ва ҷамъоварӣ кардаат дар давоми 30 рӯзи охир нишон медиҳад.**

**Мисол, хонавода дар саволи 1 қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир, аз он ҷумла, ҳезум, ангишт, гази моеъ, бензин (ба истиснои бензин барои мошин) ва аррамайда ба даст овардааст (соҳиб шудааст). Дар ҷавоб ба саволи 2 хонавода қайд менамояд, ки дар давоми 30 рӯзи охир ба ҳаҷми <u>30 m³ ҳезум</u>, <u>50 килограмм</u> ангишт, <u>20 килограмм гази моеъ,</u> <u>10 литр бензин (ба истиснои бензин барои мошин), 40 килограмм ғӯзапоя</u> ва <u>30 килограмм аррамайда</u> ба даст овардааст, яъне дар чоркунҷаи махсус ҷудошуда дар сатри «ҳезум» рақами «30», сатри «ангишт» рақами «50», сатри «гази моеъ» рақами «20», сатри «бензин (ба истиснои бензин барои мошин)» рақами «10», дар сатри «ғӯзапоя» рақами «40» ва сатри «аррамайда» рақами «30» навишта мешавад.**

Саволи 3. Арзиши умумии [СӮЗИШВОРӢ], ки шумо ба даст овардед чанд сомонӣ буд?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода муайян кунад/баҳо диҳад, ки арзиши умумии ҳамаи намуди сӯзишворие, ки дар давоми 30 рӯзи охир ба даст овардааст, яъне харидорӣ намудааст, ҳамчун тӯҳфа гирифтааст ва ҷамъоварӣ намудааст, ба маблағи пулӣ чанд сомонӣ мебошад.**

**Мисол, хонавода қайд намудааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир дар ҳаҷми 30 m³ ҳезум ба маблағи <u>150 сомонӣ</u>, 50 килограмм ангишт ба маблағи <u>250 сомонӣ</u>, 20 килограмм гази моеъ ба маблағи <u>130 сомонӣ,</u> 10 литр бензин (ба истиснои бензин барои мошин) ба маблағи <u>80 сомонӣ</u> харидорӣ намудааст; 10 килограмм ғӯзапоя ба маблағи <u>50 сомонӣ</u> ҷамъоварӣ намуда, 30 килограмм аррамайда ба маблағи <u>60 сомонӣ</u> тӯҳфа гирифтааст. Дар ин ҳолат дар ҷавоб ба саволи 3 бояд дар чоркунҷаи махсус ҷудо карда шуда дар сатри «ҳезум» рақами «150», дар сатри «ангишт» рақами «250», дар сатри «гази моеъ» рақами «130», дар сатри «бензин (ба истиснои бензин барои мошин)» рақами «80», дар сатри «ғӯзапоя» рақами «50» ва дар сатри «аррамайда» рақами «60» навиштан лозим аст.**

Саволи 4. Чӣ қадар [СӮЗИШВОРӢ] шумо ҳамчун тӯҳфа гирифтед?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода аниқ кунад, ки аз ҳамаи намуди сӯзишворие, ки дар давоми 30 рӯзи охир онро ба даст овардааст (аз саволи 2), чӣ қадар ё кадом миқдор ҳамчун тӯҳфа омадааст.**

**Дар мисоли мо, хонавода дар саволи 3 нишон додааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир 30 килограмм аррамайдаро ҳамчун тӯҳфа гирифта буд. Дар ҷавоб ба саволи 4 дар сатри «аррамайда» рақами «30» навиштан лозим аст, яъне хонавода дар давоми 30 рӯзи охир намуди сӯзишвории аррамайдаро бо миқдори 30 килограмм ҳамчун тӯҳфа гирифтааст.**

Саволи 5. Чӣ қадар [СӮЗИШВОРӢ] шумо ҷамъ овардед, аммо нахаридед?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода нишон диҳад, ки аз миқдори умумии сӯзишвории ба даст омада (аз саволи 2), кадом миқдор аз ҷониби аъзоёни хонавода ҷамъоварӣ шудааст.**

**Дар мисоли мо, хонавода дар саволи 3 қайд намуда буд, ки 10 килограмм ғӯзапоя ҷамъоварӣ намудааст. Дар ин маврид дар ҷавоб ба саволи 4 дар сатри «ғӯзапоя» рақами «10» навишта мешавад.**

Саволи 6. Миқдори умумии [СӮЗИШВОРӢ], ки шумо барои гармкунӣ дар 30 РӮЗИ ОХИР истифода бурдед, чӣ қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода аниқ кунад, ки аз миқдори умумии ҳама намудҳои сӯзишворӣ, ки дар саволи 1 нишон дода шудааст, <u>кадом миқдор (чӣ қадар) барои гармкунии манзили истиқоматӣ</u> истифода шудааст.**

**Мисол, бигзор хонавода аниқ кунад, ки барои гармкунии манзили истиқоматӣ дар давоми 30 рӯзи охир 20 $m^3$ ҳезум ва 40 килограмм ангиштро истифода бурдааст. Дар ин маврид дар ҷавоб ба саволи 6 дар сатри «ҳезум» рақами «20» ва дар сатри «ангишт» рақами «40» навишта мешавад.**

Саволи 7. Арзиши умумии [СӮЗИШВОРӢ], ки шумо барои гармкунӣ дар 30 РӮЗИ ОХИР истифода бурдед, чанд сомониро ташкил дод?

**Дар ҷавоб ба ин савол муайян карда мешавад, ки арзиши сӯзишвории <u>барои гарм кардани манзили истиқоматӣ</u> сарфшуда (дар саволи 6 нишон додашуда), <u>чанд сомониро</u> ташкил медиҳад.**

**Дар мисоли мо, бигзор хонавода аниқ кунад, ки 20 $m^3$ ҳезум <u>100 сомонӣ</u> ва 40 килограмм ангишт <u>200 сомониро</u> ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат, дар ҷавоб ба саволи 7 дар сатри «ҳезум» рақами «100» ва дар сатри «ангишт» рақами «200» навишта мешавад.**

Саволи 8. Миқдори умумии [СӮЗИШВОРӢ], ки шумо барои пухтупаз дар 30 РӮЗИ ОХИР истифода бурдед, чӣ қадар аст?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд хонавода аниқ кунад, ки аз миқдори умумии ҳама намудҳои сӯзишворӣ, ки дар саволи 1 нишон дода шудааст, <u>кадом миқдор (чӣ қадар) барои пухтупаз</u> истифода шудааст.**

**Мисол, бигзор хонавода аниқ кунад, ки барои пухтупаз дар давоми 30 рӯзи охир <u>20 килограмм гази моеъ</u>, <u>10 килограмм ғӯзапоя</u> ва <u>15 килограмм аррамайда</u> истифода бурдааст. Дар ин маврид дар ҷавоб ба саволи 8 дар сатри «гази моеъ» рақами «20», дар сатри «ғӯзапоя» рақами «10» ва дар сатри «аррамайда» рақами «15» навишта мешавад.**

Саволи 9. Арзиши умумии [СӮЗИШВОРӢ], ки шумо барои пухтупаз дар 30 РӮЗИ ОХИР истифода бурдед, чанд сомониро ташкил дод?

**Дар ҷавоб ба ин савол муайян карда мешавад, ки арзиши сӯзишвории барои пухтупаз сарфшуда (дар саволи 8 нишон додашуда), чанд сомониро ташкил медиҳад.**

**Дар мисоли мо, бигзор хонавода аниқ кунад, ки 20 килограмм гази моеъ 100 сомонӣ, 30 килограмм ғӯзапоя 50 сомонӣ ва 15 килограмм аррамайда маблағи 30 сомониро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат, дар ҷавоб ба саволи 9 дар сатри «гази моеъ» рақами «100», дар сатри «ғӯзапоя» рақами «50» ва дар сатри «аррамайда» рақами «30»-ро навиштан лозим аст.**

5.3.9 Модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР
Қисми И.

***(ҳар як намуди хизматрасониро алоҳида хонед, аз рӯи ҳар як номгӯй ҷавобро қайд намоед, сипас ба номгӯйи дигар гузаред, пеш аз он, ки ба саволҳои 2 ва 3 ҷавоб диҳед)***

Даврияти пур кардани модули 10. Хароҷоти ғайриозуқа дар давоми 30 рӯзи охир, қисми И. ҳар семоҳа мебошад.

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин модул рӯйхати намуди хизматрасонӣ ба хонавода пешниҳод карда мешавад (ҳамагӣ - 16 намуди хизматрасонӣ). Хонавода оиди ҳар як намуди хизматрасонӣ дар алоҳидагӣ пурсида шуда, дар барномаи электронӣ (планшет) қайд карда мешавад.**

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин савол бояд дар назар дошт, ки барои ҳар як намуди сӯзишворӣ воҳиди ченак пешакӣ муайян карда шудааст, ки дар тарафи рости қисми муқаддимавии кластер нишон дода шудааст: m$^3$, килограмм, литр, шумора.**

**Дар чоркунҷаҳои махсус ҷудо кардашуда рамзи маҳсулоти ғайриозуқа ва рамзи Таснифоти истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо (ТИИҲ) барои ҳар як маҳсулоти ғайриозуқа (хизматрасонӣ) дар алоҳидагӣ пешакӣ дар саволномаи электронӣ (планшет) ҷойгир карда шудааст.**

**Рӯйхати намуди хизматрасонӣ чунин аст:**

| Р.т | Номгӯи намуди хизматрасонӣ |
|---|---|
| **1.** | **Андоз барои нигоҳдории фонди манзил** |
| **2.** | **Гармидиҳии марказӣ** |
| **3.** | **Гази табиӣ** |
| **4.** | **Неруи барқ** |
| **5.** | **Таъмини оби гарм** |
| **6.** | **Таъмини оби хунук дар дохил ва берун аз манзил** |
| **7.** | **Хароҷот барои нигоҳдорӣ (берун аз манзил, даромадгоҳ)** |
| **8.** | **Обпарто (канализатсия, қубурҳои заҳбур)** |
| **9.** | **Баровардани партов** |
| **10.** | **Телефони хонагӣ** |
| **11.** | **Телефони мобилӣ** |
| **12.** | **Антенаи маҳворагӣ ё телевизиони кабелӣ** |
| **13.** | **Дигар хизматрасониҳои коммуналӣ (лиф ва ғайра)** |

| Р.т | Номгӯи намуди хизматрасонӣ |
|---|---|
| **14.** | **Иҷора** |
| **15.** | **Агар иҷора набошад, арзиши хонаи шумо барои иҷора додан дар як моҳ чанд аст?** |
| **16.** | **Агар иҷора набошад, хонаи худро чанд пул фурӯхта метавонед?** |

Саволи 1. Оё хонаводаи шумо дар 30 РӮЗИ ОХИР аз [ХИЗМАТРАСОНӢ]-и зерин истифода бурдааст?

**Дар ҷавоб ба ин савол ба хонавода номи ҳар як намуди хизматрасониро номбар карда, муайян намудан лозим аст, ки оё хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз ягон намуди хизматрасонӣ истифода намудааст ё не.**

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди хизматрасонии номбаршударо <u>истифода намудааст</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин намуди хизматрасонӣ идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода дар давоми 30 рӯзи охир ягон намуди хизматрасонии номбаршударо <u>истифода накардааст</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 2 – «не» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин намуди хизматрасонӣ ба итмом расида, гузариш ба намуди дигари хизматрасонӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Оё Шумо ягон намуд имтиёз ё тахфиф барои пардохти ҳаққи [ХИЗМАТРАСОНӢ] доред?

**Рамзи 1- «ҳа» - қайд карда мешавад, агар хонавода ягон намуд имтиёз ё тахфиф барои пардохти ягон намуд хизматрасонии номбаршуда, <u>дошта бошад</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 1 – «ҳа» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин намуди хизматрасонӣ идома меёбад.**

**Рамзи 2- «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода ягон намуд имтиёз ё тахфиф барои пардохти ягон намуд хизматрасонии номбаршуда, на<u>дошта бошад</u>. Дар мавриди қайд намудани рамзи 2 – «не» пурсиш барои хонавода аз рӯи ҳамин намуди хизматрасонӣ ба итмом расида, гузариш ба намуди саволи 4 амалӣ мегардад.**

Саволи 3. Ҳаҷми тахфиф барои [ХИЗМАТРАСОНӢ] чи гуна аст?

**Дар ҷавоб ба саволи 3 хонавода нишон медиҳад, ки аз рӯи кадом хизматрасонӣ (дар саволи 2 нишон дода шуда) тахфифи ё имтиёз барои пардохти ягон намуд хизматрасонӣ дорад ва ҳаҷми он чӣ қадар аст (бо маблағи сомонӣ). Дар ин ҷо ҳамаи имтиёз ё тахфифҳои барои аъзоёни хонавода муайянгардида (агар чунин бошад) ба назар гирифта мешавад: имтиёз барои маъюбӣ, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барои камбизоатӣ ва ғайраҳо.**

**Дар мавриде, ки хонавода оид ба доштани имтиёз ё тахфиф аз рӯи ягон намуд хизматрасонӣ маълумот диҳад (дар саволи 2), вале дар нишон додани ҳаҷми он мушкилӣ дорад ё дар хотир надорад/намедонад, рамзи 99- «намедонам» қайд карда мешавад.**

Саволи 4. МОҲИ ГУЗАШТА, чӣ қадар маблағ барои [ХИЗМАТРАСОНӢ] пардохт намудед?

**Дар ҷавоб ба саволи 4 аз рӯи ҳар намуд хизматрасонӣ хонавода нишон медиҳад, ки моҳи гузашта чӣ қадар маблағ (сомонӣ) пардохт намудааст.**

Саволи 5. Ин пардохт барои чанд моҳ амалӣ гардид?

**Дар ҷавоб ба ин савол дар алоҳидагӣ барои ҳар намуд хизматрасонӣ муайян карда мешавад, ки барои чанд моҳ пардохт шудааст. Мисол, пурсиш дар хонавода моҳи март амалӣ гардид ва хонавода дар ҷавоб ба саволи 5 нишон додааст, ки моҳи гузашта (моҳи феврал) аз рӯи намуди хизматрасонии «таъмини оби гарм» - 250 сомонӣ пардохт намудааст, ки барои <u>2 моҳ</u> (январ ва феврал) мебошад. Дар ин маврид дар сатри «таъмини оби гарм» рақами «2» навишта мешавад.**

*Агар иҷора набошад, арзиши хонаи шумо барои иҷора додан дар як моҳ чанд аст?*

*Агар иҷора набошад, хонаи худро чанд пул фурӯхта метавонед?*

## 5.4 Модули 11. Даромади аз музди меҳнат вобаста набуда

***(ҳар як намуди даромадро алоҳида хонед, барои ҳар як банд ҷавобро қайд кунед, сипас ба сарчашмаи дигари даромад гузаред, пеш аз ба саволи 2 ҷавоб навиштан.)***

Даврияти пур кардани модули 11. Даромади аз музди меҳнат вобаста набуда ҳар семоҳа мебошад.

**Дар мавриди ҷавоб додан ба ин модул рӯйхати намуди даромад ва сарчашмаи даромад ба хонавода пешниҳод карда мешавад (ҳамагӣ - 26 намуд ва сарчашмаи даромад). Хонавода оиди ҳар як намуди даромад ва сарчашмаи он дар алоҳидагӣ пурсида шуда, дар барномаи электронӣ (планшет) қайд карда мешавад.**

**Дар чоркунҷаҳои махсус ҷудо кардашуда рамзи намуди даромад ва сарчашмаи он ва рамзи Таснифоти истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо (ТИИҲ) барои ҳар як намуди даромад ва сарчашмаи он дар алоҳидагӣ пешакӣ дар саволномаи электронӣ (планшет) ҷойгир карда шудааст.**

Дар модули 11 **маблағҳое ба назар гирифта мешаванд, ки аз музди меҳнат (ҳама намуд) вобастагӣ надоранд, яъне аъзоёни хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз дигар сарчашма дар шакли музди меҳнат (маош) маблағ нагирифтаанд.**

**Рӯйхати намуди намуди даромад ва сарчашмаи он чунин аст:**

| Р.т | Намуди даромад | Сарчашмаи даромад |
|---|---|---|
| **1.** | **Нафақаи меҳнатӣ** | **Нафақа аз рӯи синну сол ё нафақа дар асоси собиқаи корӣ** |
| **2.** | **Нафақаи меҳнатӣ** | **Нафақа аз рӯи маъюбӣ** |
| **3.** | **Нафақаи меҳнатӣ** | **Нафақа дар ҳолати аз даст додани парастор** |

| Р.т | Намуди даромад | Сарчашмаи даромад |
|---|---|---|
| **4.** | **Нафақаи меҳнатӣ** | **Нафақа барои хизмати махсус** |
| **5.** | **Кӯмакпулӣ барои оилаҳо** | **Кӯмакпулии яквақта ҳангоми таваллуди кӯдак** |
| **6.** | **Кӯмакпулӣ барои оилаҳо** | **Кӯмакпулӣ барои кӯдакони аз 0 то 18 моҳа** |
| **7.** | **Кӯмакпулӣ барои оилаҳо** | **Ҷубронпулӣ барои оилаҳои камбизоат, ки фарзандонашон дар мактаб таҳсил мекунанд** |
| **8.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Кӯмаки иҷтимоӣ** |
| **9.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Кӯмакпулӣ барои бекорӣ** |
| **10.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Ҷубронпулӣ барои пардохти газ ва қувваи барқ** |
| **11.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Рухсатии ҳомиладорӣ** |
| **12.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Кӯмакпулӣ барои маросими дафн** |
| **13.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Ҷубронпулӣ ба иштирокчиёни садамаи Чернобил** |
| **14.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Собиқадорони ҷанги Афғонистон** |
| **15.** | **Дигар кӯмакпулиҳо** | **Ягон кӯмакпулии дигар, ки дарҷ нашудааст** |
| **16.** | **Тӯҳфаҳо ва хайрия** | **Тӯҳфаҳои пулӣ (дар ягон ҷо ба ҳисоб гирифта нашуда)** |
| **17.** | **Тӯҳфаҳо ва хайрия** | **Интиқоли маблағи хайрия (дар ягон ҷо ба ҳисоб гирифта нашуда)** |
| **18.** | **Интиқоли маблағ** | **Интиқоли маблағ дар дохили Тоҷикистон** |
| **19.** | **Интиқоли маблағ** | **Интиқоли маблағ берун аз Тоҷикистон (аз хориҷа)** |
| **20.** | **Дигар даромадҳо** | **Даромад аз фурӯши чорво** |
| **21.** | **Дигар даромадҳо** | **Даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул** |
| **22.** | **Дигар даромадҳо** | **Даромад аз иҷораи амволи ғайриманқул** |
| **23.** | **Дигар даромадҳо** | **Даромад аз моликият** |
| **24.** | **Дигар даромадҳо** | **Дивидендҳо** |
| **25.** | **Дигар даромадҳо** | **Даромад аз фурӯши коғазҳои қиматнок** |

| Р.т | Намуди даромад | Сарчашмаи даромад |
|---|---|---|
| **26.** | **Дигар даромадҳо** | **Афзоиши амонат дар бонк (ҳисобкунии фоизӣ)** |

**Ҳамаи маблағҳои қайдгардида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Даромади пулӣ бо арзи хориҷӣ аз рӯи қурби расмии асъори хориҷӣ, ки дар санаи гирифтани даромад қарор дошт, ба ҳисоби сомонӣ (воҳиди пули миллӣ) гардонда мешавад.**

**Пеш аз ҷавоб додан ба ин савол, иқтисодчии таҳқиқоти буҷаи хонавода бояд бо мазмун ва маънии баъзе мафҳумро шинос бошад:**

Нафақаи меҳнатӣ ва иҷтимоӣ: **нафақаи давлатӣ аз рӯи синну сол, маъюбӣ, маҳрум шудан аз сарпараст, нафақаи иҷтимоӣ (нигоҳубини пиронсолон), нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаи онҳо, нафақаи шахсӣ, нафақаи хизмати бисёрсола, нафақаи иштирокчиёни ҷанг, маъюбони ҷанг ва дигар нафақаҳо.**

Кӯмакпулӣ:

**Ин намуди даромад пеш аз ҳама кӯмакпулии суғуртаи иҷтимоӣ (масалан, кӯмакпулии корношоямии муваққатӣ, ҳамлу таваллуд, ҷароҳат бардоштан, нигоҳубини бемор)- ро дар бар мегирад.**

**Ҳамаи кӯмакпулиҳое, ки барои таваллуд ва нигоҳубини кӯдак дода мешаванд, ба моддаи ҷудогонаи кӯдакпулии модарони серфарзанд ва танҳо ва дигар кӯмакпулиҳои кӯдакон ҷудо карда шудаанд. Масалан, дар ҷумҳурӣ чунин кӯмакпулиҳо ҷорист: кӯмакпулии якборина, ки баъди таввалуди ҳар кӯдак дода мешавад; кӯмакпулии нигоҳубини кӯдак то 1,5-солагӣ; кӯмакпулӣ барои оилаҳои мӯҳтоҷе, ки фарзандонашон дар мактаби миёна мехонанд, кӯмакпулӣ ба фарзандони модарони танҳо, ки фарзандони то 16-сола доранд (ба талабаҳое, ки то 18-солагӣ стипендия намегиранд); кӯмакпулӣ ба кӯдакони бевазану бевамардҳо аз қабили собиқ тарбиягирандаҳои сағирахонаҳо (мактаб-интернатхо); кӯмакпулӣ ба кӯдакони хизматчиёни ҳарбии хизмати ҳатмӣ; кӯмакпулӣ ба кӯдакони то 16-сола, ки аз вируси каммасунияти одам сироят ё ба бемории СПИД гирифтор шудаанд; кӯмакпулӣ ба кӯдакони ноболиғ, ки волидайнашон аз додани алимент саркашӣ мекунанд; кӯмакпулӣ ба кӯдаконе, ки таҳти васоят мебошанд ва дигар кӯмакпулии кӯдакон.**

**Кӯмакпулии бекорӣ алоҳида ҷудо карда шудааст: кӯмакпулие, ки шаҳрвандони синни қобили меҳнати бекор мегиранд. Шахсони қобили меҳнате бекор ҳисоб мешаванд, ки кор намекунанду даромад надоранд (ғайр аз маблағе, ки барои иҷрои корҳои ҷамъиятӣ бо роҳи хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ дода мешавад) ва дар хадамоти шуғли аҳолӣ барои пайдо кардани кори муносиб ба қайд гирифта шудаанд.**

**Ба ҷумлаи дигар кӯмакпулиҳо дохил карда шудаанд: пуле, ки ба донишҷӯёни ба рухсатии академӣ рафта дода мешавад; кӯмакпулии якборина ба фирориён ва муҳоҷирони иҷборӣ; кӯмакпулӣ барои дафни маит; кӯмакпулӣ ба ашхоси қобили меҳнат, ки ба маъюбони гурӯҳи 1, пиронсолон ва кӯдакони маъюб нигоҳубин мекунанд; кӯмакпулӣ ба занони бекори хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кӯмакпулиҳое, ки мақомоти ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ мепардозанд, инчунин кӯмакпулиҳои якборина, ки корхонаю ташкилотҳо, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ медиҳанд.**

Тӯҳфа ва хайрия: **маблағе, ки аз хешовандону ошноён ҳамчун кӯмаки моддӣ (пулӣ) ва тӯҳфа гирифта шудааст, мебошад.**

Даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул: **маблағе, ки аз фурӯши молумулк, хона, квартира, қитъаи замин ва дигар мулки ғайриманқул, ки ба аъзои хонавода ҳамчун моликият тааллуқ дорад (ин ҷо маблағи иловае, ки мавриди ивази манзил дода мешавад, низ ба ҳисоб гирифта мешавад) мебошад.**

Даромад аз фурӯши чорво: **даромаде, ки аз фурӯши маҳсулоти хоҷагии шахсии ёрирасон (растанипарварӣ ва чорводорӣ), чорвою мурғ, инчунин аз фурӯши маҳсулоти ҷангал ва сӯзишворӣ, ки худи аҳли хонавода тайёр кардааст, ба даст меояд.**

Даромад аз фурӯши қоғазҳои қиматнок: **даромад аз фурӯши ҳамаи намудҳои коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо, вомбаргҳо, баротҳо, аз он ҷумла хусусишуда), инчунин даромад аз фурӯши арзҳои хориҷии озодона мубодилашаванда.**

Даромад аз моликият: **маблағи фоизи пасандози пулӣ, инчунин фоизи истифодаи маблағе, ки ба шахси ҷудогона қарз дода мешавад; ҳаққи саҳмия ва дигар коғазҳои қимматнок; даромад дар шакли рентаи замин ва ғайра.**

**Бояд дар назар дошт, ки даромади иҷораи манзил, гараж, автомобил, компютер ва дигар техника, мебел, даромад аз фарсуда шудани моликият мувофиқи консепсияи раванди ҳисобҳои миллӣ ба фаъолияти истеҳсолии хонавода дохил мешавад, бинобар ин дар тадқиқи зикршуда тавсия дода мешавад, ки намуди даромад дар таркиби дигар мадохилот дар сатри алоҳида қайд карда шавад.**

Дигар мадохилот: **маблағи яквақта ба собиқадорони меҳнат, ки ба рухсатӣ меравад; маблағе, ки хизматчиёни ҳарбӣ баъди озод шудан аз хизмат мегиранд; музди донорхо; музди рухсатии таҳсил, ки ба кормандони дар донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсуси шабона ва ғоибона, аспирантураи ғоибона таҳсилдошта, инчунин ба аспирантура дохилшаванда дода мешавад; маблағе, ки корхонаҳо ба мутахассисони ҷавони донишкадаи олӣ ё миёнаи махсусро хатмкарда дар давраи рухсатӣ пеш аз шурӯъ кардан ба кор медиҳанд; арзиши мадохилоти натуравӣ, ки ба фонди ҳаққи меҳнат дохил намешаванд (васоити ҳифзи шахсӣ, собун ва дигар маводи шустушӯй, васоити безараркунанда, шир ва ғайра) ва дигар мадохилот.**

Саволи 1. Оё дар давоми 30 РӮЗИ ОХИР ягон касе аз хонаводаи шумо аз [САРЧАШМА]-ҳои зерин маблағ ба даст оварда буд?

**Иқтисодчии буҷаи хонавода ҳар як намуд ва сарчашмаи даромадро дар алоҳидагӣ номбар карда, аз аъзоёни хонавода оиди ҳолатҳои ба даст овардани ягон маблағ аз рӯи номгӯи пешниҳодшуда, муайян мекунад.**

**Рамзи 1 – «ҳа» - қайд карда мешавад, агар ягон аъзои хонавода дар давоми 30 рӯзи охир аз ягон намуд сарчашма маблағ <u>ба даст оварда/гирифта бошад.</u> Мисол, хонавода нишон додааст, ки дар давоми 30 рӯзи охир нафақа аз рӯи синну сол (сардори хонавода), кӯмакпулӣ барои кӯдакони аз 0 то 18 моҳа (келини хонавода), интиқоли маблағ берун аз Тоҷикистон (аз хориҷа) - аъзои хонавода дар муҳоҷирати меҳнатӣ (дар Русия), даромад аз иҷораи амволи ғайриманқул» (манзили иловагии истиқоматӣ) ва афзоиши амонат дар бонк (ҳисобкунии фоизӣ) маблағ ба даст оварданд. Дар ин маврид дар сатрҳои дахлдори «нафақа аз рӯи синну сол», «кӯмакпулӣ барои кӯдакони аз 0 то 18 моҳа», «интиқоли маблағ берун аз Тоҷикистон (аз хориҷа)», «даромад аз иҷораи амволи ғайриманқул» ва «афзоиши амонат дар бонк (ҳисобкунии фоизӣ)» рамзи 1 – «ҳа» қайд**

**карда шуда, пурсиш аз рӯи ин сатрҳо идома меёбад, яъне гузариш ба саволи 2 амалӣ мегардад.**

**Рамзи 2 - «не» - қайд карда мешавад, агар хонавода аз ягон намуд ва сарчашмаи даромад маблағ гирифта набошад. Дар ин маврид пурсиш аз рӯи ин намуд ва срчашмаи даромад ба итмом расида, гузариш ба сарчашмаи навбатӣ амалӣ мегардад.**

Саволи 2. Хонаводаи шумо аз [САРЧАШМА] чӣ қадар маблағ дар 30 РӮЗИ ОХИР ба даст овард?

**Дар ҷавоб ба ин савол бояд аниқ карда шавад, ки аз рӯи ҳар як сарчашмаи маблағи дар саволи 1 рамзи 1 - «ҳа» карда гардида, чӣ қадар маблағ (сомонӣ) ба даст оварда шуд.**

**Дар мисоли мо, хонавода муайян ва аниқ мекунад, ки дар давоми 30 рӯзи охир нафақа аз рӯи синну сол ба маблағи 300 сомонӣ, кӯмакпулӣ барои кӯдакони аз 0 то 18 моҳа ба маблағи 50 сомонӣ (барои як кӯдак), интиқоли маблағ берун аз Тоҷикистон (аз хориҷа) ба маблағи 5 ҳазор рубли Русия ё 675 сомонӣ (бо қурби як рубли Русия 0,135 сомонӣ), даромад аз иҷораи амволи ғайриманқул (ба иҷора додани манзили истиқоматии иловагии хонавода) ба маблағи 1200 сомонӣ ва аз афзоиши амонат, ки дар бонк гузошта шуда буд, ба маблағи 250 сомонӣ даромад ба даст овардааст.**

**Дар ин маврид дар сатри «нафақа аз рӯи синну сол» рақами «300», дар сатри «кӯмакпулӣ барои кӯдакони аз 0 то 18 моҳа» рақами «50», дар сатри «интиқоли маблағ берун аз Тоҷикистон (аз хориҷа)» рақами «675», дар сатри «даромад аз иҷораи амволи ғайриманқул» рақами «1200» ва дар сатри «афзоиши амонат дар бонк (ҳисобкунии фоизӣ)» рақами «250» навишта мешавад.**